## МАСЛИҲАТ БА ДОНИШҶӮЁН

Китоби Аъмол ба мо оиди он нақл мекунад, ки ҷамоати ибтидоӣ ҳангоми иҷрои Вазифаи Бузург бо кадом душвориҳо дучор шуд. Дар он гуфта мешавад, ки чӣ гуна хушхабар барои худ ба ғарб роҳ мекушод, то он даме ки ниҳоят ба Рум расид. Ин китоб одамону деҳаҳоро тасвир мекунад. Дар он ҳамчунин қоидаҳои гуногун ҷой доранд. Ин китобест, ки ба мо нақшаи муждарасонии умумиҷаҳониро ошкор мекунад.

Омӯзиши китоби Аъмол ба шумо, умуман осон, ва бо вуҷуди ин шавқовару дилкаш хоҳад буд. Муаллифи ин китоб омӯзиши чуқури китоби Аъмолро мақсад нагузоштааст. Курси мазкур шарҳи босуръати ҳодисаҳое хоҳад буд, ки тамоми таърихро то охирзамон дигаргун сохтанд. Мо боварӣ дорем, ки ин курс ба шумо фоида ва баракат меоварад.

## ДАРСҲО БАРОИ ОМӮЗИШ

1. Навиштаи Пок
2. Фаро расидани рӯзи иди Пантикост
3. Ғалаба ва санҷишҳо
4. Риёзаткаш ва муждабар
5. Ду боваркунии аҳамиятнок
6. Азиятҳои зиёдшудаистода
7. Кишварҳои дур
8. Сафари дуюм
9. Паҳншавии минбаъдаи Инҷил
10. Ҳабси Павлус
11. Муроҷиат ба қайсар
12. Хатарҳо ва зиндон

### Маводро чӣ хел омӯхтан лозим аст?

Ба Худованд бо дуо муроҷиат намоед, то дили шуморо барои фаҳмидани ҳақиқатҳо кушояд. Ҳатман поварақҳо аз Навиштаи Покро аз назар гузаронед ва ҳамаи порчаҳои китоби Аъмолро, ки дар ҳар як дарс омӯхта мешавад, хонед.

Барои он ки ба баъзе саволҳо ҷавоб диҳед, бояд порчаҳои ишорашудаи Навиштаи Покро бо диққат хонда, оятҳои зарурииро аз ёд кунед.

Шумо метавонед ин курсро барои хониши ҳаррӯзаи рӯҳонӣ истифода баред.

Ҳар як дарс ба параграфҳо барои хониш тақсим шудааст, ки шумо метавонед ҳар рӯз, ҳангоми омӯзиши ин курс, оиди он мулоҳиза намоед. Агар ба ин нақша пайравӣ кардан хоҳед, барои дувоздаҳ ҳафта ба қадри кофӣ мавод хоҳед дошт.

**Имтиҳонҳо**

Ҳар як имтиҳон ду дарсро дар бар мегирад. (Масалан, имтиҳони якум дарси 1 ва 2-ро дар бар мегирад). Ҳар имтиҳон аниқ ишора карда шудааст, то ки ба кадом дарс тааллуқ доштани саволҳо ба шумо нишон дода шавад. Шумо метавонед ба саволҳои имтиҳон дар ду давр ҷавоб диҳед. Пас аз дарси якум метавонед ба саволҳои он қисми имтиҳон ҷавоб диҳед, ки ба ин дарс тааллуқ дорад.

**1. Саволҳо барои мулоҳиза ва тадқиқот**

Саволҳои баъзе имтиҳонҳо чунин тартиб дода шудаанд, ки шумо барои омӯхтани худи Навиштаи Пок кӯшиш кунед. Барои ба ин саволҳо ҷавоб додан аз Навиштаи Поки худ истифода бурда метавонед. Онҳо ба таври махсус ишора шудаанд.

**2. Саволҳо аз қабили “Шумо дар ин бора чӣ мегӯед?”**

Саволҳое ки чунин сарлавҳа доранд, баҳо дода намешаванд, ва шумо метавонед ба онҳо бо хости худ ҷавоб гӯед. Дар ҷавоби ин гуна саволҳо шумо метавонед озодона фикри худро баён кунед. Ҷавобҳои самимии шумо ба дастурдиҳанда ёрӣ медиҳанд, ки шахсияти шуморо хубтар шиносад. Онҳо ҳамчунин барои фаҳмидани самаранокии умумии курси додашуда ба мо ёрӣ медиҳанд.

**3. Корҳои шумо чӣ гуна баҳо дода мешаванд?**

Ҳамаи ҷавобҳои нодуруст аз ҷониби дастурдиҳандаи шумо қайд карда мешаванд. Ҳамчунин ишора карда мешавад, ки дар куҷои Навиштаи Пок ва китоби дарсӣ ҷавобҳои дурустро ёфта метавонед.

**Ташкилшавии гурӯҳ**

Агар шумо дар синф таълим мегирифта бошед, супоришҳоро ба роҳбар ё ба котиби гурӯҳ супоридан лозим мешавад, ки онҳо ҳамаи супоришҳоро сарҷамъ ба Мактаби Ғоибона равон кунанд.

Роҳбарони гурӯҳҳо пешниҳодҳои махсусро барои истифодаи варақҳои санҷишӣ ҳангоми омӯзиши гурӯҳӣ бояд омӯзанд. Пешниҳодҳои додашуда дар аввали ҷавобҳои асосӣ ва саволҳо барои худтафтишкунӣ дар охири китоб ҷойгир шудаанд.

**Пешниҳодҳои умумӣ**

Омӯзишро бетаъхир ё, агар зимни гурӯҳ меомӯхта бошед, пас аз ҷамъ шудани он сар кунед. Кӯшиш кунед, ки ҷадвали машғулиятҳоро мунтазам риоя кунед. Шумо бояд ин курсро аз вақти дохил шудан ба гурӯҳ дар муддати на зиёда аз як сол ба охир расонед.

**ДАРСИ ЯКУМ**

## *КИТОБИ НАВИШТАИ ПОК*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 1:8; 2Тимотиюс 3:16,17. Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Тамоми Навиштаи Пок Сухани Худо мебошад ва Ҳар як қисми он муҳим аст.
2. Китоби Аъмол ба мо оиди амали Рӯҳи Пок ҳикоят мекунад
3. Масеҳ зинда аст ва метавонад ҳар рӯз ба мо ёрӣ расонад.

## ПАЙМОНИ НАВИН

Паймони Навин аз 27 китоб иборат аст, ки онҳоро ҳашт муаллифони гуногун навиштаанд. чор китоби он оиди Худованд Исои Масеҳ (Инҷилҳо) ҳикоят мекунанд ва яктоаш (Аъмол) –оиди ҷамоати ибтидоӣ. Бисту як китоби дигар  номаҳо ва ё номаҳоеанд, ки ба ҷамоатҳо ё шахсони муайян навишта шудаанд. Китоби охирин, Ваҳй, оиди оянда гап мезанад.

Аъмол китоби хеле муҳим аст, чунки оиди чӣ гуна ташкил ва равнақу ривоҷ ёфтани ҷамоат ҳикоят мекунад. Дар Инҷилҳо мо оиди ҳаёт ва марги Масеҳ (Марқӯс 1:1) ва оиди он мехонем, ки чӣ гуна пас аз дубора зинда шудани Худ Ӯ ба шогирдон фармуд, ки ба тамоми ҷаҳон рафта, хушхабарро паҳн кунанд (Матто 28:18-20). Номаҳои Павлус ва фиристаҳои дигар ба ҷамоатҳое навишта шудаанд, ки дар гӯшаҳои гуногуни замин ҷойгир буданд (1Қӯринтиён 1:1,2). Китоби Аъмол ба мо оиди он нақл мекунад, ки чӣ гуна шогирдон ба Худованд дар паҳн кардани хушхабар итоат намуданд, ва чӣ гуна ҷамоатҳо ташкил меёфтанд.

## КИТОБИ АЪМОЛ

Номи қадимаи ин китоб оддӣ мебошад, Аъмол. Одамон онро Аъмоли Фиристаҳо номиданд, вале танҳо Петрус ва Павлус дар он бештар назаррасанд, дигар фиристаҳо бошанд кӯтоҳ ёдовар мешаванд. Шахсияти воқеие ки дар худи фиристаҳо амал мекунад ва ба воситаи онҳо ба атроф таъсир мерасонад, Рӯҳи Пок аст, ки дар ин китоб қариб ҳафтод бор зикр шудааст. Аъмоли Рӯҳи Пок барои ин китоб номи беҳтар мебуд.

Масеҳ ваъда дода буд, ки Падар Рӯҳи Покро мефиристад (1:8) ва ин ваъда пас аз чанд рӯз иҷро шуд (2:4). Петрус аз Рӯҳи Пок пур шуд, вақте назди саркоҳин ҳозир гашт (4:8) ва худи Ҳамин чиз бо Истефанус рӯй дод, вақте яҳудиён мехостанд ӯро ба қатл расонанд (7:55). Шумо метавонед бисёр оятҳоеро монанди ин ёбед, ки оиди амалҳои Рӯҳи Пок ҳикоят мекунанд.

## КИТОБИ АЪМОЛРО КӢ НАВИШТААСТ?

“Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист” (2Тимотиюс 3:16) ва “муқаддасони Худо, бо таҳрики Рӯҳи Пок, онро ба забон рондаанд” (1Петрус 1:21). Ин ва садҳо оятҳои дигар ба мо нишон медиҳанд, ки Худо ҳамон Шахсиятест, ки ба муаллифони гуногун он чиро, ки дар Навиштаи Пок бояд нависанд, мегуфт. Бо вуҷуди ин оиди муаллифон бисёртар донистан шавқовар аст.

Луқо табиб буд (Қӯлассиён 4:14) ва дар якчанд сафарҳои дарозмуддат ба Павлус ҳамроҳӣ мекард. Оиди ин сафарҳо нақл карда, Луқо калимаи “мо”-ро истифода мебарад, то он чиро, ки ӯ ва Павлус мекарданд ва дар куҷо буданд, тасвир намояд. Дар дигар қисмҳои китоб вай ба тарзи оддӣ мегӯяд, ки “ӯ” ё “онҳо” ин ё он корро карданд (16:10; 20:6; 27:1-ро хонед). Вай ҳамчунин дар охири умри Павлус ҳамроҳи ӯ буд, маҳз пеш аз он ки Павлус барои паҳн намудани хушхабар ба қатл расонда шуд (2Тимотиюс 4:10).

## БАРОИ ЧӢ ЛУҚО КИТОБИ АЪМОЛРО НАВИШТ?

Луқо Инҷили Луқоро навишт, ки чун номае буд ба Теофилус ном шахси мӯҳтарам. Дар он ӯ оиди он чи Исо аз аввали фаъолияташ мекард ва таълим медод, сухан меронд (Аъмол 1:1). Шумо метавонед фикр кунед, ки азбаски Инҷил бо марги Масеҳ хотима меёбад, пас дигар ҳоҷати гап низ нест. Вале Луқо ин китобро барои он навишт, то ба Теофилус онро нақл кунад, ки Масеҳ пас аз маргаш низ амал мекард ва таълим медод. чунки Масеҳ на танҳо барои гуноҳҳои мо мурд, балки дубора зинда шуд ва сипас ба осмон баргашт. Аз осмон Ӯ ба шогирдон ёрӣ расониданро давом медод (Марқӯс 16:20).

Мо одатан оиди хизмати хотимавии Масеҳ дар салиб сухан меронем. Бо вуҷуди ин хизматгузории ҳанӯз "анҷомнаёфта"-и ӯро дар осмон, ки барои мо дуо мекунад, роҳбарӣ менамояд, роҳ нишон медиҳад ва ба мо мадад мерасонад, ҳаргиз аз ёд набароред. Луқо дар ин китоби дуюми худ кӯшиш мекунад, ки ба мо оиди ин хизматгузории Масеҳ нақл кунад, ҳангоме ки Ӯ ба осмон боло рафт (Ибриён 7:25).

## ДАР КИТОБИ АЪМОЛ ОИДИ ЧӢ СУХАН МЕРАВАД?

Мо ба он аҳамият додем, ки китоби Аъмол нақлест оиди хизматгузории Масеҳ дар байни халқи Худ ва ба воситаи ин халқ, ки дар ин замин аст. Ӯ ба онҳо дар 1:8 мегӯяд, ки онҳо дар Уршалим, Яҳудо, Сомария ва то канорҳои замин шоҳидони Ӯ хоҳанд буд. Ин яке аз оятҳои асосии ин китоб мебошад.

Уршалим шаҳри муқаддаси исроилиён буд, ки дар сарзамини Яҳудо воқеъ буд. Дар ҳамсоягӣ кишвари Сомария ҷойгир буд, аммо яҳудиён бо сомариён муносибати хуб надоштанд. Барои ҳамин Масеҳ ба шогирдон фармуд, ки оиди Ӯ аввал дар ватани худ, ҷое ки онҳо истиқомат мекарданд, гувоҳӣ диҳанд. Баъд онҳо бояд назди ҳамсоягони наздики худ мерафтанд, гарчанде онҳоро дӯст намедоштанд. Ва пас аз он онҳо мебоист ба тамоми ҷаҳон паҳн шуда, ба одамон оиди Худованд нақл

мекарданд. Марқӯс 16:15,16 ва Луқо 24:46-48-ро хонед. Агар шумо наҷот ёфта бошед, Масеҳ умедвор аст, ки шумо дар ҳама ҷо оиди Ӯ гувоҳӣ медиҳед ва агар Ӯ шуморо даъват кунад, тайёр ҳастед чун миссионер ба кишвари дур равед.

## ДАР КИТОБИ АЪМОЛ ОИДИ КӢ СУХАН МЕРАВАД?

Дар ҳоле ки қаҳрамонҳои асосии китоби Аъмол Петрус (бобҳои 1-12) ва Павлус (бобҳои 13-28) ба ҳисоб мераванд, дар китоб қариб 80 шахсияти дигар низ зикр шудаанд. Баъзеяшон хеле машҳур буданд, мисли Юҳанно (3:1), ки панҷ китоби Паймони Навинро навиштааст, ё Тимотиюс (16:1-3), ки ҳамроҳи Павлус бисёр сафар мекард. Дигарон машҳур нестанд, аммо номҳои онҳо низ зикр шудаанд (масалан 20:4). Ҳар яке дар паҳн кардани хушхабар саҳми худро гузоштааст. Ҳар як масеҳӣ бояд донад, ки Худо аз ӯ чиро интизор аст… ва онро ба ҷо оварад.

## ДАРСИ ДУЮМ

## *ФАРО РАСИДАНИ РӮЗИ ИДИ ПАНТИКОС (1-2)*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 1:8; 2:24.

Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Бисёриҳо оиди дубора зинда шудани Масеҳ гувоҳӣ мерасонданд.
2. Масеҳ ба осмон боло рафт ва ҳоло дар тахти шукӯҳ нишастааст, вале ваъда дод, ки бозмегардад.
3. Ӯ ба мо фармуд, ки оиди Ӯ дар тамоми замин гувоҳӣ диҳем.
4. Худо дили ҳамаи одамонро медонад.
5. Рӯҳи Пок тӯҳфаи дуюми Худо ба одамон мебошад.
6. Рӯҳи Пок барои гувоҳӣ додан оиди Масеҳ қувват мебахшад.
7. Ӯ ҳамчунин ба ҷамоат дар ситоиши Худо ёрӣ мерасонад.

## ХУДОВАНД ИСОИ МАСЕҲ БА ОСМОН БОЛО МЕРАВАД

### 1. Масеҳ дубора зинда шуд (Аъмол 1:1-3)

Масеҳ аз мурдагон зинда шуд, ва ин ҳақиқатан ҳодисаи аҷоиб аст. Азбаски Ӯ Писари Худост, дар қабр мондани Ӯ тамоман имконнопазир буд. Мо аз дубора зинда гардидани Ӯ дилпур буда метавонем, зеро шоҳидони бисёре буданд, ки Ӯро дар муддати чил рӯз, пас аз зинда шудан ва пеш аз ба осмон боло рафтанаш диданд. Баъзе аз ин одамон, масалан, Матто, Юҳанно ва Петрус китобҳое навиштаанд, ки оиди Исои аз мурдагон бархоста нақл мекунанд. Худо ҳамаи ин китобҳоро муддатҳои дароз нигоҳ дошт, ва ҳоло мо онҳоро дар Навиштаи Поки худ дорем. Бинобар ин мо боварии комил дошта метавонем, ки Исо мурд ва дубора зинда шуд.

Азбаски Исо аз мурдагон бархост, ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Худо хизматгузории Ӯро дар рӯи салиб

писандид. Пас, одамон рафтори даҳшатовар карданд, вақте Ӯро куштанд. Вале Ӯро чун Наҷоткор қабул накардан гуноҳи аз ин ҳам бештар мебошад. Оё шумо дар ҳақиқат Ӯро чун Наҷоткор ва Худованди шахсии худ қабул кардаед?

**2. Фармудаҳо ва ваъдаҳо (1:4-8)**

Пеш аз ба осмон боло рафтанаш Масеҳ ба шогирдон фармуд, ки муддате дар Уршалим монанд. Шояд, онҳо ба хонаҳояшон баргашта, тӯрҳои моҳигирии худро тайёр карданӣ буданд. Ё, шояд, онҳо мехостанд дарҳол ба ҳама оиди Худованд Исои Масеҳ нақл кунанд, ки чӣ гуна Ӯ барои гуноҳҳои мо мурд ва дубора зинда гардид. Ӯ пешакӣ ба онҳо фармуда буд, ки ба тамоми канорҳои замин рафта, хушхабарро ба ҳама одамон расонанд. Вале вақту соат барои ин Ҳоло нарасида буд, ва барои ҳамин Ӯ ба онҳо фармуд, ки муддате интизор шаванд.

Гуфтаҳои Исоро иҷро намудан хеле муҳим аст, ҳатто агар мо сабаби онро намфаҳмем ҳам. Гоҳо мо вақти муайянеро интизор нашуда, шитобон барои Худованд ягон кореро иҷро кардан мехоҳем. Аммо мо бояд чиро иҷро намоем, ки Ӯ мехоҳад, ва маҳз дар он ҳангоме ки Ӯ онро хоҳон аст.

Сипас Ӯ ба онҳо аҷоибтарин атоеро ваъда намуд. Ӯ гуфт, ки онҳо, бо вуҷуди дониста натавонистани вақти фаро расидани Подшоҳии Худо, баъд аз чанд рӯз Рӯҳи Поки Худоро қабул мекунанд, ки ҷовидона бо онҳо хоҳад монд. Рӯҳи Пок ба онҳо қувват мебахшад, то ки дар ҳама ҷо гашта оиди Исо гувоҳӣ диҳанд.

Дар ояти 8 шогирдон ба фармудаи Худо итоат намуданд. Мо дар бобҳои 1–7-и Аъмол мебинем, ки онҳо дар шаҳри Уршалим хушхабар паҳн мекарданд. Сипас дар бобҳои 8-12 онҳо дар Яҳудо ва Сомария оиди Худованд гувоҳӣ медоданд. Баъд аз ин, дар бобҳои 13-28, онҳо дар ҳама ҷойҳои дигар мужда мерасонданд, хусусан фириста Павлус ва онҳое ки бо ӯ сафар мекарданд.

### 3. Исо ба осмон боло меравад (1:9-11)

Мо дар Инҷили Юҳанно 1:14 мехонем, ки Калом, яъне Сухан (номи дигари Писари Худо) ҷисм гардид ва дар миёни одамон сокин шуд. Ӯ дар Юҳанно 16:28 мегӯяд, ки аз назди Падар ба ин ҷаҳон омадааст, ва ба қарибӣ назди Падар бармегардад. Дар ин дарс мо чӣ гуна ба осмон, назди Падар баргаштани Ӯро аз назар мегузаронем. Ин ба мо шодӣ мебахшад, чунки Исо Падари Худро дӯст медорад ва мо медонем, ки Падар Писари Худро дӯст медорад. Ӯ дар рӯи замин роҳи тӯлониеро тай намуд, то хости Падари Худро ба ҷо оварад. Дар осмон боз ҳамроҳ будан барои онҳо хеле шодибахш аст!

Шогирдон чунон ҳайрон шуда буданд, ки хомӯш истода ба осмон менигаристанд. Ду фаришта ба онҳо намоён шуда гуфтанд, ки худи ҳамин Исо, чуноне ки ба осмон боло рафт, ҳамин тавр бозмегардад. Касоне ки Исоро дӯст медоранд, ҳангоми бозгаштани Ӯ аз диданаш шод мегарданд. Аммо, агар шумо то ҳол наҷот наёфта бошед, ҳангоми бозгаштани Ӯ имконияти охирини худро гум мекунед. Пас чаро худи ҳозир Ӯро чун Наҷоткори худ қабул накунед?

### 4. Шогирдон ба Уршалим бармегарданд (1:12-14)

Исо аз кӯҳи Зайтун, воқеъ дар наздикии Байт-Ҳинӣ, ба осмон боло рафт. Фариштагон ба шогирдон гуфтанд, ки Ӯ албатта бозмегардад, ва баъд аз ин онҳо ба Уршалим, ки аз он ҷо дар масофаи се километр воқеъ буд, баргаштанд. Онҳо ҳамон тавре ки Худованд фармуда буд, дар Уршалим қарор гирифтанд ва рӯзҳоро дар дуову парастиш мегузаронданд. Дуо афзалияти аҷоибе мебошад, ва ҳар масеҳии ҳақиқӣ бояд ҳар рӯз дар дуо рӯи Худовандро ҷӯяд.

Ин шогирдон киҳо буданд? Дар Навиштаҷот ёздаҳ ном зикр мешавад ва мо мебинем, ки инҳо касонеанд, ки Худованд аз аввал интихобашон карда буд (Луқо 6:13-16). Вале яке аз дувоздаҳ шогирдони аввал дигар бо онҳо набуд. Ӯ пулро аз Худованд дида бештар дӯст медошт, ва ба

суханони шайтон гӯш дода, Исоро ба сӣ тангаи нуқра фурӯхт. Сипас, вақте Яҳудо ба кори кардааш сарфаҳм рафт, худкушӣ намуд.

Ҳамроҳи шогирдон якчанд занон дуову парастиш мекарданд, ки масеҳиёни ҳақиқӣ буда, ба Худованд пайравӣ менамуданд ва Ӯро дӯст медоштанд. Яке аз онҳо Марям, модари Исо буд, ва ҳамроҳи вай бародарони Ӯ буданд. Дар аввал бародарон ба Масеҳ боварӣ надоштанд (Юҳанно 7:5), аммо пас аз марг ва дубора зинда гардидани Ӯ дарк намуданд, ки Исо дар хақиқат Писари Худо, Наҷоткори олам буд.

**5. Интихоби шогирд ба ҷои Яҳудо (1:15-22)**

Петрус мефаҳмид, ки касе бояд ба ҷои Яҳудо, ки ба гуноҳ афтод ва худкушӣ намуд, интихоб шавад. Ӯ оятеро аз китоби Забур ба ёд овард, ки он "ҷои ӯро каси дигаре мегирад" мегӯяд. Ин ба мисли он нест, ки касе хизмати Худоро ба ҷо оварда, ба гуноҳ афтод ва ӯро бояд дигаре иваз кунад. Аммо Худо наметавонад дар хизмати Худ шахсеро истифода барад, ки дар гуноҳ зиндагӣ мекунад.

Ва он гоҳ онҳо ду шахсеро интихоб намуданд, ки ҳамчунин аз аввал бо Худованд Исои Масеҳ буданд ва шоҳиди маргу дубора зинда гардидани Ӯ буданд. Онҳо Юсуф ва Матёс ном доштанд.

**6. Дуо ва қуръа ба Матёс ишора мекунанд (1:23-26)**

Фиристаҳо ба Худое ки дили ҳамаи одамонро медонад, дуо карданд, сипас қуръа партофтанд, то бинанд, ки Худо киро интихоб намуд. Қуръа ба Матёс ишора намуд, ва ӯ ба шумораи фиристаҳо дохил гашт, гарчанде мо дигар оиди ӯ намешунавем. Акнун, ҳангоме ки ба бовардорон Рӯҳи Пок ҳадя шудааст, ба мо қуръа партофтан лозим нест, то хости Худоро фаҳмем. Мо дар дуо метавонем хости Ӯро фаҳмем. Ва дар ёд доред: Ӯ ки дилҳои моро медонад, ҳамчунин гуноҳҳои моро низ медонад. Агар мо ба номи Исо талаб кунем, Ӯ тайёр аст онҳоро бахшад.

## НОЗИЛ ШУДАНИ РӮҲИ ПОК

### 1. Аломатҳо: шамол, оташ, забонҳо (2:1-4)

Рӯзи Пантикост яке аз идҳои яҳудиён буд. Он панҷоҳ рӯз баъд аз иди Навбарҳо (Ҳосили аввал) ҷашн гирифта мешуд (Парастиш 23:16). Иди Навбарҳо чанде пас аз иди Фисҳ ҷашн гирифта мешуд. Худованд Исои Масеҳ дар рӯзи иди Фисҳ мурда буд. Дар 1:3 мо мебинем, ки Исо пас аз зинда шуданаш чил рӯз бо шогирдони Худ буд. Дере нагузашта, баъди ба осмон боло рафтани Масеҳ, Рӯҳи Пок ба замин фуруд омад.

120 нафар шогирдон якҷоя буданд, вақте садои шамолро шуниданд, забонаҳои оташро диданд ва бо забонҳое ки ҳеҷ вақт намедонистанд, гап заданро сар карданд. Чӣ гуна Рӯҳи Пок тавонист фуруд омада, байни одамоне қарор гирад, ки дилҳояшон аз гуноҳ ифлос шудааст? Ин танҳо баъди тоза шудани дилҳо имконпазир буд. Барои айби гуноҳро шустан чӣ лозим аст? Хуни Масеҳ! Агар Ӯ дар дили шумо сокин бошад, ба ягон гуноҳ дар он ҷо роҳ додан Ӯро ғамгин мекунад.

### 2. Гувоҳӣ бо забонҳои гуногун (2:5-11)

Исроилиён ба тамоми ҷаҳон пароканда шуда буданд, вале баъзеашон ба Уршалим, шаҳри муқаддаси худ, баргашта буданд. Хусусан ҳангоми ид бисёр мусофирон барои парастиш меомаданд. Тааҷҷуби ин одамонро ба худ тасаввур кунед, ҳангоме онҳо шогирдонеро, ки ба понздаҳ забони гуногун сухан меронданд, шуниданд.

Онҳо оиди чӣ сухан меронданд? “Оиди корҳои бузурги Худо” (ояти 11). Мо дар Юҳанно 16:13-14 мехонем, ки Рӯҳи Пок оиди Худ гап намезанад, балки Масеҳро ситоиш мекунад. Бинобар ин, ҳангоме шахси масеҳӣ аз Рӯҳи Пок пур аст, ӯ оиди худ ё Рӯҳ гап намезанад, балки оиди Масеҳ ва амалҳои ҳайратовари Худо сухан меронад.

Аммо баъзеҳо инро нафаҳмида фикр мекарданд, ки шояд шогирдон масти шаробанд. Ҳамчунин имрӯзҳо,

ҳангоме мо оиди Масеҳ гап мезанем, бисёриҳо бар мо хандида, фикр мекунанд, ки мо беақл ҳастем. Муҳимаш ба Худо хуш омадан ва оиди он ки одамон чӣ мегӯянд ва фикр мекунанд, ғам нахӯрдан аст.

## 3. Петрус рад карда мегӯяд, ки онҳо маст нестанд (2:12-15)

Ҳангоме касе "шояд онҳо мастанд" гуфта шогирдонро ранҷонд, Петрус хашмгин нашуд, балки оромона ҷавоб дода гуфт, ки сабаб дар ин нест. Аввалан, одамони шаробнӯш майро на дар субҳидам, балки шаб менӯшанд ва одатан соати 9 маст намебошанд. Ғайр аз ин, онҳо дар маросими ид то соати 9, ки вақти дуо аст, ҳеҷ чиз намехӯранд ва наменӯшанд. Агар бадани ман ҷои Рӯҳи Пок бошад, пас ман ягон чизи ба баданам зараровар намехӯрам ва наменӯшам.

## 4. Пешгӯии Юили пайғамбар: Рӯҳ нозил мешавад (2:16- 24)

Баъд аз рад кардани маст будани шогирдон, Петрус исбот мекунад, ки онҳо аз Рӯҳи Пок пур мебошанд. Асосан ӯ ба ваъдаи Худованд оиди он ки ӯ Рӯҳи Худро бар тамоми башар мерезад, такя мекунад. Худо ин ваъдаро чандин сол пеш ба халқи Исроил ба воситаи пайғамбар Юил дода буд. Ин ваъдаро дар китоби Юили пайғамбар 2:28-32 ёфтан мумкин аст. Дар рӯзи иди Пантикост танҳо баъзе яҳудиён Рӯҳи Покро пайдо намуданд, лекин ҳангоми бозгашти Худованд вақте мерасад, ки намояндагони ҳамаи халқҳо Ӯро пайдо хоҳанд намуд.

Қисми охири ваъдаи Юил ҳам дар рӯзҳои Петрус ва ҳам дар рӯзҳои мо ҳақиқат мебошад: "…Ҳар кӣ исми Худовандро бихонад, наҷот хоҳад ёфт…". Ин маънои онро дорад, ки бояд ба Масеҳ бовар намуда, аз ӯ таманно кунем, ки гуноҳҳоямонро бубахшад. Агар шумо ин корро кунед, наҷот хоҳед ёфт. Гарчанде ваъдаи мазкур имрӯзҳо ҳам ҳақиқат аст, он абадӣ нест, ва шояд, ҳатто на он қадар

муддати дароз амал мекунад. Агар шумо боварӣ надоред, ки наҷот ёфтаед, пас ҳоло ба Ӯ бовар кунед.

Сипас Петрус оиди Масеҳ сухан меронад. Гарчанде Худо хизматгузории Масеҳро пешакӣ муайян карда буд, одамони золим Ӯро ба салиб мехкӯб намуданд. Худо рӯй додани ин ҳодисаро пешакӣ медонист ва ба зудӣ Писари Худро дубора зинда кард. Комилан аён аст, ки Писари Худо набояд дар байни мурдагон мемонд. Бо вуҷуди ин одамон дар куштори Масеҳ пурра айбдор буданд, ва бояд тавба карда, назди Худо дар ин кирдори худ иқрор мешуданд, зеро Ӯ бахшида метавонад.

## 5. Пешгӯии Довуд: Масеҳ дубора зинда мешавад (2:25-36)

Петрус исбот карданро давом медод, ки ҳанӯз дар Паймони Куҳан Худо ба Довуд аз дубора зинда гардидани Масеҳ хабар дода буд. Довуд оиди худ гуфта наметавонист, зеро қабраш дар ин ҷо, дар Уршалим буд. Вале ӯ пайғамбар буд (ояти 30) ва оиди Масеҳ сухан меронд. Дар Паймони Куҳан оиди Масеҳ хеле бисёр пешгӯиҳои аҷоиб мавҷуданд.

Довуд на танҳо дубора зинда гардидани Масеҳро, балки бо шукӯҳ аз тарафи рости Худо нишастани Ӯро низ пешгӯӣ кард (ояти 34). Петрус ба одамон гуноҳи даҳшатнокашонро дар муқобилат ба Худо нишон медиҳад, чунки онҳо Он ягонаеро, ки Худо пешакӣ таъйин намуд ва акнун шукӯҳ бахшид, куштанд. Агар шумо Масеҳро рад кунед, Худоро низ рад мекунед ва айнан дар ҳолати он яҳудиёнед, ки Ӯро мехкӯб намуданд.

## 6. Онҳое ки суханро қабул карда, Ӯро пайравӣ намуданд (2:37-47)

Баъзе аз онҳое ки Петрусро шуниданд, хостанд ҳамон лаҳза ягон коре кунанд. Ӯ ба онҳо пешниҳод намуд, ки тавба карда, ҳаққонӣ будани тавбаашонро бо ғӯта гирифтан тасдиқ кунанд. Ва дар ҳамон рӯзи Пантикост қариб 3000 нафар ғӯта гирифтанд. Ин чӣ хурсандии бузурге буд барои

Петрус, барои ҳамаи шогирдон, барои ононе ки чанде пеш наҷот ёфтанд ва барои Худи Худованд дар осмон! Зиёда аз ин, онҳо доимо бо шунидани таълимоти Фиристаҳо, мулоқоту ёдоварии шоми Худованд ва дуо машғул буданд (ояти 42). Онҳо ба бовардорони камбағал ёрӣ расонда, муҳаббати ҳақиқӣ зоҳир менамуданд. “Ман бовардор ҳастам” гуфтан, ё ғӯта гирифтан ҳоло кифоя нест. Мо бояд ҳар рӯз одилона рафтор карда, бовардор буданамонро тасдиқ кунем. Танҳо дар чунин ҳолат мо аз наҷоти пайдокардаамон хурсандиро ба пуррагӣ ҳис мекунем.

## ДАРСИ СЕЮМ

## *ҒАЛАБА ВА САНҶИШҲО (3-5)*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 4:12; 5:29.
Лаҳзаҳои асосии дарс:
1. Наҷот барои ҳамаи гуноҳкорон танҳо дар Масеҳ аст.
2. Мо бояд барои шукӯҳи Худо дуо кунем ва ба Ӯ бовар кунем.
3. Ба мо дилпурӣ зарур аст, то ки ба дигарон оиди Масеҳ гувоҳӣ диҳем.
4. Худо дурӯғгӯёнро тоқат карда наметавонад (Ваҳй 21:8).
5. Ҳангоме гуноҳ решакан мегардад, баракат меояд.
6. Ба Худо муқобилат кардан беақлист.

## ШИФОИ МАРДИ ЛАНГ

### 1. Петрус ва Юҳанно мӯъҷиза нишон медиҳанд (3:1-10)

Ҳангоме ки Петрус ва Юҳанно дар соати дуо якҷоя ба парастишгоҳ омаданд, одамон гадоеро оварданд. Ин шахс ланги модарзод ва қариб чилсола буд. Ӯ Петрус ва Юҳанноро дида, дарҳол аз онҳо садақа пурсид (оятҳои 1-3). Петрус пул надошт, аммо қудрати Худоро медонист ва метавонист аз ҳама одамони сарватманде ки он рӯз парастишгоҳро зиёрат менамуданд, бештар диҳад. Ӯ ба номи Худо дасти лангро дошта, вайро бардошт. Шахси ланг ҳамон лаҳза қувваро ҳис намуд, роҳгардиро сар кард ва аз хурсандӣ меҷаст. Вай дарк намуд, ки шинохтани Исои Масеҳ аз соҳиби пулҳои тамоми ҷаҳон будан басе беҳтар аст.

Ин одам каме пул талабид, аммо хеле зиёдтар гирифт. Ҳангоме мо аз Худо ягон чизи аниқ мепурсем, Ӯ метавонад дар ивази он чизи дигаре диҳад, ки ба мо назар ба чизи талабидаамон фоидаи бештаре меоварад. Ҳар боре ки мо

дуо мекунем, бояд ба хирад, муҳаббат ва қудрати Ӯ боварӣ дошта бошем.

## 2. Петрус ба ҷамъшудагон гувоҳӣ медиҳад (3:11-26)

Чунин мӯъҷиза дарҳол диққати одамонро ҷалб намуд. Онҳо фикр карданд, ки модоме Петрус чунин амалро ба ҷо оварда метавонад, шояд шахси хеле муқаддас аст. Он гоҳ Петрус гуфт, ки ин шахс танҳо бо қудрати Исои Носирӣ шифо ёфт. Сипас Петрус ба онҳо оиди Исо нақл карда, таъкид намуд, ки бояд аз гуноҳҳои худ тавба кунанд. Ӯ гуфт, ки Масеҳ бар тахти шукӯҳ нишастааст (ояти 13) ва боз бармегардад (оятҳои 19-21). Ӯ хотиррасон кард, ки суханони Мусо, ки чандин садсолаҳо пеш дар Паймони Куҳан гуфта буд, иҷро мешаванд.

Диққат диҳед, ки Петрус ба худ шӯҳрат намеҷӯяд, балки афкори одамонро ба Масеҳ равона месозад. Мо ҳангоми сӯҳбат бо дӯстони худ метавонем оиди чизҳои гуногун мулоҳиза кунем, аммо бояд имконияте ёбем, то диққати онҳоро ба Худованд равона кунем. Барои инро ба таври бояду шояд ба ҷо овардан оиди Масеҳ маълумоти кофӣ доштан зарур аст ва Навиштаи Пок ба мо дар ин кор кӯмак мерасонад.

## 3. Ҳабс гардидани Петрус ва Юҳанно (4:1-12)

Шуморо шояд дар ҳайрат гузорад, ки онҳоро барои шифо додани марди ланг ва гувоҳӣ додан оиди Исо ҳабс карданд. Аммо ходимони дин ва саддуқиён ба Навиштаи Пок бовар намекарданд ва ба онҳое тааллуқ доштанд, ки марги Исоро мехостанд. Ҳамин тариқ, Петрус Худованд Исоро ситоиш намуда, онҳоро дар ҷинояти даҳшатнокашон айбдор менамуд. Мо имрӯзҳо низ бо он дучор мешавем, ки одамони динпараст хушхабари Масеҳро беш аз дигарон бад дида, пайравони Ӯро таъқиб менамоянд.

Ҳангоме онҳо ба доварӣ ҳозир шуданд, Петрус эътироф намуд, ки вай ва Юҳанно чунин кори хайрро ба номи Исо

карданд ва доваронро дар куштори Масеҳ айбдор намуд (ояти 10). Мо танҳо ба номи Ӯ наҷот ёфта метавонем. Ва агар онҳо Исоро қабул кунанд, Худо, ба гуноҳҳои даҳшатангези онҳо нигоҳ накарда, онҳоро мебахшад. Марҳамати Худо аҷоиб аст!

## 4. Озод шудани Петрус ва Юҳанно (4:13-22)

Ҳатто ходимони дин аз далерии Петрус ва Юҳанно ба ҳайрат омаданд, гарчанде фиристаҳо одамони оддиву бемаълумот буданд. Албатта, онҳо моҳигир буданд, вале онҳоро дар муддати се сол Худи Исо таълим дод ва акнун онҳо аз ходимони дин басе хирадмандтар буданд. Ҳатто доварони онҳо медонистанд, ки онҳо бо Исо буданд (ояти 13). Оё одамон далерию гувоҳии шуморо дида, гуфта метавонанд, ки шумо дар ҳузури Исо будед?

Ниҳоят, онҳо розӣ шуданд, ки мӯъҷизаи бузурге ба амал оварда шуд. Аммо онҳо ҳоло ҳам ноҳақ будани худро эътироф кардан намехостанд ва ба шогирдон таҳдид карда, гуфтанд, ки дигар оиди Исо гап назананд ва таълим надиҳанд. То чӣ андоза беақланд он касоне ки ба Худо муқобилат намуда, сабру тоқати Ӯро месанҷанд.

Вале Петрус ва Юҳанно эълон карданд, ки бояд ба Худо итоат кард, на ба одамон (ояти 19). Дар Навиштаи Пок ба бовардорон фармуда шудааст, ки ба падару модар ва қонунҳо итоат кунанд. Аммо агар падару модар ё ҳокимият кӯшиш кунанд, ки шуморо аз итоат ба Худо боздоранд, бояд зидди хости онҳо рафта, мувофиқи хости Худо рафтор кунед. Бинобар ин Петрус ва Юҳанно гуфтанд, ки онҳо наметавонанд оиди чизҳои дида ва шунидаашон нақл карданро бас кунанд (ояти 20).

## 5. Дуои масеҳиён (4:23-31)

Инак, онҳо рухсати рафтан доданд ва ҳамин ки ба озодӣ баромаданд, бо масеҳиёни дигар вохӯрданд ва ҳама якҷоя дар дуо ба Худо муроҷиат намуданд. Оё шумо вақти холии худро дар ҷамъомади масеҳиён мегузаронед, ё дуо ва

парастиши Худоро барои худ дилгиркунанда мебинед? Танҳо он шахсе ки аз олами боло зода шудааст, дар ҳузури Худованд шод мегардад.

Лекин диққат диҳед, ки фиристаҳо барои аз таъқиботи яҳудиён озод шудан дуо намегуфтанд. Илова бар ин, онҳо дуо мегуфтанд, то ки далерона гувоҳӣ доданро давом дода тавонанд (ояти 29) ва Худо мӯъҷизаҳои бузург ба ҷо оварда, ба Писараш шукӯҳ бахшад. Имрӯзҳо мо корҳои бузурги Худовандро дар наҷоти одамон дида истодаем ва ин назар ба шифо додани лангону кӯрон аҳамиятноктар буда, ба Масеҳ бештар шараф меоварад.

### 6. Масеҳиён қувват пайдо карданд (4:32-37)

Ҳангоме онҳо дуо мекарданд, ҷое ки онҳо буданд, ба ҷунбиш омад ва ҳамаашон аз Рӯҳи Пок пур шуда, (пас аз дуо) бо ҷуръат гувоҳӣ медоданд (ояти 31). Онҳо муҳаббати худро нисбати Худо ба таври дигар низ зоҳир карданд, ҳангоме байни худ ҳамаи дороии худро тақсим намуданд (ояти 32). Баъзеҳо ҳатто заминҳои худро фурӯхта, пулашро ба фиристаҳо оварданд, то ки онҳо худро ба хизмати Худованд тақдим намуда тавонанд. Яке аз онҳо Барнаббо буд, ки оиди ӯ мо дертар бисёр мешунавем.

Дар рӯзҳои мо масеҳиён бояд меҳнат кунанд ва ба хизматгузорони Худованд, ки ҳама вақти худро барои хизмати Ӯ бахшиданд, ёрдами пулӣ расонанд. Ва ҳангоме ки Масеҳ меояд, онҳо мукофотеро, ки Ӯ медиҳад, бо ҳам мебинанд.

## МУҚОБИЛАТИ ШАЙТОН

### 1. Дурӯғи Ҳанониё ва Сафиро (5:1-11)

Мо аллакай дидем, ки чӣ гуна шайтон ба амалҳои Худо халал расондан мехост, ҳангоме Петрус ва Юҳанноро ба воситаи ходимони дин ва саддуқиён зиндонӣ карданӣ буд. Дар ин боб мо мебинем, ки чӣ гуна шайтон ба ҷамоат бадӣ овард, ҳангоме ду одамро ба васваса андохт, то дурӯғ гӯянд.

Сипас ӯ ба ҷамоат аз берун ҳамла мекунад ва мо мебинем, ки чӣ гуна хизматгузорони дин боз фиристаҳоро ба зиндон меандозанд.

Дар охири боби 4 мо мебинем, ки чӣ гуна бовардорон ба якдигар кӯмак мерасонданд, ҳатто заминҳои худро мефурӯхтанд, то ки дигарон паҳн намудани хушхабарро давом дода тавонанд. Онҳо инро барои он мекарданд, ки Худоро дӯст медоштанд ва хоҳиши пайдо кардани эҳтироми одамонро надоштанд. Вале ду нафари онҳо, Ҳанониё ва Сафира шӯҳрати одамӣ мехостанд ва на ҳамаи музди ба даст овардаашонро ба Худо тақдим карданд. Онҳо маслиҳат намуданд, то бигӯянд, ки пули овардаашон музди пурраи замин аст.

Вале Петрус чунин шуморид (ва ҳақ буд), ки онҳо на ба одамон, балки ба Рӯҳи Пок дурӯғ гуфтанд. Онҳо инро шунида, дар ҷояшон афтода мурданд ва дафн карда шуданд. Мо дар мисоли зерин мебинем, ки дурӯғ худ аз худ бад аст, хусусан ҳангоме ки он ба муқобили Худо равона шудааст. Худо метавонад моро аз чунин гуноҳ нигоҳ дорад.

### 2. Мӯъҷизаҳои Фиристаҳо (5:12-16)

Бешубҳа, марг барои дурӯғ ҷазои сахт мебошад. Вале Худо хеле мехоҳад, ки ҷамоати Ӯ тоза ва аз гуноҳ озод бошад. Бе ин соҳиби файзу баракат шудан имкон надорад. Саргузашти Охонро аз китоби Еҳушаъ 7:25 ба ёд оваред.

Баъд аз решакан кардани гуноҳ дар ҷамоат, ҳамеша вақти файзу баракат меояд. Ва дар ин ҷо, дар Аъмол боби 5, мо мехонем, ки фиристаҳо барои шифо бахшидани ҳар гуна беморон аз Худо қудрати махсус пайдо карданд. Хеле муҳим буд, то яҳудиён аз аввал дилпур мебуданд, ки таълимоти фиристаҳо аз Худост, ва барои ҳамин Ӯ ба онҳо чунин мӯъҷизаҳо ато намуд. Имрӯзҳо мо бисёр мӯъҷизаҳои гуногун ва аз ин ҳам аҷоибтар дорем. Мӯъҷиза ҳаётро дигаргун мекунад, одам дар гуноҳ умр ба сар мебурд, вале акнун барои Худо зиндагӣ мекунад, Рӯҳи Пок дар ҳаёти ҳаррӯза моро нигаҳбон аст – ин мӯъҷизаҳо бояд ҳар якеро бовар кунонад, ки масеҳият ҳаққонӣ аст.

### 3. Фариштa фиристаҳоро аз зиндон озод мекунад (5:17-21)

Вале шайтон боз зарба расонданро давом медиҳад, ва мо мебинем, ки якчанд фиристаҳо (на танҳо Петрус ва Юҳанно) дар зиндонанд. Аммо шаб фариштаи Худо зоҳир шуда, дарҳои зиндонро кушод ва ба онҳо фармуд, ки паҳн кардани хушхабарро дар парастишгоҳ давом диҳанд. Субҳидам онҳо бозгашта, ба одамон "ҳамаи ин суханони ҳаёт"-ро мегуфтанд. Хушхабар хабари ҳаёт мебошад. Онҳое ки Масеҳро надоранд, дар гуноҳу ҷиноятҳояшон мурда мебошанд (Эфсӯсиён 2:1). Ҳангоме мо ба онҳо оиди чӣ гуна наҷот ёфтан гап мезанем, роҳро аз марг ба ҳаёт нишон медиҳем. Мо бояд ба онҳо на танҳо тарзи наҷот ёфтан, балки ҳамчунин "ҳамаи суханони ин ҳаёт"-ро гӯем. Масеҳ шогирдонашро даъват намуд, то он чиро ӯ ба онҳо фармуд, таълим диҳанд (Матто 28:19,20).

### 4. Доварӣ намудани Фиристаҳо (5:21-28)

Дар ин вақт ходимони дин ва ҳамроҳони онҳо хизматгузоронро фиристоданд, то ҳабсшудагонро биёранд. Тааҷҷуби онҳоро тасаввур кунед, ҳангоме онҳо дарҳои баста, посбонҳои дар назди онҳо истода, вале зиндони холиро диданд! Он лаҳза касе омада гуфт, ки онҳо боз дар парастишгоҳ хушхабар паҳн карда истодаанд. Он вақт хизматгузорон ба парастишгоҳ рафта, онҳоро бе зӯроварӣ ба шӯрои пирон оварданд. Фиристаҳо натарсиданд ва муқобилат намекарданд, зеро медонистанд, ки Худо боз метавонад онҳоро озод кунад.

Фикр кардан мумкин аст, ки ходимони дин аз зиндон озод шудани фиристаҳо ва мӯъҷизаҳои дигари Худоро фаҳмида, дигар ба Худо зиддият кардан нахостанд. Лекин ба ҷои фаҳмидани хатоҳои пешинаи худ онҳо акнун кӯшиш менамуданд, ки фиристаҳоро дар беитоатӣ ва бар дӯши онҳо бор кардани марги Исо айбдор кунанд. Мо мебинем, ки мӯъҷизаҳо ба одамони фаҳмишашон кушод кӯмак мерасонанд, аммо онҳое ки фирефтаи шайтон шудаанд,

гарчи бо чашмони худ мӯъҷизаҳоро бинанд ҳам, бовар намекунанд.

## 5. Суханони Петрус: Онҳо бояд ба Худо итоат намоянд (5:29-33)

Петрус дар асл ходимони дин ва яҳудиёнро дар марги Исо айбдор кард ва аз гуфтани ин наметарсид, гарчи медонист, ки метавонад кушта шавад. Аммо аҷоиб аст, ки Худо ба ин ҷинояти даҳшатнок нигоҳ накарда, мехост ҳамаро наҷот диҳад. Амалан Худо танҳо ба шарофати марги Масеҳ метавонад гуноҳҳои ҳар одамро бахшад. Ҳамин тариқ, одам барои марги Писари Худо ҷавобгар аст, вале Худо худи ҳамин гуноҳро барои наҷоти ҳар хоҳишманд истифода бурд.

Вале, мутаассифона, ин одамон кӯшиши куштани фиристаҳоро карда, ба дилҳои айбдори худ гуноҳи дигареро илова намуданд (ояти 33). Аввал онҳо Худованд Исои Масеҳро мехкӯб намуданд, баъд талаберо, ки Худо ба воситаи Рӯҳи Пок намуд, рад карданд, ва сипас кӯшиш намуданд, ки фиристодагони Худовандро кушанд! Чӣ гуна онҳо аз азоби дӯзах халос мешаванд? Худи ҳамин саволро ба ҳамаи онҳое низ додан мумкин аст, ки гуноҳ карданро давом медиҳанд. Як рафтори бад аз пасаш рафтори дигареро мекашад, то даме ки гуноҳкор ниҳоят имконияти охирини худро аз даст диҳад. Агар шумо ҳаргиз Исоро ҳақиқатан чун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул накарда бошед, хубаш ин корро ҳоло кунед ва ба фардо нагузоред.

## 6. Суханони Ҷамлиил: онҳо набояд ба Худо зиддият кунанд (5:34-42)

Аввал Худо фариштаро фиристода, хизмат-гузорони Худро озод кард (ояти 19). Акнун Ӯ барои муҳофизати

фиристаҳо яке аз аъзоҳои шӯрои пиронро истифода мебарад. Ҷамлиил шахси хирадманде буд, ки фириста Павлусро соҳиби илму маърифати динӣ гардонд (22:3). Вале ӯ масеҳӣ нашуд ва он чи мегуфт, танҳо хиради одамӣ буд. Аз нуқтаи назари ӯ чизе, ки танҳо аз одамон ба амал меояд, ба зудӣ вайрон мегардад. Чунин ҳодиса аллакай бо ду яҳудӣ, Тавдо ва Яҳудо, рӯй дода буд, ки худро бузург шуморида, мардуми зиёдеро гирди худ ҷамъ оварда буданд. Вале онҳо ҳар ду мурданд ва пайравонашон зуд пароканда шуданд. Ва баръакс, агар ин кор дар ҳақиқат аз ҷониби Худост, пас онҳо бояд эҳтиёт бошанд, то ки ба Худи Худо зиддият накунанд! Ин маслиҳат ба фиристаҳо кӯмак намуд, вале ин, албатта, маънои онро надошт, ки Ҷамлиил дар ҳақиқат ба Масеҳ бовар кард. Ӯ кӯшиш мекард, ки бетараф монад. Вале то даме ки шумо аз тарафи шайтон ба тарафи Худо нагузаред, ҳеҷ гоҳ наҷот намеёбед. Шумо наметавонед бетараф монед.

Фиристаҳо озод карда шуданд ва бо хурсандӣ рафтанд, зеро ба хотири Худованд Исои Масеҳ, ки барояшон ин қадар некиҳои бисёр кардааст, азият кашиданд. Онҳо ба таҳдидҳои ходимони дин гӯш надода, дар ҷамъомадҳо ва хонаҳои алоҳида оиди Исои Масеҳ гувоҳӣ доданро давом доданд. Бигзор Худованд чунин кунад, ки мо ба азият кашидан барои Масеҳ ва хизмати ҳаррӯза барои Ӯ тайёр бошем!

## ДАРСИ ЧОРУМ

## *РИЁЗАТКАШ ВА МУЖДАБАР (6-8)*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 7:56; 8:22.

Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Бовардор бояд дар масъалаҳои моливу пулӣ бомулоҳиза бошад.
2. Барои ба ҷамоат ҳамла кардан шайтон тарзҳои гуногунро истифода мебарад.
3. Мо бояд ҳозир бошем, то барои Масеҳ зиндагӣ кунем ё бимирем.
4. Ҳатто аз таъқиботи ҷамоат низ метавонад чизи нек ҳосил шавад.
5. Тӯҳфаи Худоро харидан ғайриимкон аст.
6. Мо бояд ба Худо итоат кунем, ҳатто ҳангоме ки Ӯро фаҳмида наметавонем.

## ХИЗМАТ, СУХАНРОНӢ ВА МАРГИ ИСТЕФАНУС

### 1. Интихоб намудани ҳафт хизматгузор (6:1-15)

Ҳангоме аз тарафи баъзе яҳудиёни юнонизабон шикоятҳо сар шуданд, дар ҷамоати ҷавон мушкилии дигаре пайдо шуд. Ин бовардорон бо забони юнонӣ гап мезаданд ва шояд яҳудӣ буданд. Онҳо гумон мекарданд, ки бовардорони яҳудизабон пулро одилона тақсим намекунанд ва бинобар ин ба бевазанҳои онҳо беэҳтиромона муносибат мекунанд. Ҳангоме одамони кишварҳои гуногун ягон муоҳида қабул мекунанд, дар ҳар вақт ягон нофаҳмие ба вуҷуд омада метавонад. Аммо дар Масеҳ мо ҳама як ҳастем ва ин аз ҳама муҳим аст.

Фиристаҳо фикр карданд, ки нодуруст мебуд, агар онҳо панду насиҳатро қатъ карда, бо корҳои моливу пулии ҷамоат машғул шаванд. Бинобар ин онҳо пешниҳод карданд, ки барои ин мақсад ҳафт нафар интихоб шаванд. Бисёр муҳим аст, то масъалаи моливу пулии ҷамоат ва бовардорони алоҳида тартибу низом дошта бошад.

Боз як мушкилии дигар берун аз ҳудуди ҷамоат пайдо шуд. Баъзе зиёраткунандагони Уршалим бо Истефанус оиди таълимоти ӯ баҳс мекарданд. Онҳо дар баҳс мағлуб шуда, кӯшиш намуданд, ки ӯро дар суханҳои зидди Мусо ва парастишгоҳ айбдор кунанд. Баҳс одатан бо чизи фоиданок хотима намеёбад.

## 2. Иброҳим ба фармудаи Худо итоат намуд (7:1-8)

Ҳангоме онҳо Истефанусро барои айбдор намудан ба шӯрои пирон оварданд, ӯ инро ҳамчун имконияти хубе шуморид, то ба онҳо айби халқи Исроилро аз худи аввал нишон диҳад. Бинобар ин ӯ аз саргузашти Иброҳим, ки падари ҳамаи исроилиҳо буд, оғоз кард.

Саргузашти пурраи Иброҳим дар китоби Ҳастӣ, бобҳои 12-25 баён шудааст. Истефанус ба онҳо хотиррасон кард, ки Худо ба Иброҳим, ки ба Ӯ боварӣ дошт ва итоат мекард, ваъдаҳо дод. Вале акнун ин яҳудиён, ки худро фарзандони Иброҳим эълон намудаанд, ваъдаи Худоро оид ба Исо қабул кардан намехоҳанд, балки хоҳони онанд, ки фиристодаи Ӯро кушанд! Онҳое ки ҳақиқатро дониста, онро рад мекунанд, назар ба онҳое ки ҳақиқатро намедонанд, бадтар рафтор карда метавонанд.

## 3. Рашк нисбат ба Юсуф ва шукӯҳи ӯ (7:9-16)

Сипас Истефанус саргузашти Юсуфро, ки набераи Иброҳим буд, нақл мекунад. Даҳ бародари ӯ фаҳмиданд, ки вай бар онҳо ҳукмронӣ хоҳад кард ва ба ӯ рашк бурданд. Худо Юсуфро интихоб кард, то дар байни фарзандони Яъқуб калонӣ бошад, бинобар ин бо рад кардани Юсуф онҳо хости Худоро рад карданд. Саргузашти Юсуф дар китоби Ҳастӣ бобҳои 39-50 зикр шудааст.

Исроилиҳо фарзандони Юсуф ва бародаронаш буданд ва Истефанус мегӯяд, ки онҳо низ шахси аз тарафи Худо интихобшуда, Худованд Исои Масеҳро рад намуданд. Бародарони Юсуф ӯро барои бист тангаи нуқра ба ғуломӣ фурӯхтанд, лекин Худо ӯро ҳокими тамоми замин таъйин

кард. Масеҳро ба сӣ тангаи нуқра фурӯхтанд, вале Худо Ӯро бар тахти шукӯҳ шинонд.

## 4. Мусо, ки дар аввал рад шуда буд, сипас пешвои халқи Исроил гашт (7:17-43)

Акнун Истефанус саргузашти Мусоро нақл мекунад. Яҳудиён ӯро чун шахсе ки Шариати бузургро додааст, эҳтироми зиёд мекарданд. Мусо чун писари духтари фиръавн илму маърифат гирифт, вале медонист, ки Худо мехоҳад то ӯ раҳокунандаи халқи Исроил гардад. Ва инак боре ӯ дид, ки мисрие ба як исроилӣ зӯроварӣ мекунад, ва ба бародари худ мадад расонд. Рӯзи дигар ӯ кӯшиш намуд, ки ба ду исроилии баҳскунанда кӯмак кунад, вале онҳо ӯро рад карда гуфтанд: "Кӣ туро бар мо ҳоким ва қозӣ таъйин кардааст?"

Аммо чил сол пас Худо Мусоро боз ба Миср фиристод, то ки халқи Исроилро аз асорати фиръавн озод кунад (ояти 34) ва акнун одамон ӯро бо хурсандӣ қабул карданд. Мо бори дигар мебинем, ки халқ Интихобшудаи Худоро рад кард ва танҳо баъдтар қабул намуд.

Сипас, Истефанус ба онҳо суханони худи Мусоро хотиррасон мекунад, ки чандин сол пеш гуфта шуда, ваъдае буд ба халқи Исроил, ки Худованд рӯзе пайғамбари дигареро мисли ӯ таъйин мекунад. Ин ваъда ҳангоми омадани Исо иҷро шуд (Юҳанно 1:17), вале онҳо ҳоло ҳам ба ӯ зиддият мекарданд. Ҳатто ҳангоми сафар дар биёбон аз Миср ба Канъон, ҳангоме Худо халқи худро дар сутуни оташ роҳнамоӣ мекард, онҳо аз Ӯ рӯй гардонда, бутпарастӣ мекарданд. Дили инсонҳо ҳамеша як хел аст. Одамон ҳамеша Худо ва файзу баракати Ӯро рад мекунанд. Шумо ба кӣ тааллуқ доред? Ба онҳое ки Масеҳ ва баракатеро, ки Ӯ мебахшад, қабул кардаанд?

## 5. Аввал яҳудиён хости Худоро рад карданд (7:44-53)

Яҳудиён Истефанусро, ки “ин парастишгоҳи боҳашамати шумо вайрон мешавад” мегуфт, айбдор карданд (6:14). Вале ӯ тасдиқ кард, ки ҳатто парастишгоҳ ба таври даркорӣ ба хости Худо мувофиқат намекард. Баъд ӯ эълон намуд, ки онҳо ҳама вақт ба Рӯҳи Поки Худо зиддият мекарданд. Падарони онҳо пайғамбаронеро, ки Худо мефиристод, мекуштанд ва акнун онҳо Писари Худо, Худованд Исои Масеҳро куштанд. Онҳо ҳатто шариатро, ки ба воситаи фариштагон аз Худо гирифтанд, риоя намекунанд.

Мо бояд аз далерии Истефанус, ки ҳамин тариқ пеши ин одамон сухан мегуфт, ба ваҷд оем. Ӯ медонист, ки онҳо метавонанд ӯро кушанд, агар Худо инро роҳ диҳад. Вале ӯ умед дошт, ки ба ҳар ҳол баъзеи онҳо айби даҳшатноки худро фаҳмида, барои бахшоиш ба Худо рӯ меоваранд. Ҳангоме одамон худро гуноҳкор ҳис намекунанд, ё чунин намешуморанд, ки гуноҳи онҳо дар ҳар сурат ҳақиқатан вазнин аст, пас эҳтиёҷи худро низ ба Наҷотдиҳанда ҳис намекунанд. Лекин ҳангоме одамон мебинанд, ки Худо аз гуноҳ нафрат дорад ва онро ҷовидона нобуд мекунад, пас аз сидқи дил ва бо хурсандӣ тайёранд Исоро чун Наҷотдиҳандаи шахсии Худ қабул кунанд.

## 6. Истефанус кушта шуд (7:54-60)

Аммо чизи тамоман баръакс ба амал омад: яҳудиён то ба дараҷае дилсахт шуда ба ғазаб омаданд, ки дандонҳояшон ғиҷиррос мезад. Он гоҳ Худованд ба ӯ биниши осмонӣ фиристод, ки Исо дар паҳлӯи рости Худо истодааст. Ҳангоме одамон инро шуниданд, бо овози баланд фарёд заданд ва Истефанусро кашолакунон аз шаҳр берун бароварда, сангсор карда куштанд. Аммо пеш аз марг Истефанус низ мисли Худованд Исо (Луқо 32:34) дуо мегуфт, то ки Худо онҳоро бахшад.

Истефанус якумин шахсе буд, ки барои Исо мурд, вале баъд аз ӯ ҳазорон бовардорон низ бо ҳамин роҳ мерафтанд. Оё, агар зарур ояд, шумо тайёред, то барои Ӯ бимиред? Агар чунин бошад, шумо ҳар рӯз барои Ӯ зистан хоҳед хост.

## ПАҲНШАВИИ ХУШХАБАР ДАР СОМАРИЯ ВА АФРИҚО

### 1. Таъқиботи Шоул ва мӯъҷизаҳои Филиппус (8:1-8)

Ба шумо хусусан оиди Шоул фаҳмидан шавқовар хоҳад шуд, ки номаш бори аввал ҳангоми иштироки ӯ дар куштори Истефанус баён мешавад. Дертар мо мебинем, ки чӣ гуна ӯ ба Худо бовар кард, ва номаш Павлус шуд. Дар ин вақт Шоул, мисли Никӯдимус, устоди яҳудиён буд (Юҳанно боби 3). Ӯ боварӣ дошт, ки ин таълимоти нав аз шайтон аст ва боғайратона онро решакан кардан мехост. Шоул дар шаҳри Тарсус, Қилиқия, зода шуд ва шояд, яке аз онҳое буд, ки бо Истефанус баҳс мекарданд (6:9).

Яҳудиён Истефанусро кушта, фикр мекарданд, ки барои парешон ва нобуд кардани ҳама онҳое ки ба Исо бовар кардаанд, вақти мувофиқ фаро расид. Онҳо ҳар қадар одамонеро, ки дастгир карда тавонистанд, ба зиндон андохтанд; дигарон бошанд, ғайр аз фиристаҳо, ба кишварҳои дигар гурехтанд.

Лекин ин танҳо ба паҳншавии минбаъдаи хушхабар мусоидат кард**, зеро ба ҳар ҷое ки масеҳиён меомаданд, ба одамон оиди Худованд Исои Масеҳ нақл мекарданд!** Эҳтимол, таъқибот лозим буд, ки онҳоро ба иҷро намудани фармудаи Худо водор намояд. Ба ҳар ҳол, дар натиҷаи ин бисёр одамон ҳақиқатро шунида, соҳиби наҷот ва баракат гардиданд.

Яке аз он хизматгузороне ки дар боби 6 барои ғамхорӣ оиди масъалаҳои моливу пулии ҷамоат интихоб шуда буданд (Истефанус), кушта шуд. Дигаре, Филиппус, акнун дар шаҳри Сомария хушхабар паҳн мекард. Ва боз Худованд мӯъҷизаҳо ба амал овард, ва бисёриҳо дар Сомария бовар карданд. Ва дар он шаҳр шодии бузург буд (ояти 8).

### 2. Шимъӯн бовар кард, сомариҳо соҳиби Рӯҳи Пок гардиданд (8:9-17)

Яке аз ин сомариҳо Шимъӯни ҷодугар буд, ки одамонро бо қудрати шайтон гумроҳ мекард. Баъд аз шунидани сухани Худо ӯ бовар кард ва ғӯта гирифт.

Дар Юҳанно 4:9 мо мехонем, ки исроилиён бо сомариён муносибат намекарданд. Вале Масеҳ ба шогирдонаш амр дод, ки на танҳо дар ватани худ (Яҳудо), балки дар Сомария низ хушхабарро паҳн кунанд (1:8). Акнун, ҳангоме Фиристаҳо фаҳмиданд, ки файзу баракат ба сарзамини душманони деринаи онҳо низ омад, ба Сомария рафтанд ва ҳангоме ки дуо карданд, Худо нишон дод, ки Ӯ низ сомариҳоро қабул карда, ба онҳо Рӯҳи Покро ҳадя намуд. Агар мо ҳақиқатан Худоро дӯст дорем, одамонро низ дӯст хоҳем дошт ва ҳеҷ гоҳ онҳоро рад намекунем, балки ба онҳо хушхабарро мерасонем.

### 3. Шимъӯн мехоҳад ҳадяи Худоро харад (8:18-25)

Барои Шимъӯн аҷоиб буд, ки фиристаҳо метавонистанд ба одамон даст гузошта, Рӯҳи Пок тақдим намоянд. Ӯ пул дошт ва шояд онро ба воситаи касби пешинаи ҷодугариаш аз одамон ҷамъ намуда буд. Акнун вай мехост бо ин пул барои худ бартарии махсуси фиристаҳоро харад. Петрус ба ӯ ҷавоб дода гуфт, ки агар тавба накунад, пулаш ҳамроҳи худаш нобуд мегардад. Шимъӯн аз Петрус хоҳиш мекунад, ки барои вай ҳам дуо гӯяд.

Ин хеле даҳшатнок буд, ки Шимъӯн барои ба ҳадяи Худо соҳиб шудан пул пешниҳод кард. Бо вуҷуди ин имрӯзҳо низ бисёриҳо фикр мекунанд, ки бо хайр кардан марҳамати Худоро соҳиб шуда метавонанд. Вале ҳаёти ҷовидон атои Худо мебошад, ва барои тӯҳфа пул пешниҳод кардан таҳқирест барои ҳадякунанда. Худо аз мо мехоҳад, ки Наҷотдиҳандаи фиристодаашро қабул кунем, лекин ҳангоме ки мо фарзандони Худо мегардем, метавонем ба ӯ чун нишонаи муҳаббати худ, барои ҳамаи корҳое, ки Ӯ бароямон кард, ҳадяҳои худро биёрем.

### 4. Филиппус бо хоҷасарои ҳабашӣ вомехӯрад (8:26-29)

Акнун, баъд аз ҳамаи он баракату шодӣ дар Сомария Филиппус ногаҳон даъват мешавад, то ба биёбон равад. Ба амри Худо итоат кардан хеле муҳим аст, ҳатто ҳангоме ки ба он сарфаҳм рафта наметавонем. Ҳангоме Филиппус ба ҷои даркорӣ омад, бо хоҷасарое вохӯрд, ки аз кишвари Ҳабаш буд. Ин шахс ба Уршалим омада буд, то ки Худоро парастиш кунад, ва акнун дар аробаи худ ба хона бармегашт.

Албатта ӯ дар Уршалим оиди Исо шунид, лекин бисёр чиз ба вай нофаҳмо буд, ва бо Худо осоиштагӣ пайдо карда наметавонист. Дар танҳоӣ сафар карда, ӯ Навиштаи Покро мехонд; дар он вақт ин танҳо Паймони Куҳан буд, чунки Паймони Навин ҳанӯз навишта нашуда буд. Рӯҳи Пок ба Филиппус гуфт, ки рафта ба аробаи марди ҳабашӣ ҳамроҳ шавад.

Дар ин ҷо мо шахсеро мебинем, ки ҳақиқатро меҷӯяд. Ӯ дар Уршалим буд, ки он шаҳри муқаддас ҳисоб мешуд. Аммо исроилиён масеҳиёнро, касонеро, ки ҳақиқатро медонистанд, бомуваффақият танг карда баровarданд. Аз ҳамин сабаб ин одам, ки чунин роҳи дарозро тай намуд, қаноат ҳосил накарда, ба хона бармегашт. Лекин Худо хизматгузори вафодоре (Филиппус) дошт, ки ба суханони Ӯ итоат мекард ва ба ин шахс рӯшноиро овард. Биёед ҳамеша ба итоат кардан тайёр бошем.

**5. Филиппус пешгӯиро маънидод мекунад (8:30-35)**

Марди ҳабашӣ китоби пайғамбар Ишаъёро мехонд, ки бештар аз ҳама китобҳои дигари Паймони Куҳан оиди Исо гап мезанад. Боби 53 оиди азиятҳои Масеҳ ҳикоят мекунад, аммо хоҷасаро намефаҳмид, ки оё пайғамбар оиди худ сухан меронад, ё оиди каси дигар. Бинобар ин Филиппус фаҳмонданро сар карда гуфт, ки пайғамбар оиди Масеҳ сухан меронад, ки пеш аз ҷалол ёфтанаш барои гуноҳҳои мо азият кашид. Агар ӯ азоб намекашид ва намемурд, ҳамчунин метавонист ба ҷалолаш баргардад, зеро ягон гуноҳе надошт. Вале ӯ дар осмон ҷовидона танҳо мебуд,

чунки гуноҳ ба осмон роҳ надорад, лекин ҳама одамон гуноҳкоранд. Андӯҳовар аст, ки ӯ дар салиб азобҳои шадидеро аз сар гузаронд, вале бисёриҳо ҳоло ҳам аз наҷоти Ӯ рӯ метобанд. Нуқтаи назари шумо чӣ гуна аст? Оё марги Масеҳ беҳуда буд?

### 6. Филиппус ҳабаширо ғӯта дода, бармегардад (8:36-40)

Марди ҳабашӣ дарҳол ба Худованд Исои Масеҳ бовар кард ва барои тасдиқи бовари худ хоҳиш намуд, ки ӯро ғӯта диҳанд. Филиппус бо хурсандӣ ин корро ба ҷо овард. Вале ҳангоме ки ӯ ин корро анҷом дод, Рӯҳи Пок ӯро даррабуд ва хоҷасарои ҳабашӣ дигар вайро намедид. Бо вуҷуди ин хоҷасаро Масеҳро ёфт ва бо хурсандӣ роҳи худро давом дод. Мо метавонем боварӣ дошта бошем, ки ҳангоме ӯ ба хона баргашт, вақтро беҳуда сарф накарда, ба малика ва ҳамаи наздиконаш оиди Масеҳи ранҷдидаву ҷалолёфта нақл намуд. Ҳамин тариқ, хушхабар ба воситаи итоаткории вафодоронаи як шахс, Филиппус, то ҳудуди Африқо расид.

Инак, мо дар боби 8 мебинем, ки фиристаҳо ба фармудаи Худованд итоат намуда, хушхабарро паҳн мекарданд. Мо, бовардорон, бояд тайёр бошем, то дар ҳар ҷое ки ӯ моро мефиристад, ба Ӯ хизмат намоем.

## ДАРСИ ПАНҶУМ

## *ДУ БОВАРКУНИИ АҲАМИЯТНОК (9,10)*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 9:16; 10:35.
Лаҳзаҳои асосии дарс:
1. Масеҳ Худои ҳама одамон аст.
2. Масеҳиён бояд ба таъқибот тайёр бошанд.
3. Ҳодисаҳои мӯъҷизаноки Китоби Муқаддас комилан ҳақиқианд.
4. Бисёриҳо дар тамоми ҷаҳон Худоро дӯст медоранд.
5. Ғайр аз Худо кас ё чизи дигареро парасиш кардан гуноҳ аст.
6. Мо бояд ҳамаи онҳоеро, ки Исоро дӯст медоранд, дӯст дорем.

## ШОУЛ БА МАСЕҲ БОВАР МЕКУНАД

### 1. Шоул нурро мебинад (9:1-9)

Шоул бо ғайрати кӯркӯрона бахри Худо ва бо хоҳиши дар байни яҳудиён эътибор пайдо кардан масеҳиёнро дар ҳар ҷое ки бошанд, таъқиб мекард. Ӯ назди ходими дин омада иҷозат гирифт, то ба Димишқ рафта ҳамаи онҳоеро, ки ба Масеҳ бовар доранд, ҳам марду ҳам занҳоро, дастгир карда, ба Уршалим биёрад. Ӯ гумон дошт, ки ба Худо хизмат мекунад, вале кори шайтонро ба ҷо меовард.

Вале ҳангоме ӯ ба Димишқ наздик шуд, ногаҳон рӯшноии зиёде ӯро мунаввар кард, ки аз офтоби нисфирӯзӣ ҳам равшантар буд. Баъд ӯ Худованд Исои Масеҳро дид, ки аз ӯ пурсид: “Барои чӣ Маро таъқиб мекунӣ?” Шояд Павлус ҷавоб дод, ки “ман танҳо масеҳиёнро таъқиб мекунам”, аммо халқи Худоро таъқиб намуда, ӯ зидди Худо мубориза мебурд. Чуноне ки Павлус дертар менависад, Масеҳ Сари Бадан аст, ки он Ҷамоати Ӯст (Эфсӯсиён 1:22,23). Фаҳмидани он ки Исо Худост ва дар тахти шукӯҳи осмонӣ нишастааст, Шоулро беандоза ҳайрон кард.

Исо ба ӯ фармуд, ки ба шаҳр равад ва дар он ҷо ба ӯ гуфта мешавад, ки чӣ бояд кунад. Акнун Шоул аз рӯшноӣ кӯр шуда буд ва онҳое ки бо вай буданд, ӯро аз дасташ гирифта ба Димишқ оварданд.

## 2. Шоул ғӯта гирифт (9:10-19)

Сипас Худованд бо дигар хизматгори вафодори Худ, ки номаш Ҳанониё буд, гап зад. Ӯ ба вай фармуд, ки ба хонаи муайяне равад ва ба Шоул даст гузорад, то ки вай дубора бино гардад. Дар аввал Ҳанониё тарсид, зеро медонист, ки Шоул барои дастгир кардани ҳамаи масеҳиён омадааст. Бинобар ин Худованд ба ӯ нишон дод, ки Шоул хизматгори барҷастаи Масеҳ мешавад ва ба бисёр одамон хушхабарро мерасонад.

Ҳанониё рафта, ба Шоул даст гузошт ва ӯро "бародар" хонд. Шоул ҳамон лаҳза дубора бино шуд, ва аз Рӯҳи Пок пур шуда, ғӯта гирифт. Мо оиди Ҳанониё, ба ғайр аз он чи дар ин боб навишта шудааст, чизи дигаре намедонем. Лекин, албатта ӯ ба Худо бисёр наздик буд, чунки чунин фармони душворро иҷро намуд. Акнун Шоул медонист, ки Худованд Сари Ҷамоат аст ва хизматгоронаш бояд ба Ӯ итоат кунанд. Ӯ ҳамчунин фаҳмид, ки ба ҳамаи онҳое ки таъқибашон мекард, бародар шудааст. Ин дарсҳо бисёр муҳиманд. Ҷамоат ягона аст ва ҳар як узви он бояд ба фармудаҳои Худованд итоат намояд.

## 3. Шоул дар Димишқ хушхабар паҳн мекунад (9:20-25)

Шоул вақтро сарф накарда, ба дигарон оиди Исои Масеҳ гувоҳӣ доданро сар кард. Баъзе навбоварон дар чунин ҳолат хато мекунанд. Дар аввал онҳо метарсанд, то ба наздикон ва дӯстони худ оиди Исои Масеҳ гувоҳӣ диҳанд. Ва ҳар боре ки ин ба рӯзи дигар вогузошта мешавад, боз ҳам душвортар мегардад.

Хатари аз ин ҳам бештар барои Шоул он буд, ки яҳудиён ба шахсоне ки диншонро иваз менамуданд,

махсусан душманона муносибат мекарданд. Худи Шоул ба қарибӣ ҳамин масеҳиёнро таъқиб мекард ва акнун ки худаш бовар кард, пас чиро аз яҳудиён интизор буда метавонист?

Пас аз чанде яҳудиён маслиҳат карданд, ки ӯро кушанд ва рӯзу шаб дарвозаи шаҳрро посбонӣ мекарданд, то ӯ нагурезад. Вале масеҳиён Шоулро аз болои девор дар сабад фуровrouted ва ӯ аз онҳо халос шуд. “Онҳое ки ба Исои Масеҳ вафодоранд, таъқиб карда мешаванд”.

## 4. Шоул дар Уршалим хушхабар паҳн мекунад (9: 26-31)

Душвориҳои Шоул ҳатто баъди ба Уршалим расиданаш ҳам тамом нашуданд. Дар аввал масеҳиён метарсиданд ӯро қабул кунанд, чунон ки Ҳанониё низ аввал ба иҷрои амри Худованд ҷуръат намекард. Вале Барнаббо, ки дар бораш дар 4:36 мехонем, таърихи Шоулро ба фиристаҳо нақл карда, ба ӯ мадад намуд. Пас аз ин онҳо ӯро қабул карданд ва ӯ боз ба паҳн кардани мӯжда оиди Исои Масеҳ шурӯъ намуд.

Сипас мо яҳудиёни юнониро мебинем, ки мехостанд ӯро кушанд. Ҳангоме Истефанус бо онҳо баҳс намуда, ноҳақ буданашонро нишон дод, онҳо ӯро ба шӯро оварда айбдор карданд. Ва акнун худи ҳамин одамон тайёр буданд, ки Шоулро низ кушанд. Ва боз шогирдон ба ӯ кӯмак мекунанд, то ки пинҳон шавад ва Шоул пас аз понздаҳ рӯзи омаданаш (Ғалотиён 1:18) боз раҳсипор мешавад, ин дафъа ба Қайсария ва аз он ҷо ба зодгоҳи худ, шаҳри Тарсус. Баъд аз ин Худованд вақти сулҳу осоиштагӣ дод ва ҷамоатҳо инкишоф ёфта, меафзуданд. Вале шумо метавонед бинед, ки Шоул барои масеҳӣ буданаш чӣ гуна ранҷу азобҳо дид. Мо бояд ҳозир бошем, то барои Масеҳ, ки Худро барои мо қурбон кард, зиндагӣ кунем ё бимирем.

## 5. Петрус Аниёсро шифо медиҳад (9:32-35)

Мо ба саргузашти Шоул, ки баъдтар бо номи Павлус маълум буд, боз бармегардем, чунки қисми дуюми китоби Аъмол, аз боби 13 сар карда, асосан, ба фаъолияти ӯ бахшида шудааст. Аммо акнун мо боз оиди хизматгузории Петрус мефаҳмем, ки ҳамроҳи Фиристаҳо амри Худовандро ба ҷо меовард, ки он аз гувоҳӣ додан дар сарзамини Яҳудо иборат буд.

Дар Лидда Петрус бо шахсе вохӯрд, ки дар муддати ҳашт сол бемор буд. Ӯ ба вай гуфт, ки Исои Масеҳ ӯро шифо мебахшад, ва бемор ҳамон лаҳза аз ҷояш хеста, роҳ рафт. Ин ба одамон чунон таъсири бузург расонд, ки ҳамаи сокинони Лидда ва шаҳри ҳамсояи Сорӯн ба Худованд бовар карданд. Имрӯзҳо баъзе одамон чунин меҳисобанд, ки аксарияти ин мӯъҷизаҳо бофтаи хаёл буданд, зеро ин одам ҳақиқатан бемор набуд. Аммо дар ин ҳодиса, масалан, ҳама медонистанд, ки ин шахс солҳои дароз бемор буд ва ҳангоме ки мӯъҷизаи Петрус кардаро диданд, ҳамаашон ба Худованд бовар карданд. Мо метавонем дилпур бошем, ки Навиштаи Пок ҳақиқатро мегӯяд ва ба он чи навишта шудааст, бовар кунем.

### 6. Петрус Тобиторо эҳё мекунад (9: 36-43)

Акнун ба Петрус қудрати ба амал овардани мӯъҷизаи боз ҳам бузургтар, эҳё кардани Тобито аз мурдагон, дода шуд. Ҳангоме ки Тобито мурд, Петрус ҳанӯз дар Лидда буд, вале шогирдонаш аз паси ӯ одамоне фиристоданд, то ба Ёфо биёяд. Петрус фақат худаш ба ҳуҷра даромада дуо кард ва сипас ба мурда гуфт, ки бархезад. Ин мӯъҷиза ҳамчунин бисёриҳоро бовар кунонд, ки Петрус ҳақиқати Худоро паҳн мекунад. Аммо муҳимтар аз зинда кардан он буд, ки Петрус ба онҳо муждаро расонд ва бисёриҳо ба Масеҳ бовар карда, ҳаёти ҷовидон ёфтанд.

## ХОНАИ КОРНИЛЮС

## 1. Корнилюс дар биниш фариштаро мебинад (10:1-8)

Худо ба Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб ваъдаи аҷоибе дода гуфта буд, ки фарзандони онҳоро махсус файзу баракат медиҳад. Лекин ҳангоме ки халқи Исроил ба гуноҳ афтод, Худо маҷбур буд онҳоро ҷазо диҳад. Дар ин вақт румиён бар исроилиён ҳукмронӣ мекарданд, ва дар чунин вазъияти вазнин исроилиён фахр мекарданд, ки Худованд ба онҳо ваъдаҳои махсус додааст. Дар натиҷаи ин исроилиён ба дигар халқҳо муносибати бадхоҳона доштанд ва онҳоро ғайрияҳудӣ меномиданд.

Корнилюс ғайрияҳудии худотарс буд, ба камбағалон бо ҳар восита ёрӣ медод ва ҳар рӯз дуо мегуфт. Худо медид, ки вай тайёр аст муждаро қабул кунад ва фариштаеро фиристод, то ба ӯ роҳро нишон диҳад. Фаришта ба Корнилюс гуфт, ки ба Ёфо рафта, Петрусро даъват кунад, то ки вай чӣ кор карданро ба ӯ фаҳмонад.

Аҷоиб аст, ки Худо дар кишварҳои гуногун одамони зиёде дорад, ки Ӯро парастиш менамоянд ва кӯшиш мекунанд хости Ӯро ба ҷо оваранд. Ӯ ба дили ҳар як одам назар мекунад ва метавонад онҳоеро, ки ба Ӯ бовар ва муҳаббати ҳақиқӣ доранд, нишон диҳад. Ӯ дар дили шумо чиро мебинад?

## 2. Петрус низ биниш мебинад (10: 9-16)

Корнилюс дарҳол сухани Худовандро қабул кард ва се нафарро фиристод, то аз Петрус хоҳиш намоянд, ки биёяд. Аз Қайсария то ба Ёфо танҳо роҳи пиёдагард буд. Ин роҳ хеле дур буд ва имконияти дар як рӯз тай кардани он набуд. Вақте ки онҳо дар роҳ буданд, Петрус низ, ҳангоме барои худ хӯрок тайёр мекард, биниши осмонӣ дид.

Петрус дар биниши худ зарферо мебинад, ки дар дохилаш бисёр ҳайвоноти гуногун буданд. Ба исроилиён хӯрдани гӯшти баъзе ҳайвонот манъ буд. Ҳамчунин ба онҳо иҷозат дода намешуд, ки дар кишварашон одамони ғайриисроилиро сокин намоянд. Бинобар ин ҳангоме овоз аз

осмон барояш гуфт, ки аз ин ҳайвонҳо якеро кушта хӯрад, ӯ ин корро накард. Вале овоз ба ӯ гуфт, ки он чи Худо пок кардааст, ҳалол мебошад. Ва барои он ки Петрус инро фаҳмад, овоз ба ӯ се бор мурочиат намуд.

Петрус гурусна буд, вале мо медонем, ки ӯ ҳамчунин мехост одамонро назди Масеҳ оварад, бинобар ин Худо ба ӯ нишон дод, ки одамони бисёре ҳастанд, ки ӯ онҳоро нопок меҳисобид, вале онҳо дар ҳақиқат тайёранд муждаи файзи Худоро шунаванд. Айнан ҳамин чиз дар рӯзҳои мо низ рӯй медиҳад. Мо ҳангоми ба одамон оиди Исои Масеҳ гувоҳӣ додан бояд самимӣ бошем.

## 3. Петрус ба Рӯҳи Пок итоат мекунад (10: 17-22)

Аввал Петрус маънои ин бинишро нафаҳмид, аммо ҳангоме ки се хизматгори Корнилюс наздаш омаданд, Рӯҳи Пок ба ӯ гуфт, ки бе тарс назди Корнилюс равад. Шояд, як рӯз пеш ӯ дар мавриди бо ин се ғайрияҳудӣ рафтан шубҳа мекард, аммо Худо ба ӯ дар биниш гуфт, ки ягон одамро нопок нашуморад. Бинобар ин ӯ худро ба онҳо муаррифӣ карда пурсид, ки чӣ онҳоро водор намуд, то наздаш биёянд. Дар рӯзи оянда ӯ ҳамроҳи шаш нафар масеҳии дигар, ба роҳи дуру дароз сӯи Қайсария равона шуд. Масеҳии ҳақиқӣ тайёр аст ба сухани Худо, ки аз Навиштаи Пок мешунавад, итоат кунад, новобаста ба он ки ӯ дар аввал ба он сарфаҳм меравад ё не. Кӯдаки хурдсол на ҳамеша сабаби онро мефаҳмад, ки чаро падар ба ӯ чизеро иҷозат медиҳад ё манъ мекунад. Вале баъдтар вай инро дарк намуда, ба падари меҳрубону бохиради худ барои насиҳатҳояш миннатдор мешавад.

## 4. Петрус ба хонаи Корнилюс меояд (10:23-33)

Корнилюс боварӣ дошт, ки Петрус меояд, барои ҳамин дӯстонашро ҷеғ зад, то омада паёмро шунаванд. Бинобар ин ҳангоме ки Петрус омад, ҳама ӯро интизор буданд. Корнилюс Худоро дӯст медошт, лекин Навиштаҳои Покро

ба таври кофӣ намедонист. Ӯ гумон кард, ки шояд Петрус шахси бузург бошад, аз ҳамин сабаб бар пойҳояш афтода, таъзим кард.

Вале Петрус инро қабул накард ва гуфт, ки ӯ Худо нест, балки танҳо инсон аст. Ба одам таъзим карда, ӯро саҷда намудан гуноҳи азим мебошад. Ҳазорҳо одамон ҳар рӯз ин корро мекунанд, ҳангоме баъзе аҷдодон, ё одамонро парастиш менамоянд. Маълум аст, ки Петрус ҳеҷ гоҳ чунин намекард, ва низ Корнилюс, пас аз он ки ҳақиқатро фаҳмид. Баъд ӯ ба Петрус нақл намуд, ки чӣ гуна фариштаро дид ва барои ӯ ба Ёфо одам фиристод.

### 5. Петрус оиди Масеҳ хушхабар мерасонад (10:34-43)

Акнун Петрус маънои биниши дидаашро равшантар мефаҳмид. Худованд як халқро аз халқи дигар авлотар намешуморад. Ҳангоме Худо одамеро мебинад, ки дар дил бовар дорад ва мехоҳад хости ӯро ба ҷо оварад, дар куҷое ки вай бошад, метавонад вайро қабул карда, гуноҳҳояшро бахшад. Ӯ вайро бахшида, қабул мекунад. Шояд баъзе одамон оиди Масеҳ ва марги Ӯ барои гуноҳкорон ҳатто намедонанд, лекин Худо инро медонад ва метавонад онҳоро бахри Масеҳ бахшад, агар онҳо Ӯро қабул кунанд. Вале вазифаи мо, ҳамчун масеҳиён, оиди Масеҳ гувоҳӣ додан аст, ҳатто ҳангоме ки моро гӯш кардан намехоҳанд, зеро ҳангоме онҳо оиди Ӯ аз мо мешунаванд, метавонанд дӯст доштани Ӯро ёд гиранд.

Петрус ба Корнилюс ва ҳамаи ҳозирон оиди муҳаббати аҷоиби Худо дар Масеҳ нақл менамояд. Масеҳ омад, то некӣ кунад, вале одамони бадкор ӯро куштанд, лекин Худо дар рӯзи сеюм Ӯро дубора зинда кард. Петрус ва дигар фиристаҳо шоҳидони ин воқеа буданд, ва ҳатто дар Паймони Куҳан пайғамбарони Худо дар ин бора пешгуӣ намуданд.

## 6. Корнилюс Рӯҳи Покро соҳиб мегардад ва ғӯта мегирад (10:44-48)

Петрус ҳанӯз нақлашро тамом накарда буд, ки ҳамаи ҳозирон ба Сухан бовар намуда, Исои Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул карданд ва Рӯҳи Пок бар онҳо фуруд омад. Шаш нафаре ки ҳамроҳи Петрус омада буданд, ҳайрон шуданд, ки Рӯҳи Пок ба ғайрияҳудиён низ фуруд омад, чуноне ки ба онҳо фуруд омада буд. Онҳо медонистанд, ки ин хости Худо буд, бинобар ин ҳеҷ кас наметавонист ба Корнилюс ва ҳамроҳони вай ғӯта гирифтанро манъ кунад. Худованд наметавонад Рӯҳи Покро ба онҳое диҳад, ки дилашон дар гуноҳ ифлос аст. Мо мебинем, ки онҳо дар ҳақиқат бовар карданд ва гуноҳҳои онҳо бахшида шуд, бинобар ин онҳо дарҳол ғӯта гирифтанд.

Мо бояд тайёр бошем, то ҳамаи онҳоеро, ки самимӣ Исоро дӯст медоранд, қабул кунем, ҳатто агар онҳо аз дигар нажод ё халқ бошанд. Масеҳ ба ҳамаи масеҳиён фармудааст, ки якдигарро дӯст доранд ва ин барои оламиён аломат хоҳад буд, ки мо аз они Ӯ ҳастем.

## ДАРСИ ШАШУМ

## *АЗИЯТҲОИ ЗИЁДШУДАИСТОДА (11,12)*

Оятҳо барои аз ёд кардан: 1Юҳанно 3:12; Аъмол 12:24.
Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Ман бояд дар танқиди дигарон хеле эҳтиёткор бошам.
2. Дорои Рӯҳи Пок будан ва ба дигарон муҳаббат доштан ду нишонаи онанд, ки ман наҷот ёфтаам.
3. "Масеҳӣ" номи хубест барои онҳое ки ба Масеҳ бовар доранд.
4. Онҳое ки Худованд Исои Масеҳро пайравӣ мекунанд, интихоби дуруст намудаанд.
5. Худо ба онҳое ки дуо мекунанд, мадад менамояд.
6. Гарчи чунин метобад, ки бадкорон некӯаҳволанд, ҷазои онҳо наздик аст.

## УРШАЛИМ ВА АНТИОХИЯ

### 1. Масеҳиёни яҳудӣ Петрусро танқид менамоянд (11:1-3)

Дар боби 10 мо мебинем, ки Худо ба Петрус биниши махсусе фиристод, то фаҳмонад, ки ӯ бояд ба ғайрияҳудиён низ чун ба яҳудиён мужда расонад. Ба хонаи шахсе ки ба халқи дигар мансуб аст, омада бо вай хӯрок хӯрдан барои яҳудӣ ношоиста буд. Бинобар ин, ҳангоме ки Петрус ба Уршалим баргашт, масеҳиёни яҳудӣ ӯро барои чунин амалаш сарзаниш карданд. Бешубҳа, хости Худо дар он буд, ки чунин муносибатҳои нодуруст бартараф гарданд, лекин ҳатто Петрус, ки Худо барояш вазифаи махсуси ба ҳамаи халқҳо таълим доданро супурд, ба биниши Худо эҳтиёҷ дошт, то ҳиссиётҳои худро ба низом дароварад.

Мо низ пеш аз сарзаниш кардани ягон кас, хусусан масеҳии дигар ё хизматгузори Худо, аввал бояд оромона фикр кунем. Маънои калимаи "иблис" "айбдоркунанда" аст, ва кори ӯ аз айбдоркунии бародарон иборат аст (Ваҳй 12:10). Аз дигар тараф, Масеҳ Шафоатгар, яъне Пуштибон номида шудааст (1Юҳанно 2:1) ва ин онро ифода мекунад,

ки Ӯ ҳамеша тайёр аст халқи Худро аз айбдоркунандагон ҳимоя намояд. Танҳо Худо ҳамаи ҳолатҳо ва ниятҳои дилро медонад, бинобар ин танҳо Ӯ метавонад хизматгузоронашро доварӣ кунад.

## 2. Петрус сабаби ба хонаи Корнилюс рафтанашро мефаҳмонад (11:4-14)

Баъзан, ҳангоме одамон моро сарзаниш мекунанд, хусусан барои хизмат ба Худо, мо метавонем хашмгин шуда, барои ба ҳаётамон дахолат карданашон хафа шавем. Ба ҷои ин Петрус ба онҳо фаҳмонд, ки чӣ гуна Худо аз худи аввал ӯро ба ин амал равона мекард.

Худованд Исои Масеҳ гуфта буд, ки одам барои ҳар як сухани беҳуда ҷавоб медиҳад. Мо метавонем дилпур бошем, ки Рӯҳи Пок ягон калимаро дар Навиштаҳо бе сабаби махсус такрор намекунад. Вале дар ин боб мо такрори он чиро мебинем, ки аллакай хонда будем. Ин вақтгузаронии беҳуда нест. Аз чунин такроршавӣ бармеояд, ки ин як қадами хеле муҳим буд, ҳангоме Петрус қатъиян қарор намуд, ки ба ғайрияҳудиён низ мужда расонад. Сабаби асосии ба дигарон оиди Масеҳ мужда нарасондани шумо дар чист?

## 3. Рӯҳи Пок Далели наҷот мебошад (11:15-18)

Худованд Исои Масеҳ ваъда дода буд, ки бовардорон соҳиби бахшоиши Рӯҳи Пок мешаванд. Ҳақиқате ки Рӯҳи Поки Худо фуруд омада, дар дилҳои мо сокин мешавад, далелу исботи муҳаббати Худо ва қувваи хуни поккунандаи Масеҳ мебошад, ва аз ин дида далели бештаре нест (Юҳанно 7:39).

Далели ниҳоӣ барои Петрус он буд, ки Худо ба ин бовардорони ғайрияҳудӣ Рӯҳи Пок бахшида, нишон дод, ки онҳоро қабул кардааст. Ҳамин тариқ, байни яҳудиён ва ғайрияҳудиён фарқе набуд. Ҳамаи онҳо бояд бо бовар наҷот ёбанд ва ҳамон як Рӯҳи Худо дар онҳо сокин шавад. Ҳангоме онҳо инро шуниданд, ҳама, ҳатто бовардорони

яҳудӣ, аз фаҳмидани он ки марҳамати Худо ба ғайрияҳудиёнро насиб гашт, хурсанд шуданд. Ҳангоме одам дигар бовардорон ва Исои Масеҳро дӯст медорад, ин нишонаи он аст, ки ӯ дар ҳақиқат наҷот ёфтааст (1Юҳанно 3:14; 5:2). Оё шумо боварии комил доред, ки аз олами боло зода шудаед?

## 4. Дар Антиохия шогирдон ба яҳудиён ва юнониён мужда мерасонанд (11:19-21)

Шоул пеш аз наҷот ёфтан дар таъқиботи бераҳмонаи зидди масеҳиён иштирок мекард, бинобар ин ҳамаи масеҳиён, ғайр аз фиристаҳо, Уршалимро тарк карда буданд. Ин амал натиҷаҳои хуб дод, зеро онҳо ба ҳар ҷое ки раванд, муждаро мавъиза мекарданд, аммо танҳо ба яҳудиён. Онҳо ҳоло дарси Петрус омӯхтаро намедонистанд, ки Худо тайёр аст ғайрияҳудиёнро низ наҷот диҳад.

Аммо баъзе аз онҳое ки ба Антиохия расиданд, дар Қиприс ва Қӯрин зода шуда буданд. Мафкураи онҳо чун аз яҳудиёни Уршалим он қадар танг набуд ва онҳо тайёр буданд бо юнониён гап зананд. Юнониён роҳи наҷотро бо хурсандӣ шуниданд ва шумораи зиёде аз онҳо бовар карда, ба Худо рӯй оварданд.

Ҳангоми аз назар гузарондани ҳодисаҳои гузашта мо метавонем дар паҳн шудани хушхабар равнаќу ривоҷро бинем. То вақти сангсор шудани Истефанус шогирдон дар Уршалим қарор доштанд. Баъд аз ин мо Филиппус ва фиристаҳоро дар Сомария мебинем ва хоҷасарои ҳабашӣ хушхабарро ба Африқо мебарад. Сипас Шоул, пас аз бовар карданаш, дар Димишқ муждаро паҳн мекунад, Петрус бошад дар Лидда, Ёфо ва дар Қайсария ба ғайрияҳудиён. Акнун дар ин ҷо, дар Антиохия, бисёр юнониён ба воситаи бовар наҷот ёфтанд. Донишҷӯ бояд ҳамаи ин ҷойҳоро дар харитаи Навиштаи Пок ёбад.

## 5. Барнаббо ва Шоул (11:22-26)

Ҳангоме хабар оиди ин баракат ба Уршалим расид, боиси хурсандии ҳама гашт. Шумо дар ёд доред, ки ҳангоме хабарҳо аз Сомарияву Қайсария ба Уршалим расиданд, чӣ ба вуҷуд омад? Ин дафъа фиристаҳо Барнабборо мефиристанд, ки дар бораашдар бобҳои 4 ва 9 мехонем. Ӯ корҳои Худованд кардаро дида, хеле шод шуд, ва бовардоронро бовар мекунонд, ки ба Худо пайравӣ карданро давом диҳанд.

Баъд ӯ аз пайи ҷустуҷӯи Шоул ба Тарсус рафт, то ки вай дар хизматгузории ӯ ёрӣ диҳад. Шоул ин даъватро бо хурсандӣ қабул кард ва онҳо якҷоя муддати як сол хабари Масеҳро паҳн мекарданд. Онҳо оиди Масеҳ бисёр нақл мекарданд ва ӯро ситоиш менамуданд, аз ин сабаб сокинони Антиохия онҳоро “масеҳиён” номиданд, ки маънояш “ба Масеҳ таaллуқдоштагон” мебошад. Ин унвони ба мо мувофиқ мебошад. Аксар масеҳиён дар замони мо дигар унвонҳоро қабул мекунанд, ки назар ба ҳамаи масеҳиён дигар будани онҳоро нишон медиҳанд. Вале ҳеҷ унвон беҳтар аз унвонҳое нест, ки Навиштаи Пок медиҳад: покон, шогирдон, бовардорон, масеҳиён, бародарон.

### 6. Пайғамбар гуруснагии меомадаро пешгӯӣ мекунад (11:27-30)

Он рӯзҳо аз Уршалим пайғамбарҳо омаданд, ки якеаш Оғобус ном дошт ва гуфтанд, ки гуруснагии бузурге меояд. Он гоҳ шогирдон маслиҳат карданд, ки каме пул ҷамъ карда ба Уршалим фиристанд, то ба бародарони камбағал мадад расонанд. Онҳо Шоул ва Барнабборо интихоб карданд, то хайрияи ҷамъшударо ба роҳбарони ҷамоатҳои Уршалим расонанд. Мо пештар низ дидем, ки муҳаббат ба бародарон нишонаи аёни он аст, ки шахс ба воситаи Рӯҳи Пок аз олами боло зода шудааст. Ин одамон аз муқаддасони Уршалим кӯмаки рӯҳонӣ гирифта буданд ва Ҳоло мехостанд, ки ба онҳо аз ҷиҳати моддӣ мадад расонанд.

## ТАЪҚИБОТ ДАР УРШАЛИМ

### 1. Кушта шудани Яъқуб, бародари Юҳанно (12:1,2)

Дар Паймони Навин се подшоҳ бо номи Ҳиродус зикр мешаванд. Оиди якумаш дар Матто боби 2 гуфта мешавад. Ӯ дар замони зода шудани Исо ҳукмронӣ мекард ва кӯшиш мекард, ки “ӯро, ки чун Шоҳи яҳудиён” зода шуд, кушад, чунки худаш подшоҳ будан мехост. Ҳиродуси дигар дар вақти мехкӯб шудани Исо ҳокими Ҷалил буд. Вай сари Яҳёи Таъмиддиҳандаро аз тан ҷудо кард ва бо Пилотус оиди Худованд Исо ҳамфикр гашт (Луқо 23:12).

Шоҳе ки оиди ӯ дар ин боб сухан меравад, набераи Ҳиродуси якум мебошад. Вай ҳамроҳи хешу табораш ба масеҳиён нафрати бепоён дошт. Ва мо мебинем, ки ӯ бе ягон сабаб Яъқубро бо шамшер кушт. Дар Паймони Навин камаш се кас бо номи Яъқуб вомехӯранд. Ин Яъқуб ва боз якеи дигар фиристаҳо буданд, ки дар Матто 10:2,3 зикр мешаванд. Сеюмин, бародари Худованд (Марқӯс 6:3), номаи Яъқубро навиштааст ва дар ҳамин боб дар ояти 17 зикр мешавад.

Байни Ҳиродусҳо ва Яъқубҳо то чӣ андоза фарқи бузургест! Аз ин оят шумо метавонед гумон кунед, ки Ҳиродус боқувватар буд, аммо ҳангоме ки Исо бармегардад ва доварӣ мекунад, маълум мегардад, ки Яъқуб барин пайравони Худованд ҷонибдори тарафи дуруст буданд. Вале шумо тарафдори кӣ ҳастед?

## 2. Ҳиродус Петрусро ҳабс кард, вале фаришта ӯро озод намуд (12:3-10)

Дар он вақт Ҳиродус гумон дошт, ки барор ёфт ва Петрусро зиндонӣ кард. Вай ин корро барои хуш омадан ба яҳудиён кард. Кӯшиши танҳо ба одамон писанд омадан хеле осон боиси гуноҳ мешавад! Барои дилпурӣ ӯ шонздаҳ нафарро барои посбонии Петрус гузошт.

Аммо ҷамоат барои Петрус дуо мегуфт ва Худо фариштаеро фиристод, то ӯро озод кунад. Петрус то дараҷае хотирҷамъ ва пур аз бовар буд, ки бо вуҷуди доварии дар пеш буда ба хоби сахт рафт. Фаришта ба ӯ фармуд, ки бархеста аз паси вай равад. Занҷирҳо аз дастонаш афтоданд

ва дарҳои калони зиндон худ кушода шуд. Ҳангоме ки фаришта Петрусро ба берун баровардa дид, ки вай берун аз хатар аст, ӯро вогузошт.

Дар ин ҷо мо боз як бори дигар мебинем, ки дар замин ягон қуввае нест, ки ба хости Худо муқобилат карда тавонад ва Худованд барои ба дуои халқаш ҷавоб додан мӯъҷизаҳо ба амал меоварад, вале Ӯ аз мо интизор аст, ки ҳар чизи аз дастамон меомадаро ба ҷо оварем.

## 3. Петрус назди бародарони худ меравад (12:11-17)

Дар аввал Петрус ба чизи рӯйдода сарфаҳм нарафт. Аммо чун ба худ омад, фаҳмид ки озод шудааст, ва назди бовардорон равона шуд. Ҳангоме шумо аз кор ё дарс вақти холӣ пайдо мекунед, бо чӣ машғул мешавед? Оё шумо ҷамъияти онҳоеро меҷӯед, ки дорои ”ҳамин гуна бовари гаронбаҳо” мебошанд, то аз мушоракат бо онҳо ҳаловат баред?

Ними шаб буд, аммо ҷамъшудагон барои Петрус дуо карданро давом медоданд. Ҳангоме ки Худо ба таври аҷоиб ба дуоҳояшон ҷавоб дод ва онҳо Петрусро назди дар диданд, бовар карда наметавонистанд, ки Худо дар ҳақиқат онҳоро шунид. Гарчанде бовари онҳо ба таври кофӣ мустаҳкам набуд, Худо ба ҳар ҳол ба он ҷавоб дод. Аммо ҳангоме мо дархост мекунем, бояд бовар кунем, ки Худо моро мешунавад ва мехоҳад ҷавоб диҳад. Фақат ҳамин тавр мо метавонем дар ҳақиқат Худоро ҷалол диҳем.

## 4. Қатли посбонони зиндон (12:18,19)

Аз зиндон гурехтани маҳбус барои посбонҳо ҷинояти вазнин ҳисоб мешавад. Гумон пайдо шуд, ки маҳбус пули калоне додааст, то ки ӯро озод кунанд. Дар қаламрави Рум, агар посбонҳо маҳбусро хуб посбонӣ намекарданд, имкон дошт, ки қатл карда шаванд. Худи Ҳиродус ба ҳарос афтод, зеро мефаҳмид, ки масеҳиён қудрати Худоро доранд. Вай ба худсафедкунии посбонҳо бовар накарда, фармон дод, ки онҳоро ба қатл расонанд.

Ҳангоме Исои Масеҳро мехкӯб карданд, Юсуф Ӯро дар қабри нав дафн кард, ки онро Пилотус мӯҳр зад, то ки шогирдон ҷасади Ӯро дуздида, нагӯянд, ки Ӯ аз мурдагон зинда шуд. Аммо на санги дари қабр, на сарбозони лашкари Рум, на қувваҳои шайтон дар якҷоягӣ натавонистанд Писари Худоро дар қабр нигоҳ доранд. Ҳаёти ин посбонҳо дар хатар буд, вале хизматгузорони парастишгоҳ ваъда доданд, ки агар ҳақиқат ошкор гардад, онҳоро муҳофизат менамоянд (Матто 28:11-15). Ба Худо муқобилат кардани одамон беақлӣ аст! Бешубҳа, ӯ комилан ғолиб мешавад. Бо вуҷуди ин бисёриҳо Худоро рад карда, бо роҳи гуноҳ меравaнд, гарчанде медонанд, ки як рӯзе Худо онҳоро ҷазо медиҳад.

## 5. Ҷазои Ҳиродус (12:20-23)

Баъзеҳо барои гуноҳҳояшон муддати дароз ҷазо намебинанд, аммо дар ҳолати мазкур ҷазои Худо фавран фуруд омад. Назди ин одами бераҳм фармонбардоронаш омаданд, то ки аз ӯ марҳамат дархост кунанд, ва ӯ онҳоро қабул кард. Ҳозирон мехостанд ба подшоҳ писанд оянд ва бо ин мақсад нидо мекарданд, ки на овози одамро, балки овози Худоро шунида истодаанд. Ҳиродус ба ҷои он ки Худоро ҷалол гуфта, танҳо инсон будани худро эътироф кунад, аз ин таърифкунии бардурӯғ хурсанд шуд. Дар натиҷа фариштаи Худо ӯро зарба зад ва кирмҳо вайро хӯрданд ва ӯ бо марги нанговар мурд.

Мо метавонем боварии комил дошта бошем, ки ҳар кӣ ба Худо зиддият карда, Масеҳро рад мекунад, ҷазои одилона мебинад. Дар ин ҳаёт мо аксар вақт гумон мекунем, ки бадкирдорон шодком анд, ва бо онҳо ҳеҷ бадӣ рӯй намедиҳад. Аммо рӯзе мерасад, ки Худо ҳар чизи ниҳониро ошкор карда, аз рӯи адолат ҳукм мекунад.

## 6. Барнаббо, Шоул ва Марқӯс (12:24,25)

Ҳангоме Худо Ҳиродусро ҷазо дод, таъқиботе ки сабаби куштори Яъқуб ва зиндонӣ гардидани Петрус шуд, ба охир расид. Сухани Худо, ба зиддияти иблис нигоҳ накарда, торафт паҳн мегашт. Одатан, пас аз даври азиятҳо, Худо ба мо вақти хуши осоиштагию баракатро медиҳад.

Барнаббо ва Шоул аз Антиохия ба Уршалим омаданд, то ки каме мадади пулиро, ки бовардорон ҷамъ оварда буданд, ба масеҳиёни ин ҷо расонанд (11:12). Ҳангоме ки онҳо ин супоришро ба ҷо оварданд, ба Антиохия баргаштанд ва ба онҳо Юҳанно Марқӯс ном ҷавоне ҳамроҳ шуд. Оилаи ӯ дорои хонаи калоне буд, ки дар он масеҳиён барои дуо ҷамъ мешуданд (ояти 12). Вай аз ҳама он чи ба амал меомад, дар ҳайрат буд ва хоҳиши калони ба Худо хизмат карданро дошт. Ӯ ҷияни Барнаббо буд (Қӯлассиён 4:10), бинобар ин ҳамроҳи Фиристаҳо ба Антиохия рафт.

## ДАРСИ ҲАФТУМ

## *КИШВАРҲОИ ДУР (13-15)*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 13:39; 15:11
Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Паймони Куҳан асосан оиди Исои Масеҳ нақл мекунад.
2. Аксари яҳудиён Инҷилро рад карданд.
3. Таъқибот набояд моро аз хизмат ба Худо боздоранд.
4. Корҳои нек ҳеҷ касро наҷот дода наметавонанд.
5. Корҳои нек касеро дар наҷот нигоҳ дошта наметавонанд.
6. Корҳои нек барои нишон додани муҳаббати ман ба Худо, ки маро наҷот додааст, зарур аст.

## САФАРИ ЯКУМИ МИССИОНЕРИИ ПАВЛУС

### 1. Павлус ва Барнаббо ба хизмат фиристода мешаванд (13:1 – 12).

Дар калисои Антиохия, ғайр аз Павлус ва Барнаббо, боз се нафар муалимони Навиштаҷот буданд. Ҳангоме ки онҳо ба Худо хизмат карда, дуо мекарданд, Рӯҳи Пок ба онҳо гуфт ки ин ду нафарро барои хизмати махсус равона кунанд. Бешубҳа, Павлус ва Барнаббо ба ин кор тайёр буданд ва масеҳиёни ин калисо онҳоро бо хурсандӣ ба ин хизмат равона карданд. Ҳам миссионерҳо, ҳам калисо ба роҳбарии Рӯҳи Пок итоат мекарданд.

Якумин ҷое ки онҳо омаданд, Қиприс буд. Юҳанно Марқӯс бо онҳо буд, то ки ҳангоми зарурат ба онҳо ёрдам кунад. Ҳангоме ки онҳо муждаро мавъиза карда, тамоми ҷазираро тай карданд, назди ҳокими ин кишвар, ки Сарҷиюс Павлус ном дошт, омаданд. Ин шахс ба Калом шавқ пайдо кард, аммо Алимои ҷодугар ӯро аз роҳи бовар мегардонд. Дар охир Павлус (дар оянда ӯро ҳамин тавр ном мегиранд) ӯро ба муддате нобино кард, то ба паҳншавии нури мужда халал нарасонад. Инро дида, Сарҷиюс Павлус ба Худо

бовар кард. Ба нури ҳақиқат зиддият кардан гуноҳи калон аст. Пас аз чанд вақт одам тавоноии фаҳмидани ҳақиқатро гум мекунад – кӯр мешавад ва ба дурӯғи шайтон тезтар бовар мекунад.

## 2. Сухани Павлус дар Антиохияи Писидия: Марги Масеҳ (13:13–29).

Онҳо аз Қиприс ба материк ба ҷои хеле хатарнок баргаштанд. Аз ин сабаб Юҳанно Марқӯс ба Уршалим баргашт. Мо аниқ намедонем, ки барои чӣ Марқус бозгашт, аммо бисёр ҷавонон далерона ба Худо хизмат карданро сар мекунад, вале зуд бас мекунанд. Ин бисёр ғамангез аст, чунки Худованд хизматгори вафодорро дӯст медорад.

Дере нагузашта ду миссионери мондагӣ ба шаҳри Антиохияи Писидия расиданд. Павлус одатан аввал ба куништ мерафт ва имконияти ба яҳудиён мавъиза кардани муждаи Масеҳро истифода мебурд. Дар оятҳои зерин мо навиштаи номаи ӯро меёбем ва ӯ, бешубҳа, дар дигар ҷойҳо низ ҳамин тариқ мужда мерасонд.

Дар аввал ӯ ба онҳо ҳикоятеро аз Паймони Куҳан нақл мекунад, чуноне ки Истефанус низ карда буд. Баъд аз ин ӯ оиди Худованд Масеҳ гап мезанад (ояти 23). Вай оиди аҷдодони Ӯ, оиди аз авлоди Довуд будани ӯ, оиди саромади Ӯ Яҳёи Таъмиддиҳанда нақл мекунад: рад шудани Ӯ аз тарафи яҳудиён, ки ӯ назди онҳо фиристода шуда буд ва оиди марги Ӯ, ки иҷрои пешгӯиҳои Паймони Куҳан буд, нақл мекунад. Одам бояд Паймони Куҳан ва Паймони Навинро хуб донад, то оиди Масеҳ боварибахш гап зада тавонад.

Ин ҳар ду қисм оиди таърихи аҷоиби Наҷотдиҳандаи мо нақл мекунанд.

## 3. Номаи Павлус: Масеҳ аз мурдагон бархост (13:30–41)

Албатта, одамон танҳо бо шунидани он ки Масеҳ дар салиб мурд, хурсанд намешуданд. Бинобар ин Павлус оиди зиндашавии пуршукӯҳи Ӯ сухан меронад. Шоҳидони бисёри ин амал буданд ва Павлус аз Паймони Куҳан

иқтибос оварда, исбот мекунад, ки ҳамин тавр бояд мешуд. Павлус мегӯяд, ки гуноҳҳои онҳо танҳо бо воситаи ҳамин Шахсият бахшида шуда метавонанд ва оиди натиҷаҳои рад кардани тӯҳфаи Худо таъкид мекунад. Имкон дорад, ки касе Масеҳро одами ҳайратовар ҳисоб кунад, вале амалан бовар накунад, ки наҷот танҳо ба воситаи Ӯст. Лекин бе бовар наҷот нест

### 4. Натиҷаи хабари Павлус ба Антиохия (13:42 – 52)

Яҳудиён ва ғайрияҳудиён, ки ба Худо бовар доштанд, ва ҳамаи ҷамъшудагон мехостанд, ки Павлус боз шанбеи оянда мавъиза кунад. Барои гӯш кардани вай қариб тамоми аҳолии шаҳр ҷамъ шуд. Ба яҳудиёни нобовар ин маъқул набуд, зеро ягон вақт барои гӯш кардани онҳо ин қадар одам ҷамъ нашуда буд. Бинобар ин онҳо бо Павлус мунозира карда, ба гуфтаҳояш шак меоварданд, куфр мегуфтанд. Он гоҳ Павлус ва Барнаббо гуфтанд, ки маҷбуранд ба бехатнаҳо рӯй оваранд, чунон ки Худованд фармуда буд. Ин сабаби шодии ғайрияҳудиён гардид, аммо яҳудиён торафт муомилаи душманона мекарданд ва дар охир зидди фиристаҳо таъқибот ташкил карданд, ва онҳо маҷбур шуданд шаҳрро тарк кунанд. Вале аз паси худ гурӯҳи хурсанди пайравонро боқӣ гузоштанд, ки аз боиси наҷот ёфтан шод буданд.

Ҳар гоҳе ки вақти баракати Худо биёяд, шумо бояд боварӣ дошта бошед, ки иблис мушкилӣ меоварад ва кӯшиш мекунад, ки агар тавонад, кори Худовандро вайрон кунад. Аммо фиристаҳо шод буданд, ки барои Худованд азият мекашанд, алалхусус барои он ки ин қадар одамони бисёр наҷот ёфтанд. Оё меарзад, ки ба озорҳо аз тарафи нобоварҳо аҳамият диҳем, ҳангоме ки ақаллан миқдори ками одамон ба воситаи гувоҳии мо Худовандро шинохтанд?

### 5. Павлус дар Иқуния ва Лустра мавъиза мекунад. Яҳудиён ӯро сангсор мекунанд (14:1 – 18)

Аз Антиохия фиристаҳо ба Иқуния рафтанд ва муддати зиёде дар он ҷо башоратро мавъиза карда, беморонро шифо мебахшиданд. Натиҷаҳо чун пештара буданд: бисёриҳо бовар карданд, аммо яҳудиён зидди онҳо баромада, мардумро таҳрик намуданд, ки Павлус ва Барнабборо шармсор намуда, сангсор кунанд. Аммо онҳо сари вақт аз ин хабардор шуданд ва ба шаҳри ҳамсояи Лустра рафтанд.

Дар Лустра Павлус шахсеро, ки аз хурдсолӣ ланг буд, шифо бахшид. Ин ба ҷамъшудагон чунон таъсир расонд, ки онҳо Павлус ва Барнабборо чун худоҳои бутпарастон қабул карданд, ки дар сурати одамӣ омадаанд. Онҳо чунон сахт ба ин боварӣ доштанд, ки ҳатто ҳайвонҳоро пеши онҳо барои қурбонӣ оварданд. Албатта фиристаҳо инро қабул накарданд, чуноне ки Петрус ҳангоми зону зада ба ӯ таъзим намудани Корнилюс гуфта буд, ки бархезад. Саҷдаро қабул кардани ҳар як шахс гуноҳи азим аст. Чаро ҳангоме Худо нисбати мо чунин меҳрубон аст, одамон мехоҳанд на ба Худи Худо, балки ба ҳар гуна офаридаҳо саҷда кунанд?

### 6. Онҳо Лустраро тарк карда, ба Антиохия бармегарданд (14:19–28)

Тӯда ба зудӣ муносибати худро иваз кард ва ҳангоме яҳудиён онҳоро бовар кунонданд, ки зидди Павлус бароянд, онҳо қарор доданд, ки ӯро сангсор кунанд. Онҳо гумон карданд, ки вай мурдааст ва ӯро монда рафтанд, аммо Худо вайро ба по бардошт, зеро барои Павлус боз кори бисёр дошт.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, хоҳиши ягонаи Павлус давом додани хизмати Худо буд. Онҳо ба Дарба омаданд ва аз он ҷо ба Антиохия. Павлус аз шаҳрҳое ки дар он ҷо бо ӯ бераҳмона рафтор карданд, канораҷӯӣ накард, баръакс, ӯ ба он шаҳрҳо ворид шуда, кӯшиш мекард, ки наҷотёфтагонро дар бовар устувор гардонад. Ӯ ҳамчунин мехост дар ҳар ҷо калисоҳои майдае ташкил шаванд, то ки масеҳиён тавонанд бо ҳам ҷамъ оянд ва ба ҳамдигар кӯмак кунанд. Дар охир

онҳо ба калисои худ баргаштанд ва оиди мӯъҷизаҳои аҷоиби Худо нақл карданд.

## МАШВАРАТ ДАР УРШАЛИМ

### 1. Баҳс бо масеҳиёни яҳудӣ (15:1 – 5)

Мо дар ин боб ба он аҳамият додем, ки баъзе аз пешвоёни яҳудӣ, ки ба Масеҳ бовар доштанд (ба ҳар ҳол онҳо чунин мегуфтанд) бо Петрус барои муносибаташ бо бехатнаҳо мунозира мекарданд. Чун ӯ ба онҳо фаҳмонд, ки чӣ хел Худованд ӯро роҳнамоӣ кард, ҳамаи норозигии онҳо гум шуд.

Аммо дар ин ҷо мо мебинем, ки онҳо боз осоиштагиро вайрон карданд ва ҳатто ба Антиохия рафта, ба масеҳёни ғайрияҳудӣ гуфтанд, ки бояд хатна кунанд. Ин аломат дар Паймони Куҳан маънои онро дошт, ки одам ба Худо бовар карда, аз Ӯ баракат ёфтан мехоҳад. Он замон ин дуруст буд ва Худо ба Иброҳим ва ҳамаи яҳудиён амр карда буд, ки ин расмро ба ҷо оваранд.

Аммо ҳамаи расму оинҳои Паймони Куҳан дар Масеҳ иҷро шуда ба хотима расиданд. Зиёда аз ин, ҲАР он чи ба хизмати Масеҳ чун заруриёти наҷот илова мешавад, тамоман нодуруст аст. Барои наҷот танҳо бовар ба Худованд Исои Масеҳ даркор аст. Ҳар гуноҳкоре ки ба айби худ иқрор шудааст, танҳо ба муҳаббати Худо мӯҳтоҷ аст. Ягона чизе ки барои наҷот муҳим аст, Масеҳ мебошад ва ба Ӯ бовар карда, Масеҳро чун Наҷотдиҳандаи худ соҳиб мешавем. Оё шумо танҳо ба Худи Масеҳ бовар мекунед, ё боз саъю кӯшиши худро илова мекунед.

Покони Антиохия ин таълимоти бардурӯғро гӯш карда, дар тааҷҷуб монданд, аммо Павлус ва Барнаббо онҳоро бовар кунонданд, ки ин таълимоти ҳақиқат нест. Маслиҳат карда шуд, ки воизонро ба Уршалим ба шӯрои калисоӣ равона кунанд. Фиристаҳо Павлусу Барнабборо хурсандона қабул карданд, аммо баъзе фарисиёни боваркарда худашон

ба зарурати хатна боварӣ доштанд ва дигарҳоро низ маҷбур мекарданд, ки ин расмро ба ҷо оваранд.

## 2. Петрус нақл мекунад, ки чӣ хел Рӯҳ ба бехатнаҳо дода шуд (15:6 – 11)

Онҳо розӣ шуданд, ки якҷоя ҷамъ шуда, ин масъаларо муфассал ҳал кунанд. Аксари баҳсҳову мушкилотро ҳал кардан мумкин аст, агар одамон якҷоя ҷамъ шуда, оиди онҳо сӯҳбат кунанд.

Дар аввал изҳори норозигӣ бисёр буд, аммо Петрус ёдрас кард, ки чӣ хел Худо бехатнаҳоро аз рӯи боварашон қабул кард. Инро аз он хулоса кардан мумкин аст, ки Ӯ ба Корнилюс ва дигарон Рӯҳи Покро фиристод. Пас чаро дар ин маврид фарисиёни пешина мехостанд юғи иҷрои шариатро ба онҳое гузоранд, ки Худо онҳоро бе ягон шарт қабул кардааст? Худи яҳудиён низ на бо иҷрои шариат, балки танҳо бо бовар наҷот ёфта метавонистанд. Чаро бехатнаҳо бояд он кореро мекарданд, ки яҳудиён ба он мӯҳтоҷ набуданд?

## 3. Сӯҳбати Павлус, Барнаббо ва Яъқуб (15:12 – 21)

Баъд Павлусу Барнаббо оиди мӯъҷизаҳое нақл карданд, ки Худо дар байни бехатнаҳо кард, масалан, шифои марди ланг дар Лустра. Аммо аз ҳама аҷоибаш он буд, ки садҳо одамон ба Масеҳ бовар карда, наҷот ёфтанд.

Дар охир Яъқуб пешгӯии Омӯси пайғамбарро меорад, то ки гуфтаи Петрусро дастгирӣ кунад, ки Худо ғайрияҳудиёнеро ки ба воситаи Масеҳ ба Ӯ бозгашт намудаанд, қабул кард. Мубоҳиса бо ҳамин хотима ёфт, ва мо мебинем, ки тамоми Каломи Худо, ҳам Паймони Куҳан ва ҳам Паймони Навинро донистан чӣ хел муҳим аст.

Яъқуб ҷамъбаст мекунад, ки аз бехатнаҳо набояд иҷрои хатна ё шариати Мусоро талаб кунем. Аммо фиристаҳо бояд ба онҳо оиди гуноҳҳои зинокорӣ, бутпарастӣ ва худдорӣ кардан аз баъзе хӯрокҳои муайян нома навишта, таъкид мекарданд.

Барои ғайрияҳудиён он чиз муждаи нек буд, ки иҷрои шариат бори зиёдатӣ аст. Дар ягон ҷо гуфта нашудааст, ки ҳатто риояи чор қоида боиси наҷот мешаванд. Масеҳӣ барои он чунин рафтор мекунад, ки фарзанди Худост ва кӯшиш намекунад, ки худаш худо шавад.

Як фарқи муҳим вуҷуд дорад, ки масеҳиёни бисёр онро намефаҳманд. Корҳои нек самари наҷот мебошанд, на ин ки роҳ сӯи он. Ман бо меҳрубонии Худо наҷот ёфтаам, аммо баъди наҷот ёфтан ба Ӯ хизмат кардан МЕХОҲАМ. Ва инро барои нигоҳ доштани наҷот не, балки барои ба Худованд писанд омадан мекунам, ки Худо аввал маро дӯст доштааст.

## 4. Нома ба бехатнаҳое ки боварро қабул кардаанд (15:22–29)

Пешниҳоди Яъқубро тамоми калисо қабул кард, ва онҳо ду нафар, Яҳудо ва Силоро интихоб карданд, то ки ба Антиохия бо нома баргарданд. Ин ду нафар чун "роҳбарон дар байни бародарон" зикр шуда буданд (ояти 22). Бешубҳа, онҳо сазовори ин унвон буданд, аммо тасвири беҳтарро дар ояти 25 меёбем. Инҷилро мавъиза карда, ҳаёти худро дар хатар гузоштан беҳтар аз он аст, ки дар байни масеҳиён шӯҳрат пайдо кунӣ. Аммо бо вуҷуди ин баъзе масеҳиён вақти худро дар ҷустуҷӯи шӯҳрати заминӣ сарф мекунанд.

Дар нома фиристаҳо таъкид намуданд, ки ҳеҷ гоҳ назди онҳо касонеро нафиристодаанд, ки хатна карданро тавсия медоданд. Ба ҷои ин, ғайр аз иҷрои чор қоидаи муҳим, онҳо чизи дигар намефармоянд.

## 5. Бехатнаҳо номаро бо шодӣ қабул мекунанд (15:30–35)

Ҳангоме ки онҳо ба Антиохия расиданд, аҳли калисоро ҷамъ карда, номаро ба онҳо хонданд. Ин таълимоти бардурӯғ бисёриҳоро нооором мекард. Аммо акнун онҳо бо осудагӣ боварӣ ҳосил намуданд, ки одам танҳо ба воситаи бовар наҷот меёбад. Яҳудо ва Сило ҷамъшудагонро таълим дода, бовари онҳоро қавӣ мегардониданд. Пас аз муддате

онҳо мебоист ба Уршалим баргарданд, аммо Сило қарор дод, ки дар Антиохия монда, ба хизмати Худо ёрӣ диҳад.

Фикр кардан мумкин аст, ки масъалаи иҷрои шариат бо ҳамин барои ҳамеша ҳал шуд. Аммо дар номаҳои Павлус мо мебинем, ки яҳудиён фаъол буданд ва ба кишварҳои гуногунро сафар карда, таълимоти худро пеш мебурданд. Павлус ин таълимоти бадро дар номаҳои худ ба Ғалотиён, 1Қӯринтиён, Филиппиён ва Қӯлассиён рад мекунад.

## 6. Павлус ва Сило ба сафари дуюми миссионерӣ равона мешаванд (15:36–41)

Дере нагузашта Павлус ба Барнаббо пешниҳод намуд, ки барои аз бародарони худ дар шаҳрҳои гуногун хабардор шудан ба роҳ бароянд. Барнаббо розӣ шуд, вале мехост, ки ҷиянаш Марқӯсро, ки дар сафари якум онҳоро тарк карда буд, ҳамроҳ гиранд. Павлус хоҳиши ӯро рад кард ва дар натиҷа онҳо бо роҳҳои гуногун рафтанд. Мо дигар оиди Барнаббо ва Марқӯс дар Аъмол намешунавем, аммо Павлус онҳоро дӯстони худ меҳисобид (1Қӯринтиён 9:6, Тимотиюс 4:11).

Павлус бо худ Силоро интихоб кард, ки вай хушбахт буд ҳамроҳи ӯ ба сафари муждарасонӣ равад. Бародарон онҳоро бо марҳамати Худо баракат доданд, ва онҳо ба сафар баромаданд. Ҳамеша ба хости Худо пайравӣ намудан даркор аст.

## ДАРСИ ҲАШТУМ

### *САФАРИ ДУЮМ (16:1 – 18:22)*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 16:30,31, 1Қӯринтиён 1:18. Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Ба даъвати Худо пайравӣ кардан даркор аст, ҳатто ҳангоме ки сабаби онро намефаҳмем.
2. Мо бояд ёрии дунявӣ хоҳиш накунем ва онро қабул накунем.
3. Кӯшиши хушбахт будан дар рӯзҳои таъқибот мукофот меоварад.
4. Инҷил барои баъзеҳо файз буда, дигаронро дар бовар устувор мекунад.
5. Хирадмандони ин дунё дар назари Худо беақл буда метавонанд.
6. Ҳар таълимот бояд бо Навиштаҷот санҷида шавад.

### АЗ АНТИОХИЯ ТО ФИЛИППӢ

**1. Павлус Тимотиюсро интихоб мекунад, то ки ҳамроҳи ӯ равад (16:1-5)**

Ҳангоме ки Павлус ва Барнаббо дар сафари якум дар Лустра буданд, одамон аввал онҳоро саҷдаву таъзим карданд, сипас Павлусро сангсор карданд. Як ҷавон аз дидани ин сахт ҳайрон шуда буд. Ӯ дилашро ба Худо дода, ба Ӯ хизмат кардан мехост. Номи ӯ Тимотиюс буд.

Ҳангоме ки Павлус баргашт, ӯ аз бародарон оиди Тимотиюс пурсон шуд ва ҷавоби мусбат гирифта, вайро бо худ бурданӣ шуд. Модари Тимотиюс яҳудӣ буду падараш юнонӣ. Барои аз маломатҳои нодаркори яҳудиён озод шудан Тимотиюс хатна кард. Ӯ инро на барои наҷот ёфтан кард. Ӯ ба воситаи хуни муқаддаси Масеҳ наҷот ёфта буд. Ин расм имконият медод, то касоне ки ба ин расм аҳамияти зиёд медоданд, ӯро айбдор накунанд. Барои Тимотиюс ба Масеҳ хизмат кардан муҳим буд.

Пас аз ин се мусофир ба роҳ баромаданд, то ба калисоҳо рафта, ба мардум гӯянд, ки иҷрои шариат барои наҷот ёфтан зарур нест. Дар натиҷаи ин калисоҳои бисёр ба вуҷуд омаданд ва ҳар рӯз наҷотёфтагон зиёд мешуданд.

## 2. Ба Мақдуния даъват шудан (16:5 – 10)

Аз Фриҷия ва Ғалотия гузашта, онҳо мехостанд дар вилояти Осиё, як қисми Туркияи ҳозира мужда расонанд. Аммо Рӯҳи Пок онҳоро ба Осиё ва низ ба Битуния роҳ надод.

Дар охир онҳо ба Трӯос дар соҳили баҳри шимолӣ расиданд. Онҳоро аз Мақдуния, ки кишвари аврупоӣ буд, танҳо баҳри хурде ҷудо мекард. Павлус бинише дид, ки дар он марде аз аҳли Мақдуния ба ӯ чунин мегуфт: “Ба Мақдуния омада, ба мо мадад расон”. Ҳамаи онҳое ки бо Павлус буданд, инро чун аломати Худо ҳисобида, ба роҳ баромаданд. Аҳамият диҳед, ки Луқо, муаллифи ин китоб, дар ояти 10 чӣ мегӯяд: “Мо дарҳол ба Мақдуния рафтанӣ шудем”. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки Луқо дар Трӯос ба сафари миссионерӣ шарик шуд. Фиристаи бузург аз Осиё ба Аврупо даъват шуд, то ки муждаи некро расонад. Ба зудӣ дар он ҷо калисоҳо барпо шуданд ва Аврупо асрҳои зиёд такягоҳи масеҳият шуд.

## 3. Дар Филиппӣ Лидия Каломро қабул мекунад (16:11 – 18)

Ҳангоме ки онҳо ба даъвати Худо итоат карданд, Ӯ миссионерҳоро баракат дод ва онҳо ба хубӣ ба Филиппӣ, ки шаҳри асосии ин қисми Мақдуния буд, расиданд. Дар он ҷо куништҳои яҳудиён набуданд, ки дар онҳо Павлус мужда расонда тавонад, аммо онҳо бо якчанд зан вохӯрданд, ки дар соҳили дарё барои дуо ҷамъ шуда буданд. Яке аз онҳо аз шунидани ин пайғом бисёр хурсанд буд ва Худованд ба дилаш таъсир расонду ӯ бовар кард. Номи ӯ Лидия буд, ӯ арғувонфурӯш буд. Дере нагузашта ӯ таъмид гирифт ва миссионеронро ба дар хонаи худ даъват кард.

Ҳангоме ки миссионерон ба парастишгоҳ мерафтанд, ба онҳо духтаре вохӯрд, ки рӯҳи фолбинӣ дошт. Бо фолбинии худ вай ба соҳибонаш даромади хуб меовард. Духтар аз пайи Павлус ва Сило мерафту фарёд мезад, ки инҳо ходимони Худо ҳастанд. Ин ҳақиқат буд, аммо Павлус аз шахсе ки ба иблис хизмат менамуд, мадад қабул намекард. Ӯ амр кард, ки рӯҳи палид ин духтарро тарк кунад.

## 4. Павлусу Силоро калтаккорӣ мекунанд (16:19 – 24)

Пас аз ин кор соҳибони духтар аз Павлусу Сило хашмгир шуданд, чунки дигар пули осон ёфта наметавонистанд. Онҳо фиристаҳоро назди сардорҳо оварда, ба шӯрандозӣ дар шаҳр айбдор карданд. Сардорон аз Павлус ҳатто напурсиданд, ки оё ин гуфтаҳо ҳақиқат аст. Ба ҷои ин онҳо фармуданд, ки онҳоро калтаккорӣ кунанд ва ба зиндон бурда, занҷирбанд кунанд.

Одамони беайбро бе пурсупос задани сардорон беадолатӣ буд. Акнун Павлусу Сило бо захмҳои хуншор дар зиндони хунуку торик буданд. Онҳо чӣ ҳис мекарданд?

## 5. Зиндонбон наҷот меёбад (16:25 – 34)

Павлус ва Сило афсӯс намехӯрданд, ки бегуноҳ ҷазо диданд ва Худоро айбдор намекарданд, ки онҳоро тарк кард. Онҳо аз сидқи дил миннатдор буданд, ки ба хотири Масеҳ азоб кашиданд. Қарибии ними шаб онҳо дуо мегуфтанд ва Худоро парастиш мекарданд. Худованд ҳама вақт ба дуо ҷавоб медиҳад, аммо на ҳама вақт ба воситаи мӯъҷизаҳои аҷоиб. Ин дафъа Ӯ зилзилае ба амал овард, ки дари зиндонро кушод ва занҷирҳои ҳабсшудагонро суст кард ва онҳо метавонистанд халос шаванд.

Вақте зиндонбон ҳодисаи рӯйдодаро дарк кард, фаҳмид, ки ӯро метавонанд барои гурехтани ҳабсшудагон қатл кунанд (12:19). Ӯ шамшерро бароварда, худкушӣ карданӣ буд, аммо Павлус ба ӯ фарёд зада гуфт, ки ҳама дар ҷойҳои худ мебошанд. Зиндонбон мефаҳмид, ки ҳамаи инро Худованд кард ва аз тарс ларзида, аз Павлус пурсид, ки чӣ

гуна метавонад наҷот ёбад. Албатта Павлусу Сило ҷавоб доданд ва онҳо шод буданд, ки зиндонбон ва ҳамаи оилаи ӯ наҷот ёфтанд ва худи ҳамон шаб ғӯта гирифтанд. Чуноне ки мебинем, Павлус ва Сило дар ҳолати душвор вафодор буданд ва ба зудӣ Худо ин азобҳоро ба хурсандии бузург таБДИЛ дод. Мо бояд тайёр бошем ҳама чизеро, ки Худо мефиристад, қабул кунем ва ҳалли душвориҳоро ба Ӯ супорем.

### 6. Павлус ва Сило озод шуда, аз шаҳр мераванд (16:35 – 40)

Субҳи фардо ҳатто сардорон фаҳмиданд, ки аз ҳад гузаштанд ва зиндонбонро фиристоданд, то онҳоро озод кунад. Аммо акнун Павлус рафтан нахост. Павлус ва Сило шаҳрвандони Рум буданд ва метавонистанд ба сардорон, ки онҳоро бе доварии одилона заданд, душвориҳои зиёд биёранд. Павлус ин корро кардан намехост, вале ӯ намехост, то мардуми Филиппӣ фикр кунанд, ки муждаро шахсони беҳуқуқ мерасонданд. Дар натиҷа сардорон худашон ба зиндон омада, онҳоро озод карданд. Пас аз вохӯрӣ бо бародарон дар хонаи Лидия онҳо шаҳрро тарк карданд. Ҳамин тариқ, мужда то Аврупо расид. Миссионерон ҷонҳои наҷотёфтаро дида, хурсанд буданд ва шод буданд, ки имконияти барои Масеҳ азият кашидан доштанд, аммо аз ҳама муҳим барои онҳо он буд, ки ба сабаби азобҳои онҳо одамони зиёде наҷот ёфтанд.

## САФАР БА АТИНО ВА БОЗГАШТ БА АНТИОХИЯ

### 1. Дар Таслӯникӣ: файз ва таъқибот (17:1–9)

Шахри дигаре ки онҳо омаданд, Таслӯникӣ, пойтахти Мақдуния буд. Дар ин ҷо мисли ҳарвақта Павлус ба куништ рафта, аз Навиштаҳо мавъиза мекард, ки Масеҳ пеш аз ҷалол ёфтан мебоист азият кашад, ва низ мегуфт, ки Исо Масеҳ мебошад. Баъзеи шунавандагон ба ин бовар карданд, дигарон ин ҳақиқатро рад карданд. Яҳудиён боз

вайронкунандагони оромӣ шуда, миссионеронро дар беитоатӣ ба қайсар айбдор мекарданд. Дуруст аст, ки Павлус оиди Исо ҳамчун подшоҳ сухан меронд, вале ӯ одамонро ба беитоатӣ ба ҳокими онон даъват намекард.

Таҷрибаи Павлус дар Таслӯникӣ монанди он буд, ки дар дигар ҷойҳо шуда буд. Дар ҳақиқат, дар ҳар ҷое ки мужда бо қудрати Рӯҳи Пок расонда мешавад, натиҷааш баракат ва мухолифат мешавад. Баъзеҳо тӯҳфаи ҳаёти ҷовидониро қабул мекунанд, дигарон Масеҳро рад карда, ба ҳама чизе ки аз Худост, мухолифат мекунанд. Фаҳмидани мужда хеле муҳим аст, чунки бисёр чиз ба он вобаста аст, ки пас аз он чи шунидед, чӣ кор мекунед. Ҳангоме ки мужда расонда мешавад, барои шунавандагон муҳим аст, ки онҳо ё Худоро қабул мекунанд, ё дар боварашон устувор мегарданд.

Баъд аз хондани ҳикояти ба Таслӯникӣ рафтани Павлус таҳқиқи ду номаи вай ба калисоҳои ин шаҳр шавқовар мебошанд.

## 2. Дар Бирия: Одамон Навиштаҳоро меомӯзанд (17:10–15)

Ҳангоме ки дар як шаҳр таъқибот сар мешуд, миссионерон ба шаҳри дигар мерафтанд. Дар Бирия фиристаҳоро ба диққат ва хоҳиши бештар гӯш карданд, ва Луқо қайд намуд, ки мардуми ин ҷо аз мардуми Таслӯникӣ равшанфикртар буданд. Онҳо пайғоми Павлусро бо шавқи зиёд гӯш мекарданд, вале гуфтаҳои фиристаро кӯркӯрона қабул намекарданад. Онҳо бо диққат Навиштаҳоро меомӯхтанд, то ки ба ҳақиқати Он боварӣ ҳосил кунанд.

Дар олам таълимотҳои бисёр вуҷуд доранд, ва ҳар кадом даъвои ҳаққонияти худро мекунанд. Масеҳиён бояд ҳамаро бо Каломи Худо бсанҷанд. Мо ҳамеша метавонем аз дигарон омӯзем, аммо ҳангоме ки таълими онҳо ба Навиштаҳо мухолиф аст, мо бояд на танҳо онро рад кунем, балки дигаронро низ огоҳ кунем. Павлус устоди бузург буд, вале мардуми Бирия ҳамаро бо саволи “Худованд чӣ мегӯяд” месанҷиданд. Танҳо Навиштаи Пок сарчашмаи ҳақиқат оиди Худо ва наҷот мебошад.

Павлус, бешубҳа, аз ин ҳол хурсанд буд, зеро таълими ӯ ба Навиштаи Пок мувофиқат мекард ва бисёриҳо бовар карданд. Аммо баъзе яҳудиён аз Таслӯникӣ ба ӯ халал мерасонданд ва ӯ маҷбур буд, ки равад. Лекин Сило ва Тимотиюс боз якчанд вақт он ҷо монданд ва калисо ташкил карданд.

## 3. Атино: мардум бо шавқ гӯш мекунанд (17:16–21)

Атино маркази калони донишгоҳии дунёи қадим буд. Бисёр файласуфони бузург дар ин шаҳр мезистанд, ва одамоне буданд, ки ба таълимотҳои онҳо шавқ доштанд. Ин ҳамчунин шаҳри бисёр динӣ буд ва тимсолу суратҳои садҳо худоён дар он вуҷуд доштанд, ки мардуми Атино онҳоро парастиш мекарданд. Павлус на танҳо дар куништҳо мавъиза мекард, балки аз бутпарастии Атино сахт ҳайрон шуда, ба майдони бозор рафта, ба ҳамаи касоне ки ӯро шунидан мехостанд, гап мезад. Мардуми Атино танҳо мехостанд оиди таълимотҳои нав маълумот ёбанд, бинобар ин ҳангоме ки Павлусро шуниданд, хоҳиш карданд, ки ба онҳо ин таълими навро фаҳмонад.

Мардуми Атино мисли мардуми Бирия шавқманд буданд, аммо онҳо на танҳо ба Навиштаҳо боварӣ надоштанд, балки намехостанд пайғоми Павлусро қабул кунанд. Баъзеҳо аз файласуфони бузурги Юнони қадим ба ваҷд меоянд, аммо ақлу шуури одам бе ваҳйи Худо наметавонад ҳақиқати Худоро дарк кунад. Дар замони мо ақлҳои бузург метавонанд оиди чизҳои аҷоиб фикру зикр кунанд, аммо онҳо наметавонанд то ҳақиқат расанд, зеро ба шуури онҳо нури ваҳйи Худо нарасидааст. Барои то Подшоҳии осмонӣ расидан мо бояд чун кӯдакони хурдсол шавем.

## 4. Мардуми Атино ба пайғоми Павлус механданд (17:22–34)

Дар ин боб мо бо мавъизаи машҳури Павлус дар Атино вомехӯрем. Ӯ аз Навиштаҳо иқтибос намеовард, зеро дар назди ӯ яҳудиён не, балки бехатнаҳо меистоданд. Ӯ мегуфт, ки Офаридагор Худои муҳаббат аст, аммо Ӯ оламро барои аз Худо ҷудо шуданаш одилона доварӣ хоҳад кард. Довари ҳама он шахсе хоҳад буд, ки Худо ӯро аз мурдагон зинда кард (Худованд Исои Масеҳ). Аммо ҳанӯз Павлус суханонашро оиди Масеҳ тамом накарда мардум хандиданд, зеро ба зинда шудани мурдагон бовар надоштанд. Дигарон хушмуомилатар буданд ва гуфтанд, ки бори дигар ӯро гӯш мекунанд. Аммо ҳам онҳое ки хушмуомила буданд ва ҳам онҳое ки дағал буданд, ҳақиқатро оиди Исоро рад карданд, бинобар ин барои онҳо наҷот набуд. Лекин баъзеҳо бовар карданд ва дили Павлус ором гашт.

### 5. Дар Қӯринт: Павлус якуним сол хизмат мекунад (18:1–11)

Пас аз ин Павлус ба шаҳри калон Қӯринт омад, ки аҳолиаш асосан бехатнаҳо буданд. Дар ин ҷо ӯ бо яҳудиён Акило ва Прискила вохӯрд, ки хаймадӯз буданд. Дар хурдсолӣ Павлус ҳунари хаймадӯзиро омӯхта буд ва акнун барои рӯзгузаронӣ ӯ ба ин устоҳо ҳамроҳ шуд. Ӯ барои зиндагӣ худаш пул кор карда, муждаро ба мардум мерасонд.

Ҳангоме ки Сило ва Тимотиюс аз Бирия баргаштанд, онҳо ба мавъиза машғул шуданд ва яҳудиёни бисёр бовар карданд, аммо баъзеашон қатъиян ҳақиқатро рад карданд. Бинобар ин Павлус ба онҳо гуфт, ки боз назди бехатнаҳо рафта, ба онҳо оиди роҳи наҷот нақл кунанд. Худованд ба Павлус биниши махсус нишон дод, то ки ӯро рӯҳбаланд кунад ва фиристаҳо дар ин шаҳр ба муддати якуним сол монданд. Худованд ҳеҷ гоҳ намегузорад, ки дилхунукии мо дер давом кунад. Дар мавриди додашуда Худо мехост, ки Павлус ба бехатнаҳо мавъиза кунад, ва хизматгори фармонбардори Ӯ дар он ҷо монд, то ки хости Худованди худро ба ҷо оварад.

### 6. Павлус ба Антиохия бармегардад (18:12–22)

Дар охир яҳудиён Павлусро дастгир карда, дар назди Ғолиюни ҳоким айбдор карданд, бо умеди он ки ӯро ҷазо дода ё кушта метавонанд. Аммо Ғолиюн нахост ин айбдоркуниро гӯш кунад, чунки ин танҳо ба дини онҳо дахл дошт. Он гоҳ онҳо ғазаби худро ба Сӯстинус, сардори куништ, равона карда дар назди Ғолиюн ӯро заданд, аммо ӯ ба ин аҳамияте надод.

Бо сабаби ин Павлус ҳамроҳи Акило ва Прискила Қӯринтро тарк карданд. Ҳангоме ки онҳо то Эфсӯс расиданд, Павлус ҳамсафаронашро дар он ҷо монда, худаш ба Қайсария ва Уршалим равона шуд. Пас аз ин ӯ ба Антиохия, ки аз он ҷо хизматашро сар карда буд, баргашт (15:35 – 40). Чӣ таърихи аҷиберо оиди файзу баракати Худо ӯ мебоист ба бародарон нақл мекард!

# ДАРСИ НӮҲУМ

## *ПАҲНШАВИИ МИНБАЪДАИ ИНҶИЛ (18:23–20:38)*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Юҳанно 14:12; 2Тимотиюс 4:7–8. Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Монанди Масеҳ рафтор намудани ман далели он аст, ки ман дорои Рӯҳи Пок ҳастам.
2. Иблис мекӯшад амалҳои Худоро тақлид кунад.
3. Масеҳиён ба бутҳое ки барори кор меоваранд, мӯҳтоҷ нестанд.
4. Дар ҳаёти мо муҳаббати Худо бояд аён бошад, то ин ки дилҳои дигаронро дарёфт кунем.
5. Ҳангоме мо чизе медиҳем, назар ба гирифтан бештар шод мешавем.
6. Ҳаёти ба хизмати Худованд бахшидашуда барзиёд мукофотонида мешавад.

## ТАҶАДДУД ДАР ЭФСӮС

### 1. Сафар Павлус ва Апӯллӯс (18: 23 – 28)

Ҳангоме ки Павлус боз ҷамъомадҳои Ғалотия ва Фриҷияро, ду кишвареро, ки дар Осиёи Хурд мебошанд, хабар гирифт, Апӯллӯс ба Эфсӯс омад. Ӯ яҳудии дар Искандария зодашуда буд. Апӯллӯс суханвар ва донишманди Паймони Куҳан буд. Таълими ӯ ба ҳақиқат мувофиқ буд. Вай шунида буд, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда гуфта буд, ки Масеҳ ба наздикӣ меояд, аммо оиди Исои Масеҳ маълумоти кофӣ надошт.

Ӯро ду масеҳие ки дар куништ мавъиза мекарданд, шуниданд. Онҳо Акило ва Прискила ном доштанд ва оиди Масеҳ аз ӯ зиёдтар медонистанд. Онҳо ӯро қабул карда, роҳи Худовандро аниқтар фаҳмонданд. Акило бахшоиши мавъиза кардан надошт ва танҳо бо хаймадӯзӣ машғул буд. (18:3). Гарчанде Апӯллӯс воизи машҳур буд, ӯ мағрур нашуд ва хабари Масеҳро аз ин одамони хуб қабул кард. Аз

онҳо дониши аҷоибро қабул карда, Апӯллӯс мехост ба Юнон рафта, оиди Масеҳ, ягона Наҷоткор, мужда расонад.

## 2. Павлус дар Эфсӯс: шогирдони Яҳё (19: 1 – 7)

Он ҳангоме ки Апӯллӯс дар Қӯринт, шаҳри калони Юнон буд, Павлус дар Эфсӯс мавъиза мекард. Дар он ҷо ӯ бо дувоздаҳ шогирдон вохӯрд, ки ғӯта гирифта буданд, аммо монанди Апӯллӯс оиди Масеҳ маълумоти кам доштанд. Бинобар ин Павлус оиди Худованд Исо онҳоро таълим медод ва онҳо ба номи Ӯ ғӯта гирифтанд. Пас аз ин Рӯҳи Пок бар онҳо фуруд омад ва онҳо бо забонҳои гуногун сухан мегуфтанд, чуноне ки шогирдон дар Уршалим дар рӯзи Пантикост гап зада буданд.

Имрӯзҳо одамон пас аз наҷот ёфтан ғӯтаи масеҳиро мегиранд, аммо Рӯҳи Покро мо дар лаҳзаи аз олами боло зода шудан доро мешавем. Аломати дар дилҳои мо будани Рӯҳи Пок зоҳиршавии ҷалоли Худованд Исо мебошад. Рӯҳи Пок ба мо ёрӣ медиҳад, ки хуб, вафодор ва ба Исо монанд бошем. Агар атрофиёни мо набинанд, ки мо монанди Ӯ рафтор мекунем, бовар карданашон душвор аст, ки мо дар ҳақиқат рӯҳи Масеҳро дорем.

## 3. Павлус мавъиза мекунад ва мӯъҷизаҳои бисёр ба амал меоварад (19:8-16)

Пас аз ин Павлус се моҳ дар куништ мавъиза мекард, вале ҳангоме ки яҳудиён пайғоми ӯро оиди Масеҳ рад карданд, ӯ куништро тарк карда, дар омӯзишгоҳи Тиронус мавъизаро давом дод. Ин муддати ду сол давом мекард ва мужда ба тамоми Осиё паҳн шуд.

Худо ба Павлус барои тасдиқи ҳаққонияти мавъизааш қудрати махсус дод, то дар Эфсӯс мӯъҷизаҳои аз пештара зиёд ба амал оварад. Худованд Исо гуфта буд, ки ҳангоме Рӯҳи Пок фуруд меояд, шогирдон ҳатто аз Ӯ бештар мӯъҷизаҳо ба амал меоваранд (Юҳанно 14:12).

Ҳатто либоси Павлус қувват дошт бисёр касони бемор ва рӯҳи палид доштаро шифо бахшад.

Ҳар гоҳе ки Худо ягон амали бузургро сар мекунад, мо бояд боварӣ дошта бошем, ки иблис кӯшиш мекунад онро вайрон кунад. Агар ӯ кори Худоро боздошта натавонад, кӯшиш мекунад ба он тақлид кунад, то одамон муайян карда натавонанд, ки чӣ чиз аз Худо ва чӣ чиз аз иблис аст. Дар ин боб мо оиди ҳафт яҳудӣ мехонем, ки мехостанд бо номи Исо ва Павлус рӯҳи палидро пеш кунанд. Аммо ин натиҷае наовард ва онҳо ҷазо диданд ва шарманда шуданд. Ва дар дуоҳои мо номи Исоро истифода бурдан кам аст, мо бояд ба ваъдаҳои Худо бовари самимӣ дошта бошем.

## 4. Дар Эфсӯс бисёриҳо бовардор мешаванд (19:17 – 22)

Ҳангоме ки моҳияти фиребгаронаи кори иблис аён шуд ва ҳамаи мардуми Эфсӯс инро фаҳмиданд, номи Худованд Исо аз пештара зиёдтар шӯҳрат пайдо кард. Дар натиҷа бисёр касоне ки бо ҷодугарӣ машғул буданд, китобҳои худро оварда, оташ заданд. Ин китобҳо нархи зиёд доштанд ва онҳоро ба дигарон фурӯхтан мумкин буд. Аммо ин одамон дар ҳақиқат ба Худо бовар карданашонро бо он тасдиқ карданд, ки дигар нахостанд бо ин машғулияти шайтонӣ пул ба даст оваранд. Агар шумо монанди одамони наҷотнаёфта рафтор кунед, худро масеҳӣ номиданатон маъное надорад.

Вале бо вуҷуди ин баракати бузург, Павлус оиди масеҳиёни дигар дар Мақдуния, Юнон ва Рум фикр мекард. Ва ӯ қарор дод, ки ба боздиди онҳо равад, аммо пешакӣ Тимотиюс ва Арастусро фиристод.

## 5. Димитриюс ва устоҳои нуқрагар (19:23 – 28)

Иблис дурӯғро ба ҷои ҳақиқат нишон дода натавонист ва акнун мекӯшид дар пеши муқаддасон душвориҳои дигар монад. Димитриюс ва нуқрагарони дигар маъбадҳои Артамисро рангубор дода, даромади калон доштанд. Онҳо зеварҳои нуқрагӣ тайёр карда, бо нархи гарон ба одамоне мефурӯханд, ки гумон доштанд ин чизҳо барояшон барори кор меоранд. Ҳангоме одамон мефаҳмиданд, ки муҳаббати Худо дар Исо зоҳир шудааст, дигар ба ин чи дини пештараи

шайтонии онҳоро ёдрас мекард, майл надоштанд. Ҳангоме нуқрагарон диданд, ки даромад надоранд, Павлусро айбдор карданд ва зидди ӯ суиқасд ташкил карданӣ шуданд.

Бисёриҳо аз дини дурӯғ пули калон ба даст меоваранд. Инҳо касоне ҳастанд, ки аз ҳама зиёд кӯшиш мекунанд одамонро аз бовари ҳақиқӣ боздоранд. Онҳо бисёртар оиди пул фикр мекунанд, на оиди ҷонҳои одамӣ.

### 6. Тамоми шаҳр ба шӯр омад (19:29 – 41)

Якчанд ҳамсафарони Павлус дастгир шуданд, аммо дӯстони фириста нагузоштанд, ки ӯ ба халқ муроҷиат кунад. Тӯда муддати ду соат: "Бузург аст Артамиси эфсӯсиён" гуфта фарёд мезад. Дар охир нозири тартибот мардумро ором карда тавонист, ва онҳо фарёдзаниро бас карда, ба хонаҳояшон рафтанд. Хатар боз як бори дигар гузашта рафт, ва фириста аз таҳқир раҳоӣ ёфт. Дарки он хурсандиовар аст, ки Худо ҳамеша имконияти аз хатар раҳо додани хизматгоронашро дорад, ҳатто он вақте ки ҳолат беумед менамояд. Тарс ҳеҷ гоҳ набояд моро аз хизмати покдилона ба Худо боздорад.

## ДАР РОҲ БА УРШАЛИМ

### 1. Аз Эфсӯс ба Юнон ва бозгашт ба Трӯос (20:1–6)

Ҳангоме ки хатар паси сар шуд, Павлус аз Эфсӯс ба Мақдуния ва баъд ба Юнон, шояд ба Қӯринт, равона шуд. Вале се моҳ пас яҳудиён боз кӯшиш карданд ӯро кушанд, бинобар ин ӯ ба Осиёи Хурд ва Сурия баргашт.

Оиди ҷойҳои рафтагии Павлус ва ҳамсафарони ӯ маълумот пайдо кардан шавқовар аст. Ба ҳар ҷое ки равад, ӯ ба зану мард оиди Масеҳ мавъиза мекард, то ки ҷонҳои онҳо наҷот ёбанд. Баъзеи онҳо масеҳӣ шуданд ва ба Павлус дар хизматаш ба Худованд ёрӣ додан мехостанд. Дар ояти 4 мо номи ҳафт нафарро мехонем, ки имкон доштанд чанд муддат бо ӯ зиндагӣ ва сафар кунанд. Павлус шахси бузург буд ва қобилият дошт ба дили одамон таъсир карда, онҳоро назди Масеҳ оварад. Ҳамаи масеҳиён бояд муҳаббати илоҳӣ

зоҳир карда, нисбати дигарон нек бошанд, то онҳоро барои Худованд ба даст оваранд.

## 2. Павлус ҷавонеро зинда мекунад (20:7 – 12)

Пас аз ҳамаи ин Павлус ба Трӯос расид ва он ҷо як ҳафта монд. Якшанбе, рӯзи якуми ҳафта шогирдон дар ҳуҷрае ҷамъ шуданд, то барои ёди Худованд нон шикананд. Павлус ба онҳо бо мавъизаи тӯлонӣ муроҷиат кард, ки то ними шаб давом намуд. Ӯ аҷоиб суханвар буд ва одамон бо ҳаловат ӯро гӯш мекарданд.

Аммо қариби ними шаб ҷавоне, ки назди тиреза нишаста буд, хобаш бурда, аз ошёнаи сеюм афтид ва мурд. Павлус ба поён фаромада, ҷамъшудагонро ором кард, ки ҷавон аз нав зинда шуд. Пас аз ин Павлус мавъизаашро то субҳ давом дод.

## 3. Павлус пиёда сафар мекунад (20: 13 – 16)

Ҳамроҳи Павлус ҳафт нафар сафар мекарданд, ки номҳои онҳоро мо дар Аъмол меёбем ва мо медонем, ки Луқо, нависандаи ин китоб, низ бо онҳо буд, зеро ӯ калимаи "мо"-ро истифода мебарад. Ин шахсони барҷаста дар хизмати Худованд то чӣ андоза бо ҳам муносибати нек доштанд! Аз боби 24 ояти 17 маълум мешавад, ки Павлус ҳамроҳи ҳамсафаронаш ба бовардорони камбағали Уршалим хайрияи пулӣ мебурданд. Шояд ин яке аз сабабҳое буд, ки ӯ мехост ин қадар одамон ҳамроҳи ӯ бошанд. Пулро калисоҳои гуногун доданд ва ин одамон шоҳиди он мешуданд, ки Павлус дар ҳақиқат пулро ба ҷои даркорӣ оварда расонд. Аз тарафи дигар, он вақтҳо ки полис набуд, сафар кардан бисёр хатарнок буд. Хубтар буд, ки чанде дӯстонаш ҳамроҳ бошанд ва агар касе мехост пулҳоро дуздад, тайёр буданд ёрӣ диҳанд.

Павлус қарор дод, ки 32 километр пиёда равад ва баъд, ҳангоме ки киштӣ ба соҳил мерасад, бо дигарон ҳамроҳ шавад.

## 4. Мурочиати охирини Павлус ба пирони калисои Эфсӯс (20:17 – 27)

Павлус намехост ба Эфсӯс равад, зеро медонист, ки ин дафъа раҳои ёфтан ба ӯ душвор мешавад. Мардум шояд мехостанд, ки ӯ монад ва Каломи Худоро ба онҳо мавъиза кунад. Бинобар ин ӯ пирони калисоро даъват кард, ки бо ӯ дар бандари Милитус воxӯранд. Дар он ҷо Павлус бо онҳо муддати зиёд сӯҳбат карда, хизматашро дар байни онҳо ёдовар шуд ва оиди таъқиботи оянда таъкид намуд.

Ягон фахр накарда, Павлус оиди он сухан меронд, ки муддати се сол дар Эфсӯс ба Худованд хизмат мекард ва барои рӯзгузаронӣ худаш кор карда, мардумро оммавӣ ва дар хонаҳояшон таълим дода, оиди Масеҳ нақл мекард. Ӯ онҳоро насиҳат мекард, ки “назди Худо тавба кунанд ва ба Худованди мо Исои Масеҳ бовар кунанд” (ояти 21). Ӯ оиди “файзи Худо” гувоҳӣ медод ва оиди “Малакути Худо” (оятҳои 24, 25) шабу рӯз ҳамеша мавъиза мекард (оятҳои 18, 31). Ӯ фурсатро ғанимат дониста, бо вуҷуди зиддияти яҳудиён (ояти 19), хости Худоро мавъиза мекард (ояти 27).

Чӣ намунаи аҷоиби хизмати вафодорона ва самимии то охир ба Оне ки вай дӯсташ медошт ва ба Ӯ мансуб буд. Ҳар яки мо бояд кӯшиш кунем, ки софдилона ба Худованд хизмат кунем.

## 5. Павлус онҳоро аз хатарҳои дар пеш истода огоҳ мекунад (20:28 – 35)

Дар Эфсӯс панҷ калисои боқувват вуҷуд доштанд ва Павлус барои дар ҳақиқати Худо устувор намудани онҳо кори бисёре карда буд. Аммо ӯ медонист, ки гуноҳкорон омада, кӯшиш мекунанд кори Худовандро вайрон кунанд. Вале аз ин ҳам бадтар он аст, ки аз байни худи аъзоёни калисо шахсоне пайдо хоҳанд шуд, ки таҳрифкорона сухан хоҳанд ронд.

Павлус дар таҷрибаи шахсии худ дида буд, ки ин муаллимони дурӯғин чӣ гуна бадӣ меоварданд. Бинобар ин ӯ пирони калисоро огоҳ мекунад, ки ҳушёр бошанд ва

калисоро аз ин одамони бад муҳофизат кунанд. Дар Ваҳй 2:4 мо мебинем ки калисои Эфсӯс муҳаббати аввалаи худро тарк кардааст. Ин тасдиқ мекунад, ки иблис ҳамеша кӯшиш мекунад, то кори Худовандро вайрон кунад.

**6. Муҳаббат ва ғам (20:36 – 38)**

Оиди душвориҳои дар пеш истода онҳоро огоҳ карда, Павлус зону зада ҳамроҳи онҳо дуо гуфт, ва онҳоро ба Худо ва каломи файзи Ӯ супорид (ояти 32). Онҳо ҳама мегиристанд ва ӯро бӯса мекарданд. Аммо аз ҳама зиёд онҳо афсӯс мехӯрданд, ки дигар вайро намебинанд. Дар ҳақиқат ӯ ҳашт сол дар ин ҷо набуд, вале ӯ тасалло дошт, ки Рӯҳи Пок оиди қавми Худо ғамхорӣ мекунад. Пирон ҳам метавонистанд аз ин хурсанд шуда, ба Эфсӯс баргарданд.

## ДАРСИ ДАҲУМ

## *ҲАБСИ ПАВЛУС (21 – 24)*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 22:15; 24:25.

Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Мо бояд кӯшиш кунем, ки ба одамон писанд оем, то онҳоро назди Масеҳ оварем.
2. Бисёрии одамон метавонанд хато кунанд.
3. Худованд дар ғамхорӣ нисбати фарзандонаш вафодор аст.
4. Дар ҳама замонҳо Худо метавонад хизматгоронашро ҳифз кунад.
5. Бисёриҳо нобуд мешаванд, зеро ба Худо рӯ оварданро кашол медоданд.
6. Ба он чи накардаед, иқрор шудан нодуруст аст.

## ПАВЛУС ДАР УРШАЛИМ

### 1. Рӯҳ таъкид менамояд, ки Павлус ба Уршалим наравад (21:1 – 14)

Аз Эфсӯс Павлус ва масеҳиёне ки ба ӯ ҳамсафар буданд, роҳи худро сӯи Уршалим давом доданд. Онҳо барои боздиди масеҳиён ба муддати кӯтоҳ дар Сур ва Қайсария монданд. Дар Сур шогирдон ба воситаи илҳоми Рӯҳ ба Павлус гуфтанд, ки ба Уршалим наравад. Дар Қайсария Оғобуси пайғамбар пешгӯӣ кард, ки ӯро занҷирбанд карда, ба дасти ҳокимони бехатнаи Уршалим месупоранд.

Павлус хоҳиши сахт дошт, ки пулро ба камбағалони Уршалим шахсан расонад. Ӯ ҳамчунин хоҳиш дошт Инҷилро мавъиза кунад ва дар ин шаҳр масеҳиёнро таълим диҳад. Бисёриҳо намедонистанд, ки чӣ гуна наҷот ёбанд. Онҳо фикр мекарданд, ки барои наҷот ёфтан шариатро риоя кардан лозим аст. Дар ин оятҳо мо мебинем, ки ӯ на аз яҳудиён метарсид ва на аз бехатнаҳо, ва тайёр буд барои Худованд Исо ҳабс шавад ё бимирад. Чаро гоҳо мо метарсем, ки оиди Худованд гувоҳӣ диҳем?

### 2. Бародарон онҳоро бо хурсандӣ пешвоз мегиранд (21:15 – 26)

Ҳангоме ки онҳо ба Уршалим расиданд, бародарон аз дидори онҳо ва шунидани хушхабар оиди баракатҳои илоҳӣ бисёр хушбахт буданд. Бешубҳа, онҳо ҳамчунин барои хайрияи пулие ки миссионерҳо оварданд, шод буданд.

Аммо дар шаҳр ҳазорон бовардорони яҳудӣ буданд, ки ба Павлус бо нобоварӣ нигоҳ мекарданд, зеро фикр мекарданд, ки Павлус қоидаҳои Аҳди Қадимро риоя намекунад. Бинобар ин пирон ба Павлус пешниҳод карданд, ки расму оини муайянро иҷро кунад, ки метавонист ин яҳудиёнро ором кунад ва вайро дар байни онҳо мӯҳтарамтар гардонад. Ба мо низ халал намерасонад баъзан рафторе кунем, ки ба одамон маъқул шавем, агар ин ба тозагии гувоҳии мо оиди Масеҳ зарар нарасонад. Павлус мехост дар ҳақиқат Инҷилро бо тамоми тозагиаш ба онҳо пешкаш кунад, аммо иштирок дар ин маросими динӣ ба ӯ ин имкониятро надод.

## 3 Ҳабси Павлус (21:27 – 40)

Бо анҷомёбии ҳафт рӯз баъзе яҳудиёни ғайримасеҳӣ Павлусро дар парастишгоҳ диданд ва зидди ӯ ба шӯр омаданд. Онҳо ин имкониятро барои куштани ӯ истифода бурданӣ шуда, фурсатро аз даст надоданд. Аммо ҳангоме ки мириҳазор Клавдиюс Лисиёс инро шунид, дарҳол якчанд сарбозро фиристод, то дар он ҷо тартиботро барқарор кунанд. Онҳо Павлусро гирифта, бо ду занҷир баста, ба қалъа оварданд.

Ҳатто дар он ҷо мардум фарёд мезаданд, ки Павлусро кушанд. Аммо Павлус иҷозат пурсид, то ки бо мириҳазор сӯҳбат кунад ва ӯ дар ҳайрат монд, ки Павлус забони юнониро медонист. Павлус ба ӯ гуфт, ки ӯ яҳудӣ, шаҳрванди шаҳри машҳури Тарсус аст. Аз ин рӯ, ба ӯ иҷозат дода шуд, ки бо мардум гап занад.

Мо дар ин китоб чандин бор дидем, ки тӯдаи одамон мехостанд ҳамла карда, хизматгори Худовандро кушанд. Ин тасдиқ мекунад, ки оммаи халқ на ҳамеша ҳақ аст ва баракати Худо ба онҳое мансуб аст, ки ҷонибдори ҳақиқат мебошанд, ҳатто он вақте ки ҳама зидди онҳоянд.

## 4. Ҳимояти Павлус: ӯ рӯшноиро мебинад (22:1 – 10)

Павлус оиди чӣ хел масеҳӣ шуданаш нақл карда, аз ибтидо сар карда мегӯяд, ки ӯ дар худи Уршалим дар назди устоди машҳур Ҷамлиил маълим ёфтааст. Ӯ то он андоза ба

дини яҳудӣ вафодор буд, ки дар таъқиботи масеҳиён иштирок карда, онҳоро ба зиндон меандохт.

Баъд ӯ ба онҳо нақл кард, ки чӣ гуна дар роҳи Димишқ ӯ рӯшноии осмониро дид ва садое ӯро мепурсид, ки чаро вай Ӯро таъқиб мекунад. Пас Худованд ӯро ба Димишқ фиристод ва дар он ҷо ба ӯ гуфта шуд, ки чӣ кор кунад.

Мо аллакай оиди ин дар боби нӯҳум хондем, вале Павлус дӯст медошт нақл кунад, ки чӣ хел наҷот ёфтааст. Ин ҳайратовар нест! Сарояндаи Забур мегӯяд: “Бигзор онҳое ки Худованд наҷоташон додааст, оиди ин гап зананд”. Оё оилаи ту, ва ҳамсоягони ту медонанд, ки ту аз они Масеҳ ҳастӣ? Оё ту оиди Ӯ дар мактаб, дар кор, дар байни дӯстонат гувоҳӣ медиҳӣ? Рӯзе мерасад, ки барои ба Масеҳ мансуб буданамон фахр хоҳем кард.  Ва имрӯз мо набояд аз ин шарм дорем.

### 5. Павлус оиди биниши худ дар Уршалим нақл мекунад (22:11-21)

Павлус нақл мекунад, ки вақте ӯ ба Димишқ омад, ӯро Ҳанониё, шахси порсо, хабар гирифта гуфт, ки Худои падарони онҳо ӯро интихоб кардааст, то барои ҳамаи одамон шоҳид бошад.  Пас аз ин Павлус ғӯтаи таъмид гирифт.

Ба Уршалим баргашта, Павлус дар маъбад дуо мегуфт ва Худованд ба ӯ зоҳир шуда гуфт, ки шаҳрро тарк кунад, зеро дар ин ҷо гувоҳии ӯро қабул намекунанд. Ба ҷои ин ӯ бояд ба кишвари дуре рафта, ба бехатнаҳо мавъиза кунад. Ҳамин тариқ, хушхабари наҷот, ки яҳудиён рад карданд, ба ғайрияҳудиён дода шуд ва Павлус метавонист гӯяд, ки ҳазорон нафар аз онҳо бовар карданд. Мо мебинем, ки нақшаҳои Худо наметавонанд вайрон шаванд.  Агар касе марҳамати Ӯро рад кунад, дигароне пайдо мешаванд, ки ӯро қабул мекунанд. Мо бояд дилпур бошем, ки он чиро, ки Худованд бароямон омода кардааст, рад намекунем.

### 6. Мириҳазор Павлусро аз яҳудиён халос мекунад (22:22–30)

Пас аз ин яҳудиён дигар гӯш кардан нахостанд. Барои онҳо тасаввур кардан душвор буд, ки ғайрияҳудиён метавонанд шоистаи марҳамат шаванд. Ва онҳо боз фарёд зада, қатли Павлусро талаб мекарданд. Мириҳазор сабаби нафрати онҳоро намефаҳмид ва амр кард, ки Павлусро қамчин зананд, то ки сабаби нафрати онҳо маълум гардад. Аммо вақте Павлус гуфт, ки ӯ шаҳрванди Рум мебошад, мириҳазор ин корро накард, зеро ин ҷазо хилофи қонун буд ва ӯро ба муҳофизаи худ гирифта, тамоми шаб нигоҳбонӣ карданд. Мо боз як бори дигар боварӣ ҳосил мекунем, ки Худованд ба хизматгори вафодори Худ ғамхорӣ мекунад ва ин имрӯзҳо ҳам дигар нашудааст.

## ПАВЛУС БА ҚАЙСАРИЯ РАВОНА МЕШАВАД

### 1. Дар шӯрои пирон дар Уршалим (23,1–11)

Субҳи фардо мириҳазор фармуд, то ки саркоҳинон ва ҳамаи шӯрои пирон ҷамъ шаванд ва Павлусро назди онҳо овард. Ҳангоме Павлус гуфт, ки ӯ ҳамеша мекӯшид бо виҷдони пок назди Худо зиндагӣ кунад, саркоҳин чунон хашмгин шуд, ки ба сарбозони дар наздикӣ истода фармуд, то ӯро зананд. Ин ба андозае беадолатона буд, ки Павлус вайро девори сафедшуда номид. Аммо пас аз он ки саркоҳин будани вайро фаҳмид, бахшиш пурсид, зеро дар Навиштаи Пок гуфта шудааст: “Ба пешвои қавми худ носазо нагӯй”.

Бешубҳа, худдорӣ кардани Павлус душвор буд, ҳангоме ӯро мезаданд, аммо мо медонем, ки ҳангоме бо Худованд Исо чунин рафтор мекарданд, Ӯ пур аз сабр ва марҳамат буд. Сарбозони румӣ Ӯро мezаданд, аммо Ӯ ба бадӣ бо бадӣ ҷавоб надод (Юҳанно 18:23).

Байни фарисиён ва саддуқиён баҳс ба амал омад. Бо сабаби зиёд шудани ҷанҷол мириҳазор барои Павлус тарсида, фармуд, ки ӯро ба қалъа баранд. Аммо шаби оянда Худованд ба фириста зоҳир шуда, ба ӯ ваъда дод, ки ӯ метавонад дар Рум оиди Худо гувоҳӣ диҳад.

## 2. Чил нафар қасам ёд карданд, ки Павлусро кушанд (23:12-24)

Вақте яҳудиён фаҳмиданд, ки боз ҳам Павлусро кушта наметавонанд, баъзеи онҳо қасам ёд карданд, ки то даме ӯро накушанд, чизе намехӯранд ва наменӯшанд. Онҳо ният доштанд аз мириҳазор хоҳиш кунанд, ки фиристаро пеши саркоҳин биёранд ва дар роҳ ба шӯрои пирон ӯро қатл кунанд. Аммо, хушбахтона, ҷияни Павлус оиди суиқасд шунида, ба фириста хабар расонд. Ҳангоме ки мириҳазор аз ин бохабар шуд, ба 470 сарбоз фармуд, ки Павлусро посбонӣ карда, назди ҳокими Қайсария баранд.

Мо мебинем, ки иблис боз ҳар гуна ҳилаҳоро истифода мебарад, то ба ходимони Худо ҳамла кунад. Аҳамият диҳед, шахсоне ки худро ниҳоят порсо меҳисобиданд, мехостанд ба куштор даст зананд. Мо ҳамчунин мушоҳида мекунем, ки Худо ҳамеша омода аст қавми Худро муҳофизат кунад ва ба шоҳидони самимии Худ ёрӣ диҳад. Мо бояд боварӣ дошта бошем, ки бо фарзандони Худо наметавонад чизе рӯй диҳад, ки Падар надонад ва Ӯ барои аз хатар халос шудан ёрӣ медиҳад. Мо ҳатто номи ҷияни Павлусро намедонем, аммо ӯ бо виҷдони пок корашро иҷро кард. Дар натиҷа Павлус метавонист боз нӯҳ соли дигар ба Худо хизмат кунад.

## 3. Мириҳазор Павлусро ба Қайсария мефиристад (23:25-35)

Феликс ҳокими Яҳудо буд, ки аз тарафи Рум таъин шуда буд. Мириҳазор фикр мекард, ки барои Павлус бехавфтар он аст, ки аз Уршалим дуртар, зери муҳофизати худи Феликс бошад. Ӯ нома навишта, дар он фаҳмонд, ки Павлус шаҳрванди Рум буда, амале сазовори қатл ё ҳабс накардааст. Баъд ӯ оиди суиқасди яҳудиён нақл карда, мегӯяд, ки бо ин сабаб ӯро назди ҳоким мефиристад. Сарбозон то ними роҳ Павлусро пиёда ҳамроҳӣ карда, сипас ӯро ба сарбозони савора супурданд, то ӯро назди ҳоким баранд ва баъд баргаштанд. Номаро хонда, Феликс аз

Павлус пурсид, ки ӯ аз кучост ва фармуд ки то вақти доварӣ ӯро посбонӣ кунанд.

Румиён бо муносибати худ ба қонун ва тартибот машҳур буданд, гарчанде баъзе ҳокимон беадолат буда, аз қудрати худ суиистифода мекарданд. Мо медонем, ки Пилотус, ҳокими румӣ, ба яҳудиён гузашт кард, ҳангоме онҳо марги Худовандро талаб мекарданд. Дар Аъмол мо одамони бисёреро мебинем, ки бояд қонуни Румро иҷро мекарданд, аммо ҳангоме метавонистанд каме пул гиранд, ноҳақ рафтор мекарданд.

## 4. Тартуллӯс Павлусро дар назди Феликс айбдор мекунад (24:1 – 9)

Пас аз панҷ рӯз аз Уршалим саркоҳин бо ҳамроҳии пирон омад, то ки Павлусро айбдор кунад. Ҳамроҳи онҳо суханвар бо номи Тартуллӯс буд, ки дар доварӣ бо айбдоркунии Павлус баромад кард.

Дар аввал ӯ дар ҳаққи ҳоким бисёр суханҳои хушомадгӯёна гуфт, ва баъд эълон кард, ки Павлус намояндаи куфри Носирӣ буда, мехост ғайрияҳудиёнро ба парастишгоҳи пок биёрад. Яҳудиёни бо ӯ буда тасдиқ карданд, ки гуфтаҳои ӯ рост аст. Қисман ин рост буд, вале Тартуллӯс мекӯшид ҳама чизро то ҳадди имкон аз нуқтаи назари бад нишон диҳад, то ки ҳоким аз Павлус бадгумон шавад. Чизеро каму беш аз нуқтаи назари дуруст баҳо дода, айбномаи дурӯғ тайёр кардан имкон дорад. “Худо мехоҳад, ки ҳар як калима ҳақиқат бошад”.

## 5. Ҷавоби Павлус ба Феликс (24:10–21)

Павлус дар Уршалим ягон хел бетартибӣ карданашро инкор мекард. Ӯ дар шаҳр фақат дувоздаҳ рӯз буд, то ки хайрияро супорад, ва на дар шаҳр, на дар маъбад мавъиза накардааст. Аммо ӯ розӣ шуд, ки аз нуқтаи назари онҳо ӯ муртад буд, зеро ки Исоро пайравӣ мекард, вале ба Паймони Куҳан ва зиндашавии мурдагон бовар дошта, Худои падарони онҳоро парастиш мекард. Павлус тайёр буд, ки агар нодуруст рафтор карда бошад, ҷавоб диҳад, ғайр аз иқроршавӣ дар ҷинояте ки содир накардааст. Ӯ (чун

ҳамеша) бо шодӣ оиди бовараш ба Худованд Исо нақл мекунад, ҳатто ҳангоме ки он барояш хавфи марг дорад.

**6. Феликс тарсид, аммо Павлусро дар зиндон монд (24:22–27).**

Феликс қарор дод, ки то омадани мириҳазор аз Уршалим интизор шавад. Ӯ ба Павлус озодии даркориро дод, аз ҷумла вохӯрданро бо наздиконаш. Мо медонем, ки Луқо ҳамроҳи ӯ буд, Филипп дар Қайсария мезист ва дигарон ӯро хабар мегирифтанд.

Ҳангоме ки Феликс бо занаш меомад, Павлус мекӯшид ин имкониятро истифода бурда, ба онҳо мужда расонад. Мужда ба Феликс таъсири калон расонд, вале ӯ ба ҷои Худовандро қабул кардан ин масъаларо мавқуф мегузошт. Чандин миллион одамон ҷовидона нобуд мешаванд, зеро ҳадияи наҷоти илоҳиро қабул накарданд. Диққати Феликс бисёртар ба пул ҷалб буд ва умед дошт, ки Павлус ба ӯ пул пешниҳод мекунад, то ки озод шавад. Ӯ ҳамчунин мехост ба яҳудиён мақбул шавад, бинобар ин боз ду соли дигар Павлусро дар зиндон нигоҳ дошт.

## ДАРСИ ЁЗДАҲУМ

***МУРОҶИАТ БА ҚАЙСАР (25 – 26)***

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 26:19

Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Ҳангоме ки Масеҳ меояд, Ӯ ҳамаро ба тартиби муайян меоварад.
2. Инҷил барои фахри динӣ ҷой намегузорад.
3. "Қариб наҷотёфта" будан маънои нобуд шуданро дорад.

## ПАВЛУС ДАР НАЗДИ ФЕЛИКС ҶАВОБ ДОДА, ДОВАРИИ ҚАЙСАРРО ТАЛАБ МЕКУНАД (25:1 –12).

Феликс чунон хокими беинсоф буд, ки дар охир ҳокимияти Рум ӯро аз вазифа озод кард. Ҳангоме ки ба ҷои ӯ Фестус омад, ки Павлусро ҳанӯз дар зиндон дарёфт. Фестус ҳам ҳокиме буд, ки ба яҳудиён хуш омадан мехост. Аммо ҳангоме ки яҳудиён боз маслиҳати куштани Павлусро карданд, ӯ вайро ба Уршалим нафиристод. Зиёда аз ин, ӯ фармуд, ки ба Қайсария биёянд ва айбномаи худро зидди Павлус дар доварӣ пешниҳод кунанд.

Аз Уршалим яҳудиён бо айбдоркуниҳои зиёди бардурӯғ зидди Павлус омаданд. Фестус аз Павлус пурсид, ки оё мехоҳад барои доварӣ шудан ба Уршалим равад, вале Павлус рад кард. Ҳамчун шаҳрванди Рум, ӯ ҳақ дошт доварии худи қайсарро дар Рум талаб кунад. Ҳангоме Павлус фаҳмид, ки дар ин ҷо, дар замини яҳудиён, ҳеҷ гоҳ доварии одилонаро намеёбад, маҷбур буд ба қайсар муроҷиат кунад. Дар ин дунё бисёр вақт одамон наметавонанд ба адолат муваффақ шаванд, ва чунин метобад, ки фиреб тантана мекунад.

Аммо замоне мерасад, ки Худо, Довари одил, ба ҳама мувофиқи корҳояшон сазо медиҳад (2Таслӯникиён1:6).

## ФЕСТУС БА ПОДШОҲ АҒРИПОС ОИДИ ПАВЛУС НАҚЛ МЕКУНАД (25:13–22)

Пас аз чанд рӯз подшоҳ Ағрипос ва Бернико ба Қайсария омаданд, то ки Фестусро бо ҳоким таъин шуданаш табрик кунанд. Фестус ба Ағрипос оиди Павлус ва айбдоркунии сахти яҳудиён нақл кард, ва ҳамчунин гуфт, ки Павлус доварии қайсарро талаб кардааст. Подшоҳ Ағрипос оиди Павлус бисёр шунида буд ва мехост хубтар бо ӯ шинос шавад. Онҳо қарор доданд, ки рӯзи оянда ӯро гӯш кунанд.

Ағрипос номи дигар дошт, Ҳиродус. Ӯ писари подшоҳ Ҳиродус буд, ки Яъқубро ба шамшер кушт (Аъмол 12:2,2). Бобокалони ӯ кӯшиш карда буд, ки Худованд Исоро кушад (Матто 2:13). Амаки падари ӯ, ки низ Ҳиродус ном дошт, пеш аз марги Худованд Исо ба Ӯ истеҳзо карда буд (Луқо 23:11). Ҳамаи инро ба назар гирифта, Павлус, шояд, дарк мекард, ки аз ин шахс Ҳукми одилонаро интизор шудан мумкин нест. Аҷоиб менамояд, ки чунин одамони бераҳм бояд хизматгори содиқи Худованди бузургро доварӣ мекарданд. То замони хозира Худо ҳокимиятро ба дасти гуноҳкорон додааст. Аммо бо наздикӣ Ӯ доварие ба амал хоҳад овард, ки ҳамаи беадолатию гуноҳ ошкор шуда, ҷазо дода мешаванд.

## ИБТИДОИ ДОВАРӢ (25:23 – 27)

Аллакай бори чорум Павлус ба халқ муроҷиат карда, худро сафед мекард. Аз он вақте ки тӯдаи мутаассибон дар Уршалим қариб ӯро пора-пора мекарданд, зиёда аз ду сол гузашт.

Чун вақташ фаро расид, Ағрипос ва Бернико бо ҳашамати зиёд ҳозир шуданд. Ҳамроҳи онҳо одамони номдори шаҳр буданд. Ниҳоят Павлусро оварданд, ва Фестус ӯро шинос намуд. Вай фикр мекард, ки маҳбусро бе айбдоркунии аниқ назди қайсар фиристодан нодуруст мебошад.

То чӣ андоза Павлус ва довари ӯ аз ҳам фарқ доранд! Мо дидем ки Аҕрипос чӣ гуна бадкор аст. Ӯ бо Бернико, ки зани никоҳии вай набуд, дар гуноҳ зиндагӣ мекард. Фестус одилтар буд, аммо ӯ кӯшиш мекард, ки ба одамон писанд ояд, ва агарчи мебоист Павлусро озод кунад, ин корро накард. Павлус, чуноне ки мо минбаъд хоҳем дид, имкони сафед кардани худро пайдо намуда, чун ҳамеша оиди Худованд Исо гувоҳӣ медод.

## ҲИМОЯТИ ПАВЛУС: ДИНИ ПЕШИНАИ Ӯ (26:1 – 11)

Барои Павлус таъқиботи яҳудиён нофаҳмо буд, зеро ӯ ҳамеша яҳудии порсо буда, пештар назар ба дигарон ғайрати бештаре зоҳир мекард. Ҳақиқати муҳимтарини дини яҳудиён он буд, ки онҳо интизори Масеҳ ё подшоҳ буданд, ки Христос низ номида мешуд. Аммо ҳангоме ки Ӯ омад ва Павлус ба Ӯ бовар кард, яҳудиён ӯро барои ин кораш куштан мехостанд!

Дин ҳамеша ба Масеҳ муқобилат мекард. Тамоми динҳои олам мегӯянд: “Ин кор ё он корро бикун ва наҷот хоҳӣ ёфт”. Дар ин ҳолат одам метавонад бо чизе фахр кунад. Вале Масеҳ мегӯяд: “Ман нархи наҷоти туро додам, Ман ҳама корро кардам ва ин хизматро ба анҷом расонидам”. Ҳамин тариқ, барои фахри одам ҷой намемонад, ва бинобар ин пешвоёни дин аз муждаи Масеҳ нафрат мекунанд.

## ҲИМОЯТИ ПАВЛУС: Ӯ МАСЕҲРО ЁФТ (26:12 – 23)

Аллакай бори сеюм дар Аъмол мо нақлро оиди бовар кардани Павлус мехонем. Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳӣ буда, чизи зиёдатӣ надорад. Ҳеҷ чиз бе сабаб илова нашудааст ва ҳеҷ чизи фоиданок партофта нашудааст. Барои ҳамин бори сеюм ҳикояти бовар кардани Павлусро хонда, мо аҳамияти ин ҳодисаро мефаҳмем. Таъқибкунандаи бадхашмтарини масеҳиён худаш масеҳӣ шуд. Зиёда аз ин, ӯ яке аз бузургтарин хизматгорони Масеҳ шуд. Худи Павлус ҳеҷ гоҳ нақл карданро бас намекард, ки

чӣ гуна Худо бо меҳрубонии Худ ҷони ӯро наҷот дод. Ӯ мегӯяд, “Ман ба биниши осмонӣ нобоварӣ накардаам”.

Агар Худо ба шумо имкон дод, ки Исои Масеҳи дар салиб барои гуноҳҳои шумо мурдаистодаро бинед, ба биниш зиддият накунед ва Наҷоткори худро рад накунед. Агар Ӯ ба шумо бинише фиристода, зоҳир намуд, ки бояд ба ӯ дар кишвари дур хизмат кунед, набояд рад кунед.

## ОНҲО ҚАРОР ДОДАНД, КИ ПАВЛУСРО БА РУМ ФИРИСТАНД (26:24–32)

Ҳангоми сухани Павлус Фестус гумон кард ки Павлус девона шудааст. Подшоҳ Ағрипос гуфт: “Кам мондааст маро тарғиб намоӣ, ки масеҳӣ шавам”. Ҳеҷ кадоми онҳо ба гуфтаҳои Павлус бовар накард. Баъзеҳо муждаро бо нафрат рад карда, масеҳиёнро беақл номиданд. Дигарон, қариб омода буданд ростиро қабул намоянд. “Қариб фоида намеоварад. Қариб — маънои ноомади корро дорад. Ғамангез, хеле ғамангез садо медиҳад:” Қариб буд наҷот ёбад, вале фурсати худро аз даст дод”. Бигзор шогирд худи ҳозир дилпур бошад, ки ӯ дар ҳақиқат наҷот ёфтааст. Агар чунин набошад, худи ҳозир, дер накарда, худро ба Масеҳ супоред. Ӯ шуморо қабул мекунад, наҷот медиҳад ва ҷовидона нигоҳ медорад.

## ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

## *ХАТАРҲО ВА ЗИНДОН (27 – 28).*

Оятҳо барои аз ёд кардан: Аъмол 27:25; 28:24.

Лаҳзаҳои асосии дарс:

1. Ба ҷои он ки худамон нақша кашем, мо бояд ба хости Худо пайравӣ кунем.
2. Беҳтарин роҳбар касест, ки бо Худо муносибат дорад.
3. Худо метавонад рухсат диҳад, ки мо бо душвориҳо дучор шавем, аммо Ӯ ҳеҷ гоҳ моро тарк намекунад.
4. Бисёрии одамон барои некӣ миннатдорӣ изҳор мекунанд.
5. Ҳангоме ки мужда расонда мешавад, баъзеҳо бовар мекунанд, аммо баъзеи дигар бовар намекунанд.
6. Таърихи Аъмол имрӯзҳо ҳам идома дорад.

### САФАР БА РУМ

### 1. Павлус, Луқо ва Юлиус: онҳо то Крит расиданд (27:1–8).

Баъд аз қарор оиди ба Рум назди қайсар равона кардани Павлус ӯро ба дасти мирисад бо номи Юлиус супориданд, ки бояд дар роҳ Павлусро ҳамроҳӣ мекард. Луқо, табиби дӯстдошта ва боз як масеҳӣ бо номи Аристарх низ ӯро ҳамроҳӣ мекарданд.

Киштиҳои хурде ки он замон истифода мебурданд, мустаҳкам набуданд ва маллоҳон маҷбур буданд то қадри имкон ба соҳил наздик бошанд. Дар аввал киштӣ дар Сидӯн лангар партофт ва мирисад бо меҳрубонӣ ба Павлус рухсат дод, ки ба соҳил фарояд ва бо дӯстонаш вохӯрад. Баъд аз ин ба Қиприс, ҷазираи калоне расиданд, ки дар ин ҷо Павлусу Барнаббо ҳангоми сафари якуми миссионерӣ мавъиза мекарданд. Онҳо боз ба соҳил фаромаданд ва ба киштии дигаре савор шуда, то Крит расиданд.

Пас аз муомилаи дағали яҳудиён, дидани некии мирисади румӣ ба Павлус форам буд. Худо ҳамеша оиди халқи Худ ғамхорӣ мекунад ва ҳеҷ гоҳ дӯст доштани онро бас намекунад. Аммо дар пеш, чуноне ки мо мебинем, душвориҳои зиёде буданд.

## 2. Тӯфон дар баҳр (27:9 – 20)

Дар бист соли охир Павлус таҷрибаи калони сафарҳои дурро ба даст овард, ҳам дар баҳр ва ҳам дар хушкӣ. Шояд Худованд ба ӯ махсусан маълум намуд, ки онҳоро хатаре дар пеш аст, бинобар ин Павлус таъкид кард, ки хубаш зимистонро дар Бандари Нек гузаронем, зеро дар ин фасли сол баҳри Миёназамин бениҳоят нооором буда метавонад. Аммо мирисади румӣ бисёртар ба сардори (капитани) киштӣ ва соҳиби он боварӣ мекард ва қарор қабул карда шуд, ки ба бандари дигаре ки ҳамагӣ бист мил дуртар буд, раванд ва он ҷо зимистонро гузаронанд.

Дар аввал бод суст буд ва сафар бехатар менамуд, аммо дере нагузошта тӯфон бархост ва онҳо якчанд мил аз роҳ берун шуданд. Киштӣ идора карда намешуд ва онҳо борҳо ва ҳатто чизҳои шахсии худро ба баҳр партофтанд. Осмонро абрҳо фаро гирифта буданд, ва на ситора, на офтоб муддати чанд рӯз аён набуд, ва онҳо имкон надоштанд дар куҷо буданашонро маълум кунанд. Дар охир онҳо ноумед шуданд, ки ягон вақт ба соҳил мерасанд.

Бисёр нақшаҳо ба хости Худо мувофиқат намекунанд, гарчанде дар аввал чунин метобад, ки вазъият хуб аст. Аммо ба зудӣ самти бод иваз мешавад ва шикастани киштӣ ногузир менамояд. Шояд, ин одамон фикр мекарданд, ки аз аввал бояд ба маслиҳати Павлус гӯш медоданд.

## 3. Павлус мусофиронро дилбардорӣ мекунад (27:21–26)

Аз аввал Павлус огоҳ карда буд, ки ба сафар набароянд, акнун бошад ӯ онҳоро бовар кунонд, ки бо вуҷуди хато ва душвориҳо ҳеҷ кадоми онҳо ҳалок намешавад. Павлус ба Худо бовар мекард ва дигаронро низ дилбардорӣ карда, бовар мекунонд, ки ба ваъдаи ӯ бовар кунанд.

Дар ин ҷо мо мебинем, ки Павлус гарчанде маҳбус буд, иродаи Худо ва ояндаро аз посбонҳояш хубтар медонист. Ин ҳамеша ҳамин хел аст. Шахсе, ки бо Худо муносибат дорад ва мехоҳад иродаи Ӯро иҷро кунад, аз одамон

наметарсад ва илтифоти онҳоро намеҷӯяд. Чунин шахс аз касоне ки вонамуд мекунанд, гӯё ҳамаи қудрат дар дасти онҳост, болотар меистад.

## 4. Дастаи киштиронҳо кӯшиш мекунанд, ки киштиро тарк кунанд (27:27 – 32)

Павлус гуфт, ки онҳо бояд ба ҷазирае партофта шаванд ва дар рӯзи чордаҳум ба назари мусофирон менамуд, ки онҳо аз соҳил дур нестанд. Қаиқи наҷотӣ бениҳоят хурд буд ва ҳамаро ғунҷонда наметавонист, барои ҳамин баъзе баҳрнавардон мехостанд пинҳонӣ бо қаиқ киштиро тарк карда, дигаронро ба дасти тақдир супоранд.

Павлус мирисадро оиди фиреб огоҳ карда, маслиҳат дод, ки инро пешгирӣ кунанд. Пас аз ин сарбозон бандҳои қаиқро буриданд ва он ба баҳр афтид. Мо мебинем, ки марди Худо, гарчанде маҳбус аст, дар ҳақиқат ҳолати корро идора мекунад. “Ман онҳоеро ки маро ҳурмат мекунанд, дӯст хоҳам дошт”. Баъзеҳо ҳамеша ҳангоми наздик шудани нохушӣ худро ба канор мекашанд ё пинҳон мешаванд. Ва барои онҳо фарқ надорад, ки бо дигарон чӣ мешавад, онҳо танҳо оиди хоҳишҳои худпарастонаи худ ғамхорӣ мекунанду халос.

## 5. Павлус хоҳиш мекунад, ки одамон хӯрок хӯранд (27:33 – 37)

Тӯфон чунон сахт буд ва одамон он қадар тарсида буданд, ки муддати ду ҳафта чизе нахӯрданд. Онҳо то ин дам дар ҳолати тангдилӣ буданд ва Павлус онҳоро таскин дод, ки онҳо наҷот меёбанд. Барои ин онҳо бояд хӯрок хӯранд ва каме қувват гиранд, то ки то соҳил расида тавонанд.

Пас аз ин Павлус нонро гирифта пора кард ва Худоро шукргузорӣ карда, ба хӯрдан сар кард. Ҳангоме онҳо инро диданд, рӯҳбаланд шуда хӯрок хӯрданд. Ҳамагӣ дар киштӣ 276 нафар буданд. Онҳое ки ғамхории Худоро намедонанд, дар замонҳои душвор осоиштагӣ ва худидоракуниро гум

мекунанд. Аммо ҳангоме ки шумо ба Худо таваккал мекунед, на танҳо оромона ҳақиқати ҳолро баҳо медиҳед, балки метавонед ба дигарон ёрии калон расонед.

### 6. Ҳама наҷот ёфтанд (27:38–44)

Ҳангоме ки субҳ дамид, онҳо дар ҳақиқат заминро диданд. Аммо шамол ҳоло ҳам сахт буд ва ба самти соҳил мевазид. Онҳо бодбонҳоро бардошта, бо умеди ба халиҷи хурде расидан ба сӯи замин равона шуданд. Киштӣ ба пастоб нишаст ва мавҷҳои сахт қисми ақиби киштиро зада мешикастанд. Хатари ғарқ шудани киштӣ пайдо шуд. Сарбозон барои маҳбусон ҷавобгар буданд ва агар онҳо мегурехтанд, онҳоро мекуштанд (12:19 ва 16:27), бинобар ин онҳо хостанд маҳбусонро кушанд, аммо мирисад, ки мехост Павлусро халос кунад, онҳоро аз ин кор боздошт. Оқибат, чуноне ки Павлус гуфта буд, ҳамаи онҳо то соҳил расида, наҷот ёфтанд. Худо ҳамеша ваъдаҳои Худро иҷро мекунад ва барои халқи Худ ғамхорӣ мекунад.

# ПАВЛУС БА РУМ МЕРАСАД

## 1. Сокинони Малит ба мусофирони наҷотёфта ёрӣ медиҳанд (28:1–6)

Ҳангоме ки онҳо то соҳил расиданд, ҳанӯз борон меборид ва хунук буд. Сокинони ҷазира, ки Малит (ё Малта) ном дошт, меҳмоннавозӣ карда, гулхан афрӯхтанд, то ки мусофирон гарм шаванд. Мо мебинем, ки ҳангоми ҳамаи душвориҳо Павлус, марди мансуби Худо, роҳбари ҳақиқӣ буд. Акнун, ҳангоме ки ӯ қариб шастсола буд ва баробари ҳамаи онҳо беқувват шуда буд, барои гулхан ҳезум овард. Ҳангоме ки ӯ навдаҳоро ба оташ мегузошт, море ба дасташ овезон шуда, ӯро газид. Аммо Павлус дасти ҳифзкунандаи Худоро ҳис мекард ва ба ҷои воҳима кардан морро ба оташ партофт.

Мардуми маҳаллӣ аввал фикр карданд, ки дар назди онҳо одамкуш мебошад, зеро агарчи дар об ғарқ нашуд, Худо роҳ намедиҳад, ки ӯ зинда монад. Аммо ҳангоме бо Павлус чизе рӯй надод, онҳо фикрашонро дигар карда, қарор доданд, ки ӯ Худост. Онҳое ки Худоро мешиносанд, медонанд, ки Ӯ ходими Худро аз хатарҳои баҳр ва морҳои заҳрдор нигоҳ медорад.

## 2. Павлус дар ҷазира беморонро шифо медиҳад (28:7–10)

Сардори ҷазира Публиюс ба Павлусу Луқо муомилаи хуб карда, онҳоро ба муддати се рӯз дар хонааш қабул кард. Худо дар пеши ҳеҷ кас қарздор намемонад, ва Ӯ ба Павлус қудрат дод, то ки падари Публиюсро, ки бемории табларза дошт, шифо диҳад. Барои баён кардани миннатдории худ сокинони ҷазира ҳамаи лавозимоти роҳро ба Павлус ва Луқо оварданд.

Ҳатто бехатнаҳо ба некӣ ҷавоб медиҳанд. Худованд, ҳангоме ки Ӯ дар замин буд, дар ҳама ҷо некӣ мекард. Мақсади масеҳии мо дар он аст, ки ба ҳар каси вомехӯрда некӣ карда, “муҳаббати Худоро лоиқи боварӣ гардонем”.

Агар  мо чунин рафтор кунем, мардум ба гувоҳии мо оиди муҳаббати Худо гӯш медиҳанд.

### 3. Бародарон дар Рум Павлусу Луқоро пешвоз мегиранд (28:11–16)

Пас аз се моҳ онҳо боз ба роҳ баромаданд, то ки сафари худро ба охир расонанд. Дар бандар бозистода, онҳо  якчанд масеҳиро вохӯрданд ва ҳафт рӯз дар он ҷо монданд. Ҳангоме ки онҳо ба Рум наздик шуданд, бародарон ба пешвози онҳо баромаданд ва онҳоро дида, Павлус таскин ёфт ва Худоро шукр гуфт. Ӯ ин вохӯриро солҳои зиёд бесаброна интизор буд; (ниг. Румиён 1:10 – 13), ки се сол қабл аз ин навишта буд. Павлус ду сол маҳбус буд ва дар роҳ ба Рум бо душвориҳои зиёде вохӯрда буд. Ва дар ин ҷо бо покон вохӯрдан чӣ гуна шодии бузург буд!

Дар Рум мирисад ҳамаи маҳбусонро ба сарлашкар супорид, ба Павлус бошад иҷозат дода шуд, ки бо сарбози посбон алоҳида зиндагӣ кунад. Мирисад мефаҳмид, ки ин маҳбус аз дигарон фарқ мекунад ва Худо бо ӯст. Зиндонҳо он замон даҳшатовар буданд ва каме озодӣ доштан барои Павлус як файз буд.

### 4. Павлус яҳудиёни номдорро ҷамъ мекунад (28:17 – 22)

Пас аз се рӯз Павлус пирони яҳудиро ҷамъ намуд, то нақл кунад, ки чаро ба қайсар муроҷиат кард. Ӯ ин корро на барои айбдоркунии халқи худ, балки барои ҳимояти худ кардааст. Ӯ ба онҳо сабабҳои асосии ба Рум омаданашро гуфт.

Яҳудиёни Рум аз Уршалим номае нагирифта буданд ва оиди Павлус чизи бад нашунида буданд, бинобар ин наметавонистанд дар назди қайсар айбе зидди ӯ пешкаш кунанд. Онҳо хоҳиш доштанд оиди таълимоти Павлус бештар фаҳманд, зеро оиди он баҳсҳои бисёре буд.

Павлус гуфт, ки барои умеди Исроил занҷирбанд шудааст. Аз замонҳои Паймони Куҳан яҳудиёни вафодор умед доштанд ва интизори Оне буданд, ки пайғамбарон

пешгӯӣ кардаанд, яъне Масеҳ, Подшоҳи Исроил. Оқибат Ӯ, Исо аз Носира, омад ва Худо ҳусни тавачҷӯҳи Худро нисбати Писараш нишон дод. Қавми яҳудӣ Он Ягонаеро, ки муддати дароз интизораш буданд, рад кард, ва акнун Павлус барои ба Масеҳ бовар доштан дар зиндон буд. Ин мисоли равшани он аст, ки иблис метавонад ҳатто одамони диндорро нобино кунад.

### 5. Баъзеҳо муждаро қабул мекунанд, дигарон онро рад мекунанд (28:23–29)

Павлус хурсанд буд, ки яҳудиёни Рум бо диққат гӯш мекарданд ва ин имкониятро барои мавъизаи мужда истифода бурд. Онҳо рӯзеро муайян карда, ба хонаи Павлус омаданд, зеро ки ӯ дар парастишгоҳ мавъиза карда наметавонист. Аз субҳидам то шом дар мисоли Паймони Куҳан Павлус нишон медод, ки пешгӯиҳо оиди Масеҳ дар Исо иҷро шуданд. Дар натиҷа, чун ҳамеша, баъзеҳо ба шунидаашон бовар карданд, дигарон не.

Дар охир Павлус аз китоби Ишаъё оятеро овард, ки оиди пайғоми Худоро рад кардани қавми яҳудӣ сухан меронд. Павлус гуфт, ки азбаски онҳо муждаро қабул накарданд, ӯ маҷбур аст чун пештара назди ғайрияҳудиён равад. Баъд аз ин яҳудиён бо ҳам баҳс карда, пароканда шуданд. Аммо онҳое ки аз рӯшноӣ рӯй мегардонанд, торикии зулмотро меёбанд.

### 6. Павлус ду сол бо харҷи шахсии худ зиндагӣ мекунад (28:30 – 31)

Китоби Аъмол ибтидои Калисо аст ва оиди паҳншавии Инҷил дар рӯи замин нақл мекунад. Мо оиди Павлус хондем, аммо Луқо ҳамаи таърихро то охир тасвир намекунад. Дар асл ин таърих то имрӯзҳо идома дорад. Шогирдони Худованд то ҳоло фармонбардорона фармудаҳои Ӯро иҷро карда, оиди Ӯ дар тамоми замин гувоҳӣ медиҳанд. Корҳои Рӯҳи Пок имрӯз ҳам давом доранд. Шумо метавонед дар ин хизмати бузург иштирок кунед. Масеҳ умед дорад, ки шумо ҳиссаи худро мегузоред.